ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 371(091)+37.01:378
ТКБ: 74.200+74.58:74.00
М – 42

МАҲМАДСАИДЗОДА ШАҲНОЗА МАҲМАДСАИД

АМСИЛАҲОИ МУОСИРИ ХАДАМОТИ МЕТОДИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЕНАИ УМУМӢ ОИД БА ТАКМИЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Роҳбари илмӣ: Каримзода Мирзо Бадал - доктори илмҳои педагогигӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО.....3

МУҚАДДИМА.....4

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОР ДАР ШАРОИТИ НАВСОЗИИ ТАҲСИЛОТ.....27

1.1. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон 27

1.2. Нақш ва вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон.....38

1.3. Технология ва усулҳои муосири такмили ихтиоси омӯзгорон.....58

Хулосаи боби якум 68

БОБИ 2. АМСИЛАИ ХАДАМОТИ МЕТОДИИ БА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ НИГАРОНИДАШУДА 71

2.1. Асосҳои методологии таҳқиқот.....71

2.2. Асосҳои консептуалии амсилаи хадамоти методӣ 84

2.3. Тавсифи ҷузъҳои амсилаи хадамоти методӣ.....95

Хулосаи боби дуюм 111

БОБИ 3. ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШИ АМСИЛАИ ХАДАМОТИ МЕТОДИИ БА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ НИГАРОНИ-ДАШУДА 115

3.1. Таҳқиқоти озмоишии самаранокии амсилаи таҳияшуда.....115

3.2. Ҷамъбаст ва таҳлилу арзёбии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ 137

Хулосаи боби сеюм 160

ХУЛОСА.....163

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА 171

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ТИК - технологияи иттилоотию коммуникативӣ

ВТТ - воситаҳои техникии таълим

ГН - гурӯҳи назоратӣ

ГО - гурӯҳи озмоишӣ

ДТИ - донишкадаи такмили ихтисос

ДҶТИБКСМ - Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

ТИ - такмили ихтисос

ИМФ - иттиҳодияҳои методии фаннӣ

ЗС - зеҳни сунъӣ

НТҶ - ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити тағйирёбии босуръати фазои муосири таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, масъалаи сифатан навсозии фаъолияти хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ махсусан муҳим мебошад, зеро маҳз хадамоти методӣ барои таъмини рушди муттасили касбии омӯзгорон вазифадоранд. Мусаллам аст, тағйироте, ки солҳои охир дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ рух дода истодааст, ҳамгироии низоми миллии таҳсилот ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии педагогӣ барои салоҳиятмандии касбии омӯзгорони имрӯза талаботи куллан навро пеш мегузоранд. Омӯзгори муосир бояд на танҳо дониши фанниро интиқол кунад, балки дар хонандагон қобилияти худомӯзӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҳалли эҷодии мушкилоти ҳаётро низ инкишоф диҳад.

Дар иртибот ба ин, муҳаққиқ А.В. Алимов қайд мекунад, ки шаклҳои анъанавии кори методӣ, ки дар даҳсолаҳои охир дар муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор доранд, имкониятҳои худро қариб пурра аз даст додаанд ва ба навсозии назарраси мундариҷа ва шаклу усулҳо ниёз доранд. Дар ҳақиқат, бартарии чорабиниҳои расмӣ нисбат ба ниёзҳои воқеии касбии омӯзгорон, нокифоя будани фардикунонии раванди рушди касбӣ, истифодаи маҳдуди технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва ҳамкории маҳдуди эҷодӣ байни омӯзгорон дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ самаранокии хадамоти методиро ҳамчун воситаи баланд бардоштани салоҳияти касбии кормандони омӯзгорӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Илова бар ин, таҳлили таҷрибаи фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки роҳбарони хадамоти методӣ аксар вақт дар тарҳрезии амсилаҳои инноватсионии рушди касбии омӯзгорон, ки ба талаботи имрӯзаи амалияи таълим мувофиқ бошанд, бо мушкилот рӯбарӯ мешаванд.

Ғайр аз ин, аҳамияти таҳқиқоти амсилаҳои муосири хадамоти методӣ, инчунин аз навсозии доимии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ба беҳтар кардани сифат ва рақобатпазирии он нигаронида шудааст, вобаста аст. Аз он ҷумла, муҳаққиқ У.Т. Наимов муайян кардааст, ки ҳуҷҷатҳои стратегии ҷумҳурӣ зарурати таъсиси низоми муассири рушди муттасили касбии кадрҳои омӯзгориро, ки қодир бошанд навсозии саривақтии салоҳияти омӯзгоронро мувофиқи талаботи тағйирёбандаи амалияи таълим таъмин кунанд, таъкид менамоянд. Аммо, ба андешаи мо, татбиқи ин мақсад бинобар набудани амсилаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои ташкили кори методӣ дар сатҳи муассисаҳои таҳсилотӣ, ки хусусиятҳои низоми миллии таҳсилот, хусусиятҳои минтақавӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва имконоти моддию техникии намудҳои гуногуни мактабҳоро ба назар мегиранд, мушкил аст.

Дар заминаи ин таҳқиқот қайд кардан ба маврид аст, ки аҳамияти таҳияи амсилаҳои муосири хизматрасонии методӣ бо зарурати бартараф кардани фосилаи мавҷуда байни таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи рушди касбии омӯзгорон ва амалияи воқеии ташкили кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ муайян карда мешавад. Тавре ки таҳлил нишон медиҳад, бисёр ғояҳо ва равишҳои арзишманди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия шудаанд, бинобар набудани механизмҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити мушаххаси системаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор намегиранд. Дар натиҷа, зарурати таҳияи чунин амсилаҳои ташкилии хизматрасонии методӣ ба миён меояд, ки интиқоли самараноки дастовардҳои илмиро ба амалияи васеи таълимӣ таъмин кунанд ва равиши таҳқиқотӣ ва омодагии омӯзгоронро барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ тақвият диҳанд.

Мубрамии таҳқиқоти мазкур, инчунин, бо талаботи афзояндаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ барои дастгирии илмӣ ва методӣ ба хотири навсозии мундариҷа ва технологияҳои таълим, татбиқи равиши

салоҳиятнокӣ, рақамикунонии раванди таълим ва ташкили таълими фарогир муайян карда мешавад. Албатта, ҳалли ин мушкилот бидуни тағйироти сифатӣ дар низоми методӣ имконнопазир аст, чунки он бояд ба фазои эҷодкории касбӣ, таҷриба ва мубодилаи таҷрибаҳои инноватсионӣ дар байни омӯзгорон табдил ёбад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, вазифаи таъсиси чунин шаклҳои ташкилии хадамоти методӣ, ки имкон медиҳад ниёзҳои касбии инфиродии ҳар як омӯзгор ба назар гирифта шаванд, самтҳои фардии рушди касбӣ ташкил гарданд ва барои худтатбиқнамоии иқтидори эҷодии омӯзгорон шароити мусоид фароҳам оварда шавад, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Ниҳоят, мубрамияти таҳқиқот бо зарурати дарки илмии таҷрибаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ҷамъовардашуда оид ба ташкили корҳои методӣ, ошкор намудани равишу механизмҳои самарабахши рушди касбии омӯзгорон, ба танзим даровардан ва ҷамъбасти онҳо дар шакли амсилаҳои ягонаи ташкилӣ, ки барои истифодаи васеи амалӣ дар шароитҳои гуногуни фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мувофиқ бошанд, асоснок мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи такмили салоҳияти касбии омӯзгор ва нақши хадамоти методӣ дар ин раванд таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Ин аст, ки масъалаи мазкур боиси таҳияи маҷмуи васею густурдаи корҳои илмӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни мавзуи зеринро дар бар мегиранд, бахшида шудаанд. Ҳамзамон, таҳлили адабиётӣ илмӣ, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур анҷом дода шуд, нишон медиҳад, ки дараҷаи таҳқиқи мавзуъ баробарпаҳлӯ нест, баъзе ҷанбаҳо хеле амиқ омӯхта шудаанд, дигар ҷанбаҳо бошанд, хеле кам мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, махсусан, вобаста ба шароити хоси низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол наомӯхта боқӣ мондаанд.

Принсипҳои асосии рушди касбии омӯзгорон дар осори классикони педагогикаи ватанӣ, ки омӯзгорро ҳамчун як чеҳраи калидӣ дар раванди таълим, муайянкунандаи сифати таълим ва тарбияи насли ҷавон меҳисобиданд, баён шудаанд. Бешак, асарҳои олимони барҷастае аз қабили

К.Д. Ушинский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, Н.К. Крупская, П.П.Блонский, С.Т. Шатский, Ю.К. Бабанский, В.И. Загвязинский, В.В. Краевский, А.М. Новиков ва дигарон заминаи назариявӣ ва методологиро барои дарки моҳияти фаъолияти педагогӣ, қонуниятҳои рушди касбии омӯзгор ва омилҳои таъсиррасон ба самаранокии таълим бунёд кардаанд. Ин таҳқиқот, бидуни шубҳа, имрӯз ҳам муҳим боқӣ мемонанд, зеро онҳо фаҳмишҳои амиқ дар бораи моҳияти маҳорати педагогӣ ва роҳҳои рушд ва такмили онро бархӯрдоранд.

Ҷанбаҳои назариявии салоҳияти касбии омӯзгорон дар асарҳои муҳаққиқон П.Ф. Каптерев, Н.К. Крупская, А. П.Пинкевич, А.В. Луначарский, В. Я. Шулгин, М. М. Пистрак ва дигарон таҳия шудаанд, ки салоҳиятро ҳамчун хусусияти комилан касбии омӯзгор, маҷмуи дониш, қобилият, малака, хислатҳои шахсии муҳими касбӣ ва самтҳои арзишмандӣ меҳисобиданд.

Қобил ба қайд аст, ки дар адабиёти илмӣ равишҳои гуногун барои сохторбандии салоҳияти касбӣ, муайян кардани ҷузъҳои он ва муайян кардани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушд таҳия шудаанд. Баъзе муҳаққиқон ҷузъи фаннӣ-методии салоҳиятро таъкид кунанд, дигарон аҳамияти ҷузъи равонӣ-педагогиро таъкид мекунанд ва севумин қобилиятҳои муоширатӣ ё рефлексии омӯзгоронро дар мадди пеш менузранд. Ин гуногунии равишҳо, ба андешаи мо, аз як тараф, мураккабӣ ва хусусияти бисёрҷонибаи падидаи мавриди омӯзишро нишон диҳад, аз тарафи дигар он дар сохтани консепсияи комили рушди касбии омӯзгор мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меорад.

Ҷанбаҳои ташкилию педагогии фаъолияти хадамоти методии муассисаи таълимӣ дар асарҳои олимони зиёд: М. М. Поташник, Н. В. Немова, В. П.Симонов, Ю. А. Конаржевский, П. И. Третяков, В. С. Лазарев, Л. П. Илйенко, С. В. Кулневич, Г.Е. Прохорова, А.П. Ровбут ва дигарон, ки амсилаҳои гуногуни сохтори низоми кори методӣ, шаклҳо ва усулҳои рушди касбии омӯзгорон ва механизмҳои идоракунии фаъолияти методиро таҳқиқ кардаанд, омӯхта шудааст.

Қобили қайд аст, ки аксари ин таҳқиқотҳо бо истифода аз маводи низомҳои таҳсилотии Русия ва дигар давлатҳои пасошӯравӣ анҷом дода шудаанд. Ин, ба андешаи мо, зарурати арзёбии интиқодии равишҳои пешниҳодшударо дар робита ба шароити мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур дорои ғояҳои арзишманд дар бораи ташкили гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон, таъсиси ҷомеаҳои касбӣ ва истифодаи шаклҳои фаъоли кори методӣ мебошанд, ки метавонанд ба шароити мактаби тоҷикӣ мутобиқ карда шаванд.

Масъалаи таҳсилоти муттасили касбии кадрҳои педагогӣ аз ҷониби муҳаққиқон Змеев С.И. [50-52], Вершловский С.Г. [28-29], Сластёнин В.А. [108-110], Кузмина Н.В. [64-66], Митина Л.М. [76-78], Сериков В.В. [107] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Онҳо масъалаи мазкурро, одатан, дар заминаи консепсияи “Омӯзиш дар тамоми тӯли ҳаёт”, ки рушди касбиро ҳамчун раванди доимӣ ва дар доираи шаклҳои омӯзиши расмӣ дар системаи такмили ихтисос маҳдуднашаванда баррасӣ мекунад, коркард намудаанд. Дар ҳақиқат ҳам муносибати нав ба рушди касбии омӯзгорон, ба андешаи мо, фароҳам овардани шароит барои худомӯзӣ, омӯзиши ғайрирасмӣ, мубодилаи таҷриба бо ҳамкорон ва иштирок дар ҷомеаҳои касбиро дар бар гирифта, вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таълимиро ба таври назаррас васеъ мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки механизмҳои ҳамгироии рушди касбии расмӣ ва ғайрирасмии омӯзгорон дар чаҳорчӯбаи хадамоти методии мактаб, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ, ноустувор боқӣ мемонанд.

Шаклҳои инноватсионии кори методӣ бо кормандони омӯзгорӣ мавзуи таҳқиқоти як қатор олимон, аз ҷумла, Кларин М.В. [59], Сластенин В.А. [108] Хуторской А.В. [108] ва дигарон, ки зарурати гузариш аз шаклҳои анъанавӣ ба усулҳои фаъол, интерактивӣ ва ба мушкилот нигаронидашудро асоснок кардаанд, гардидааст. Зимнан, дар адабиёти илмӣ чунин шаклҳои инноватсионӣ, ба мисли маҳорати педагогӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ, семинарҳои проблемавӣ, тренингҳои омӯзишии рушди касбӣ, лоиҳаҳои шабакавӣ, ки

самаранокии худро дар шароитҳои гуногуни таҳсил собит кардаанд, ба таври муфассал тавсиф шудаанд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маҳдуд аст, аз ин рӯ вазифаи санҷиши самаранокии ин шаклҳо тариқи озмоиш ва таҳияи тавсияҳо барои дар амал ҷорӣ кардани онҳо дар муассисаҳои таҳсилотии тоҷикӣ хеле муҳим мебошад.

Махсусиятҳои рушди касбии омӯзгорон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои олимони тоҷик Муродова М.С. [80], Раҳимов А.Х. [98], Ахмедова Н.Р. [11], Назарова С.А. [82], Ҷ. Булбулов, Ҳ. Бобоев, Х. Қурбонзода, С. Собиров, Ш.А. Абдуназарзода, Г. Сафарзода, М. Аминов [98] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар онҳо вазъи корҳои методӣ дар муасисаҳои таҳсилотии кишвар таҳлил, мушкилот, зиддиятҳо муайян карда шудаанд, роҳҳои такмили низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ пешниҳод гардидаанд. Таҳқиқотҳои мазкур, бешак, дар фаҳмиши хусусиятҳои низоми миллии таҳсилот саҳми муҳим доранд, бо вуҷуди он, бояд иқрор шуд, ки амсилаҳои комили ташкили хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки тамоюлҳои муосири таҳсилот ва санҷиши озмоиширо дар бар мегиранд, дар адабиёти илмӣ қариб вуҷуд надоранд.

Ба ҳамин тариқ, аз таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ бармеояд, ки бо вуҷуди мавҷуд будани маҷмуи назарраси таҳқиқот дар ҷанбаҳои гуногуни рушди касбии омӯзгорон ва ташкили кори методӣ, масъалаи таҳияи амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба такмили салоҳиятмандии касбии омӯзгорон равона шудаанд, то ҳол кофӣ омӯхта нашудааст ва таҳқиқоти махсуси илмиро тақозо мекунад.

Проблемаи асосии таҳқиқот. Омӯзиши амсилаҳои муосири хизматрасонии методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна барои баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорон, инчунин таҳлили таҳқиқоти назариявӣ ва амалияи таълимӣ аз ҷониби мо имкон медиҳад, ки проблемаи асосии ин таҳқиқотро, ки дар зиддиятҳои байни ниёзҳои объективии низоми

муосири таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадрҳои баландихтисоси омӯзгории дорои салоҳияти касбии рушдёфта, ки қодиранд мушкилоти мураккаби таълим ва тарбияро дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ самаранок ҳал кунанд ва аз тарафи дигар, таҳияи нокифояи амсилаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта барои ташкили хизматрасонии методӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки қодиранд рушди касбии босифати омӯзгоронро бо назардошти ниёзҳои инфиродии онҳо ва шароити мушаххаси низоми таҳсилоти миллӣ таъмин кунанд, муайян созем.

Дар ҳақиқат ҳам, равишҳои анъанавии ташкили кори методӣ, ки дар даҳсолаҳои қаблӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардиданд, самаранокии худро асосан аз даст додаанд ва ба талаботи муосири рушди касбии омӯзгорон ҷавобгӯ нестанд. Чуноне таҷриба нишон медиҳад, бартарии чорабиниҳои расмӣ нисбат ба ниёзҳои воқеии касбии омӯзгорон, нокифоя будани фардикунони раванди рушди касбӣ, истифодаи маҳдуди шаклҳои фаъол ва интерактивии корҳои методӣ, ҳамгироии сусти технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ самаранокии фаъолияти хадамоти методиро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд. Ҳамзамон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилотӣ ва методистон аксаран дар тарҳрезии амсилаҳои инноватсионии кори методӣ, ки ба талаботи таҳсилоти муосир мувофиқ бошанд, ба мушкилот дучор меоянд ва ин ба набудани тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ҳалли роҳҳои ташкили санҷидашуда вобаста аст.

Илова бар ин, таҷрибаи мавҷудаи ташкили кори методӣ хусусиятҳои хоси рушди касбии категорияҳои гуногуни омӯзгоронро, ки аз рӯйи собиқаи корӣ, сатҳи тахассус, тахассуси фаннӣ ва ниёзҳои касбии инфиродӣ фарқ мекунанд, ба таври кофӣ ба назар намегиранд. Мусаллам аст, омӯзгорони ҷавоне, ки акнун фаъолияти касбии худро оғоз мекунанд, дар муқоиса бо омӯзгорони ботаҷрибае, ки кӯшиш мекунанд технологияҳои инноватсиониро омӯзанд ё таҷрибаи педагогии худро ҷамъбаст кунанд, ба шаклҳои гуногуни дастгирии методологӣ ниёз доранд. Аммо, ба андешаи мо, амсилаҳои мавҷудаи хидматрасонии методӣ одатан ба омӯзгорони сатҳи миёна

нигаронида шудаанд ва самтҳои фардии рушди касбиро пешбинӣ намекунанд. Ин ҳавасмандии омӯзгоронро барои иштирок дар кори методӣ коҳиш медиҳад ва имкониятҳои онҳоро барои рушди касбии онҳо маҳдуд мекунад.

Ғайр аз ин, мушкилоти мазкур аз сабаби таҳияи нокифояи механизмҳои арзёбии самаранокии кори методӣ ва таъсири он ба сифати раванди таълим боз ҳам шадидтар мешавад. Дар таҷрибаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ нишондиҳандаҳои расмии фаъолияти хидматрасонии методӣ, ба монанди шумораи чорабиниҳои баргузоршуда, шумораи иштирокчиён ва ҳаҷми маводҳои омодашуда бартарӣ доранд. Аммо, таъсири воқеии корҳои методӣ ба беҳтар кардани салоҳияти касбии омӯзгорон ва баланд бардоштани натиҷаҳои таълими донишҷӯён ҳанӯз таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи системаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии хизматрасонии методӣ ба миён омадааст, то ки имкон диҳад самаранокии шаклҳо ва усулҳои гуногуни рушди касбии омӯзгорон ба таври объективӣ арзёбӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, проблемаи илмии таҳқиқот аз зарурати асосноккунии назария, таҳия ва озмоиши таҷрибавии амсилаҳои муосири хизматрасонии методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ки барои рушди салоҳияти касбии омӯзгорон бо назардошти ниёзҳои инфиродии онҳо, хусусиятҳои низоми миллии таҳсилот, тамоюлҳои муосир дар рушди таҳсилоти педагогӣ ва имконоти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ нигаронида шудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои афзалиятноки рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буда, дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ва рушди касбии кадрҳои омӯзгорӣ муайян мекунанд, гузаронида шудааст. Албатта, мавзуи таҳқиқот мустақиман бо муқаррароти Лоиҳаи “Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то

соли 2030” дар самти “Тақвияти низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим” ва Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 мутобиқ буда, баланд бардоштани салоҳиятҳои кадрҳои омӯзгориро ҳамчун яке аз афзалиятҳои асосии навсозии низоми таҳсилоти миллӣ муайян мекунад ва эҷоди низоми муассири рушди касбии муттасили омӯзгоронро пешбинӣ менамояд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, бахусус бо мавзуи мукаммали илмии «Такмили низоми таълими муттасили касбии кадрҳои педагогӣ дар шароити навсозии низоми миллии таҳсилотот» ва бевосита ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзӯи “Шакл ва технологияҳои муосири инноватсионии такмили маҳорати касбии омӯзгор дар муассисаҳои таълимӣ” иртибот дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсиониро дарбар гирифта, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ нишон дода шуда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, объект ва мавзуи (предмети) он тавсиф шудаанд. Асосҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот тавсиф гардида, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф бо андешаҳо ва далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд.

Инчунин, унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқотро аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати диссертатсия бо ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ, интишороти он ва сохтору ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳқиқот - асосноккунии назариявӣ, таҳия ва санҷиши озмоишии амсилаи хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии салоҳияти касбии омӯзгорон дар шароити навсозии низоми таҳсилоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил грдидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба салоҳиятҳои касбии омӯзгорон.
2. Таҳқиқи нақш ва вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон.
3. Омӯзиши технология ва усулҳои муосири такмили ихтисоси омӯзгорон.
4. Муайян кардани асосҳои методологии таҳқиқи амсилаи хидмати методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон нигаронида шудааст.
5. Пешниҳоди асосҳои консептуалии лоиҳаи амсилаи хадамоти методӣ.
6. Тавсифи ҷузъҳои амсилаи хадамоти методӣ таҳияшуда.
7. Санҷиши самаранокии амсилаи таҳияшуда дар амалия.
8. Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои дар давоми таҳқиқот бадастомада.

Объекти таҳқиқот - раванди рушди касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми корҳои методии дохилимактабӣ дар доираи хадамоти методӣ бо истифода аз шакл, усул ва воситаҳои гуногуни таълим ва рушди касбӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот - амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миенаи умумӣ оид ба такмили салоҳияти касбии омӯзгор.

Фарзияи таҳқиқот. Самаранокии фаъолияти хадамоти методӣ дар рушди салоҳияти касбии омӯзгорон тавассути таҳия ва татбиқи амсилаи инноватсионӣба таври назаррас меафзояд, агар:

1. Хадамоти методӣ ба рушди касбии ҳар як омӯзгор дар асоси ташхиси ниёзҳои касбии инфиродии ӯ, мушкилот ва неруи рушд равиши фардӣ пешниҳод кунад ва баъдан самти рушди касбии инфиродиро таҳия намояд.

2. Мундариҷаи хадамоти методӣ ба ташаккули ҳамаи ҷузъҳои салоҳияти касбии омӯзгор, аз ҷумла ҷузъҳои фаннӣ-методоӣ, психологӣ-педагогӣ, муоширатӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва таҳқиқотӣ, бо назардошти робитаҳо ва вобастагии онҳо нигаронида шавад.

3. Ташкили хадамоти методӣ истифодаи шаклҳои гуногуни инноватсионии рушди касбии омӯзгоронро, аз қабили семинарҳои ҳалли мушкилот, семинарҳои маҳорати педагогӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, дарсҳои маҳорат, лоиҳаҳои шабакавӣ ва системаи роҳнамоӣ, ки иштироки фаъоли омӯзгоронро дар раванди таълими касбӣ таъмин мекунанд ва барои ҳамкориҳои эҷодӣ ва мубодилаи таҷриба шароит фароҳам меоранд, дар бар гирад.

4. Хадамоти методӣ ҳамчун як системаи кушодаи ҳамгирошуда бо фазои таълимии минтақавӣ ва миллӣ амал кунад ва ба омӯзгорон дастрасӣ ба захираҳои муосири иттилоотӣ, таҷрибаҳои беҳтарини таълим ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилаи касбӣ бо ҳамкасбон аз дигар муассисаҳои таълимиро тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва таъсиси ҷомеаҳои касбии маҷозӣ фароҳам оварад.

5. Самаранокии хадамоти методӣ тавассути низоми шароитҳои ташкилӣ ва педагогие таъмин карда шавад, ки ҷузъҳои зеринро дар бар гирад: эҷоди муҳити касбии ҳавасмандкунанда, ки худомӯзии пайваста ва рушди касбии омӯзгоронро ташвиқ мекунад; таҳияи сабки демократии идоракунии кори методӣ, ки иштироки фаъоли омӯзгоронро дар банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти хадамоти методӣ пешбинӣ мекунад; таъмини пойгоҳи моддӣ ва техникӣ барои татбиқи шаклҳои инноватсионии кори методӣ; рушди салоҳияти касбии менеҷерони хадамоти методӣ дар тарҳрезӣ ва ташкили системаи рушди касбии омӯзгорон.

6. Фаъолияти хадамоти методӣ барои назорати мунтазами рушди касбии омӯзгорон бо истифода аз маҷмуи усулҳои ташхисии пешниҳодкардаи мо ба роҳ монда шавад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки динамикаи беҳтаршавии салоҳияти касбии омӯзгорон арзёбӣ, самтҳои мушкилот муайян карда шаванд ва мундариҷа ва шаклҳои корҳои методӣ мувофиқи ниёзҳои касбии тағйирёбандаи омӯзгорон ва талаботи амалияи таълимӣ танзим карда шаванд.

Марҳилаҳои асосии таҳқиқот. Таҳқиқот тайи солҳои 2020 то 2025 гузаронида шуда, чор марҳилаи ба ҳам алоқамандро дар бар гирифтааст, ки ҳар кадоме бо ҳадаф, усул ва натиҷаҳои мушаххас тавсиф мешаванд.

Дар марҳилаи аввал, марҳилаи ҷустуҷӯӣ ва назариявии таҳқиқот (2020-2021), адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба рушди касбии омӯзгорон ва ташкили корҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ таҳлил гардида, таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ дар ташкили рушди касбии кормандони омӯзгорӣ омӯхта шуда, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот муайян карда шуданд. Дар ин марҳила, ҳамчунон, проблемаи таҳқиқот, объект, мавзуъ ва вазифаҳо муқаррар карда шуданд, фарзияи таҳқиқот пешниҳод, чаҳорчӯбаи консептуалӣ таҳия гардида, барои омӯзиши вазъи кори методологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкор сохтани мушкилот ва мухолифатҳои маъмулӣ дар ташкили рушди касбии омӯзгорон озмоиши муайянкунанда гузаронида шуд.

Дар марҳилаи дуюм, амсиласозӣ (солҳои 2021-2022), амсилаи назариявии хадамоти методологии муассисаи таҳсилоти миёна таҳия гардид, ки ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон нигаронида шуда, ҷузъҳои сохторӣ, мундариҷа, шаклҳои ташкилӣ, усулҳо ва воситаҳои татбиқи он муайян карда шуданд. Дар ин марҳила сохтори салоҳияти касбии омӯзгорони муосир муқаррар, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди он таҳия, воситаҳои ташхисӣ барои арзёбии салоҳияти касбии омӯзгорон ва самаранокии хадамоти методӣ эҷод карда шуданд. Илова бар ин, шартҳои ташкилию педагогии фаъолияти самараноки амсилаи хидматрасонии методии

таҳияшуда муайян карда шуда, барои роҳбарони хадамоти методӣ оид ба татбиқи амсилаи инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ маводи методӣ таҳия гардид.

Дар марҳилаи сеюм, марҳилаи озмоишӣ (2022-2024), амсилаи хидматрасонии методии таҳияшуда дар амалияи муассисаҳои таълимии озмоишӣ мавриди татбиқ қарор гирифт. Озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд, ки дар он шаклҳо ва усулҳои инноватсионии рушди касбии омӯзгорон санҷида, шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои фаъолияти самараноки хадамоти методӣ фароҳам оварда шуданд. Дар ин марҳила татбиқи амсила зери назорат қарор гирифта, мушкилот ва проблемаҳои пайдошуда муайян гардида, ба мундариҷа ва ташкили кори методӣ тағйироти зарурӣ ворид карда шуд. Ташхиси мунтазами динамикаи рушди салоҳиятмандии касбии омӯзгорон дар муассисаҳои озмоишӣ гузаронида шуда, маълумоти эмпирикӣ барои таҳлил ва синтези минбаъда ҷамъоварӣ гардид.

Дар марҳилаи чорум, марҳилаи ҷамъбастӣ (солҳои 2024-2025), натиҷаҳои озмоиш таҳлил ва ҷамъбаст гардида, коркарди омории маълумот анҷом дода шуда, хулосаҳо дар бораи самаранокии амсилаи хидматрасонии методии таҳияшуда тартиб дода шуданд, Дар марҳилаи мазкур ҳамчунон принсипҳои назариявии таҳқиқот ба низом дароварда шуда, ташаккули мафҳумҳои калидӣ муқаррар ва матни рисола таҳия гардида, тавсияҳои илмиву методӣ барои татбиқи амсилаи хидматрасонии методии инноватсионӣ дар амалияи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ таҳия гардида, нашрияҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот омода карда шуданд ва муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ, семинарҳо ва раванди таълим санҷида шуданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи равишҳо, принсипҳо ва усулҳои илмӣ, фалсафӣ, умумифаннӣ, ки омӯзиши куллӣ ва ҳамаҷонибаи масъалаи ташкили хадамоти методии

муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши онро дар рушди салоҳияти касбии омӯзгорон таъмин мекунанд, ташкил медиҳанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот аз принсипҳо ва консепсияҳои бунёдие иборатанд, ки дар соҳаҳои гуногуни илми педагогика ва фанҳои илмии марбути он таҳия шуда, асосноккунии проблемаи таҳқиқот, тартиб додани фарзияҳо ва коркарди амсилаи хадамоти методологии муассисаи таълимиро таъмин менамоянд. Барои ҳалли вазифаҳо ва санҷиши фарзияи пешниҳодшуда маҷмуи усулҳои мукаммале истифода бурда шуданд, ки ба масъалаи мушаххаси омӯхташаванда мувофиқанд ва эътимоднокӣ ва эътиборнокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин мекунанд.

Усулҳои назариявии таҳқиқот таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба рушди касбии омӯзгорон ва ташкили кори методӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар бар мегиранд. Ин таҳлил имкон дод, ки вазъи кунунии мушкилот, асосҳои назариявии таҳқиқот муайян гардида, чаҳорчӯбаи консептуалӣ муқаррар карда шавад. Таҳлили муқоисавии равишҳои гуногуни ташкили кори методӣ, ки дар таҷрибаи ватанӣ ва байналмилалӣ мавҷуданд, имкон дод самараноктарин амсилаҳои рушди касбии омӯзгорон ошкор карда шуда, мутобиқшавии онҳо ба низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад. Таҳлили системавии сохтори салоҳияти касбии омӯзгорон ба мо имкон дод, ки ҷузъҳои онро муайян созем, робитаҳои байни онҳоро муқаррар карда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳоро барои рушди салоҳияти касбӣ таҳия намоем. Барои таҳияи амсилаи назариявии хадамоти методии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла ҷузъҳои мақсаднокӣ, мундариҷавӣ, ташкилӣ, технологӣ ва амалиётӣ, аз усули амсиласозӣ истифода бурда шуд.

Сарчашмаҳои маълумот. Сарчашмаҳои таҳқиқотро асарҳои файлсуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва педагогҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2030, Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, асарҳои бунёдии мутафаккирони бузурги тоҷику форс, классикони адабиёти дигар халқу миллатҳо, ҳамчунин таҳқиқоти олимон оид ба роҳу усулҳои рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар низоми такмили ихтисос, ҳуҷҷатҳои раҳнамоии (директивии) соҳаи маориф ташкил карданд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Усулҳои эмперикии таҳқиқот озмоиши муқарракунандаро, ки ба омӯзиши ҳолати ибтидоии системаи кори методӣ дар муассисаҳои таълимӣ, муайян кардани сатҳи салоҳияти касбии омӯзгорон ва муайян кардани мушкилот ва проблемаҳои маъмулӣ дар ташкили рушди касбии омӯзгорон нигаронида шуда буд, дар бар гирифтааст. Озмоиши ташаккулдиҳанда, ки дар ин таҳқиқот гузаронида шуд, татбиқи амсилаи хадамотии методии таҳияшударо дар амалияи муассисаҳои таълимии озмоишӣ, тасвиби шаклҳо ва усулҳои инноватсионии рушди касбии омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити ташкилию педагогӣ барои фаъолияти самараноки хадамоти методӣ дар бар гирифтааст. Сипас, озмоиши назоратӣ анҷом дода шуд, ки он ба арзёбии самаранокии амсилаи хадамоти методии татбиқшуда ва муайян кардани рушди салоҳияти касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимии озмоишӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ нигаронида шуда буд.

Усулҳои оморие, ки барои коркарди маълумот дар таҳқиқоти диссертатсионӣ (боби озмоишҳо) истифода шуданд, омори тавсифӣ барои ҷамъбаст ва пешниҳоди маълумоти миқдории дар давоми таҳқиқот бадастомада, усулҳои санҷиши фарзияҳои оморӣ барои муайян кардани аҳамияти фарқиятҳо байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ва таҳлили коррелятсионӣ барои муайян кардани робитаҳо байни нишондиҳандаҳои гуногуни салоҳияти касбии омӯзгорон ва хусусиятҳои кори методиро дар бар гирифтаанд.

Усулҳои таҳлили сифатии маълумот барои тафсири натиҷаҳои мусоҳибаҳо, саволҳои кушодаи пурсишномаҳо ва маводи мушоҳида

истифода бурда шуда, фаҳмиши пурраи равандҳо ва падидаҳои мавриди омӯзишро таъмин намуд.

Усулҳои эмпирикии таҳқиқот мушоҳидаи педагогии фаъолияти хадамоти методии муассисаҳои таълимӣ ва иштироки омӯзгоронро дар шаклҳои гуногуни корҳои методӣ дар бар гирифтанд. Ин имкон дод, ки дар бораи воқеан дар амалия татбиқ шудани ташкили рушди касбии омӯзгорон ва муайян кардани мушкилот ва проблемаҳои маъмулӣ маълумоти мустақим ҷамъоварӣ карда шавад. Барои омӯзиши ниёзҳои касбии омӯзгорон, муносибати онҳо ба шаклҳои гуногуни кори методӣ ва арзёбии самаранокии хадамоти методӣ аз усули пурсиши омӯзгорон ва роҳбарони хадамоти методӣ истифода бурда шуд. Дар давоми таҳқиқот аз ҷониби мо, ҳамчунон, бо директорони мактабҳо, муовинони директорон оид ба корҳои таълимиву методӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ мусоҳиба анҷом дода шуд ва дар бораи ташкили кори методӣ, омилҳои таъсиррасон ба самаранокии он, мушкилот ва дурнамои рушди хадамоти методӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Усули арзёбии коршиносиро барои муайян кардани аҳамияти ҷузъҳои гуногуни салоҳияти касбии омӯзгорон, арзёбии сифати амсилаи хидматрасонии методии таҳияшуда ва таҳлили натиҷаҳои кори озмоишӣ истифода бурдем. Коршиносон омӯзгорони ботаҷрибаи дорои дараҷаи олии тахассус, роҳбарони муассисаҳои таҳсилотӣ, омӯзгорони донишгоҳҳои педагогӣ ва мутахассисони мақомоти маорифро дар бар гирифтанд. Таҳлили ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла нақшаҳои кори методӣ, протоколҳои ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методӣ, маводҳои шуроҳои педагогӣ ва гузоришҳо оид ба рушди касбии омӯзгорон, ки дар ҷараёни таҳқиқот гузаронида шуданд, имкон дод мундариҷа ва шаклҳои ташкилии кори методӣ омӯхта ва самаранокии натиҷаҳои он арзёбӣ карда шавад.

Усулҳои ташхисии истифодашуда санҷиши тестиро барои арзёбии ташаккули ҷузъҳои алоҳидаи салоҳияти касбии омӯзгорон, худбаҳодиҳии

салоҳияти касбии онҳо, мушкилоти касбӣ ва талабот ба рушди касбиро дар бар мегирифтанд.

Усули портфолио барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маводе, ки дастовардҳои касбии омӯзгорон ва динамикаи рушди касбии онҳоро инъикос мекунанд, истифода гардид. Инчунин, таҳлили маҳсули фаъолияти педагогии омӯзгорон, аз ҷумла нақшаҳои дарсӣ, маводи таълимӣ ва воситаҳои таълимӣ, ба мо имкон дод, ки сифати фаъолияти касбии омӯзгорон ва сатҳи салоҳияти методологии онҳо арзёбӣ карда шавад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№31, 28 шаҳри Душанбе, №8 шаҳри Ҳисор, № 7 шаҳри Ваҳдат, № 10 ноҳияи Айнии вилояти Суғд, №17 шаҳри Кӯлоб, № 5ноҳияи Восеъ ва №11 ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон анҷом дода шудаанд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ беш аз 410 нафар омӯзгор ва методистон ҷалб карда шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки:

1. Нақш ва вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон *мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст.*

2. Технология ва усулҳои муосири такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ *ошкор карда шуда,* барои истифода дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ *манзур шудааст.*

3. *Муайян карда шудааст*, ки хадамоти методӣ ба рушди касбии ҳар як омӯзгор дар асоси ташхиси ниёзҳои касбии инфиродии ӯ ба ташаккули ҳамаи ҷузъҳои салоҳияти касбии омӯзгор, аз ҷумла ҷузъҳои фаннӣ-методоӣ, психологӣ-педагогӣ, муоширатӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва таҳқиқотӣмусоидат мекунад.

4. *Ошкор карда шудааст*, ки хадамоти методӣ истифодаи шаклҳои гуногуни инноватсионии рушди касбии омӯзгоронро, аз қабили семинарҳои

ҳалли мушкилот, семинарҳои маҳорати педагогӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, дарсҳои маҳорат, лоиҳаҳои шабакавӣ ва низоми роҳнамоӣ, ки иштироки фаъоли омӯзгоронро дар раванди таълими касбӣ таъмин мекунанд ва барои ҳамкориҳои эҷодӣ ва мубодилаи тачриба шароит фароҳам меоранд, дар бар гирад.

5. Фаъолияти хадамоти методӣ барои назорати мунтазами рушди касбии омӯзгорон бо истифода аз маҷмуи усулҳои ташхисӣ *коркард ва пешниҳод карда шудааст.* Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки салоҳияти касбии омӯзгорон арзёбӣ ва самтҳои мушкилот муайян карда шуда, мундариҷа ва шаклҳои корҳои методӣ мувофиқи ниёзҳои касбии тағйирёбандаи омӯзгорон ва талаботи амалияи таълим танзим карда шаванд.

6. Бори аввал амсилаи хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон *таҳия, ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, самаранокии истифодаи он собит карда шудааст*, ки ба ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгор дар шароити навсозии низоми таҳсилоти миллӣ бо дарназарназардошти хусусиятҳои фазои миллии таҳсилот, анъанаҳои фарҳангӣ, хусусиятҳои минтақавӣ ва тамоюлҳои муосири рушди салоҳиятҳои омӯзгор нигаронида шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз иноҳо иборатанд:

1. Салоҳияти касбии омӯзгори муосир дар шароити низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти муттаҳидкунанда ва динамикии шахсият ва фаъолияти омӯзгорро ифода намуда, маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди фаннӣ-методӣ, ки дониши амиқи фанни таълимӣ ва азхудкунии усулҳои муосири таълимро инъикос мекунад, дар бар мегирад. Амсилаи хизматрасонии методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди салоҳияти касбии омӯзгорон нигаронида шудааст, системаи комили иборат аз панҷ ҷузъи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Фаъолияти самараноки амсилаи хизматрасонии методӣ бо маҷмуи шароитҳои ташкилӣ ва педагогӣ таъмин карда мешавад.

2. Ташкили корҳои методӣ дар муассисаи таҳсилотии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бар асоси принсипҳои фардикунонӣ, ки ҳангоми тарҳрезии мундариҷа ва шаклҳои корҳои методӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, ниёзҳои касбӣ ва сатҳи тахассуси ҳар як омӯзгорро дар бар мегирад, ба роҳ монда шавад. Шаклҳои инноватсионии кори методӣ, ки ба шароити низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд, инҳоянд: семинарҳои педагогӣ; лабораторияҳои эҷодӣ; системаи роҳнамоӣ; лоиҳаҳои шабакавӣ ва ғайра.

3. Технологияи эҷоди самти инфиродии рушди касбии омӯзгор як силсила марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд: марҳилаи ташхисӣ, марҳилаи тарҳрезӣ, марҳилаи амалигардонӣ, марҳилаи худбаҳодиҳиву арзёбӣ, аз ҷумла арзёбии динамикаи рушди касбӣ ва натиҷаҳои дар ин самт бадастовардашуда, инъикоси раванди рушди касбӣ ва тасҳеҳи нақшаи инфиродии рушди касбӣ дар асоси натиҷаҳои бадастовардашуда.

4. Низоми арзёбии салоҳиятмандии касбии омӯзгорон ва самаранокии хидмати методӣ аз инҳо иборат аст: маҷмуи усулҳои ташхисӣ барои арзёбии рушди ҷузъҳои гуногуни салоҳияти касбии омӯзгорон, инчунин механизмҳои назорати динамикаи рушди касбии омӯзгорон, ки арзёбии мунтазами салоҳияти касбии омӯзгорон, пайгирии тағйирот дар фаъолияти касбии онҳо ва таҳлили таъсири кори методӣ ба натиҷаҳои таълимии хонандагонро дар бар мегиранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз саҳми натиҷаҳои бадастовардашуда дар рушди назарияи таҳсилоти касбии омӯзгорон, назарияи идоракунии низоми таълимӣ ва идоракунии педагогӣ муайян карда мешавад. Хусусиятҳои ташкили корҳои методӣ бо категорияҳои гуногуни омӯзгорон истифодаи назарияи таълими тафриқавиро дар рушди касбии омӯзгорон такмил дода, донишҳои илмиро дар бораи ниёзҳои мушаххаси касбии омӯзгорон дар марҳилаҳои гуногуни рушди касбӣ васеъ мекунанд. Ин принсипҳои назариявиро метавон дар таҳияи барномаҳои тафриқавии рушди касбии омӯзгорон ва дар тарҳрезии

системаи кори методӣ, ки ниёзҳои гуногуни касбии омӯзгоронро ба назар мегирад, истифода бурд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот, инчунин, дар низоми арзёбии салоҳияти касбии омӯзгорон ва самаранокии хидмати методӣ, ки назарияи арзёбии педагогиро такмил дода, ба рушди фаҳмиши илмии усулҳо ва воситаҳои арзёбии салоҳияти касбии омӯзгорон, инчунин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии рушди касбии омӯзгорон мусоидат мекунад, ифода меёбад. Мафҳумҳои назариявӣ дар бораи сохтор, мундариҷа ва усулҳои арзёбии салоҳияти касбӣ метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи усулҳои нави ташхис ва такмили системаи арзёбии сифати кормандони омӯзгорӣ хизмат кунанд.

Ниҳоят, аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, ташкили корҳои методӣ дар муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун ва идоракунии сифати омӯзгорон хизмат кунанд. Пешниҳодҳо, амсилаҳо ва технологияҳои назариявии таҳияшуда метавонанд минбаъд ҳамчун асоси методологӣ ва назариявӣ барои таҳқиқот оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои гуногун, ташкили корҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва тарҳрезии системаҳои минтақавии такмили ихтисоси омӯзгорон истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастоварда барои беҳтар кардани фаъолияти хадамоти методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокии рушди касбии кормандони омӯзгорӣ ва беҳтар кардани сифати кори методӣ дар сатҳҳои гуногуни низоми маориф ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад аз тарафи сохторҳои гуногуни мақомоти маориф дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти хадамоти методӣ дар муассисаҳои таълимӣ, муайян кардани талабот барои ташкили кори методӣ ва таҳияи меъёрҳои арзёбии самаранокии хадамоти методӣ истифода бурда шаванд. Ғайр аз ин,

натиҷаҳои бадастоварда метавонанд ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунӣ, ки ба беҳтар кардани низоми рушди касбии кормандони омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, хизмат кунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқот бо асоснокии методологии мавқеъҳои назариявии ибтидоӣ, ки ба консепсияҳои бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ такя карда, аз ҷониби ҷамъиятҳои илмӣ эътироф гардида, дар амалия санҷида шудаанд; инчунин, бо мудовамати корҳои озмоишӣ, ки тӯли се сол дар шароити фаъолияти воқеии муассисаҳои таълимӣ гузаронида шуда, имкон дод, ки динамикаи рушди касбии омӯзгорон пайгирӣ карда шуда, тамоюлҳо ва қоидаҳои устувори он ошкор карда шаванд; бо истифодаи методикаҳои ташхисии тасвибгардида, таҳлили стандартии дорои хусусиятҳои зарурии психометрӣ, инчунин коркарди маълумоти миқдорӣ, ки фарқиятҳо ва қоидаҳои ошкоршударо исбот мекунанд; ҳамчунон аз рӯйи санҷиши асоснокии онҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, ки дар онҳо муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби ҷомеаҳои илмӣ ва педагогӣ тасдиқ карда шуданд; бо нашри муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои шиносномаи ихтисоси илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот аз ҷумла ба банди 4 – «Назария ва консепсияҳои таълим» (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), банди 6 – «Консепсияҳои таълим» (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълимӣ; таҳсилоти муттасил; таҳсилоти калонсолон, равандҳои инноватсионӣ дар таълим), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он;) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз иштироки мустақим дар ҷамъоварӣ ва коркарди мавод, коркарди маълумоти аввалияи оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи равишҳои методологӣ, санҷиши натиҷаҳо ва таҳияи хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо иборат буда, натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардиданд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамояд. Муаллиф дар раванди татбиқи амсилаи таҳиянамудааш саҳми муайян гузоштааст. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия ва манзур гардиданд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, дар ҷаласаҳои шуъбаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дар шуроҳои методии раёсату шуъбаҳои маориф ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар онҳо корҳои таҷрибавӣ гузаронида шуданд, баррасӣ ва тасвиб шуданд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, дар нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расида, дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва мизҳои мудаввар пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи барномаҳои такмили ихтисос барои роҳбарони хадамоти методии муассисаҳои таълимӣ, инчунин ҳангоми таҳияи тавсияҳои методӣ барои ташкили шаклҳои инноватсионии корҳои методӣ бо омӯзгорон истифода шуданд. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти мазкур дар доираи ҳамкории илмӣ-таҳқиқотӣ бо донишгоҳҳои пешбари педагогии ҷумҳурӣ гузаронида шуда, ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дохил карда шудааст. Натиҷаҳои фосилавӣ мунтазам дар ҷаласаҳои кафедраҳо ва семинарҳои илмӣ-методӣ муҳокима карда мешуданд, ки ин ба баланд шудани

сифати таҳқиқоти илмӣ ва таъмини робитаи байни таҳаввулоти назариявӣ ва масъалаҳои ҷорӣ дар амалияи таълимӣ мусоидат карданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 4 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, се боб, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия дар 185 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардида, 75 ҷадвал ва 18 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 142 номгӯй иборат мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КСБИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ШАРОИТИ НАВСОЗИИ ТАҲСИЛОТ

1.1. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон

Масъалаи салоҳияти касбии омӯзгор дар илм ва амалияи муосири педагогӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар шароити навсозии таҳсилот, ҷорӣ намудани стандартҳо ва технологияҳои нави таълим ва афзоиши талабот ба сифати таҳсилот таҳқиқи моҳият, сохтор ва механизмҳои рушди салоҳияти касбии кадрҳои педагогӣ махсусан муҳим аст.

Вобаста ба ин, мо таърифҳои мафҳуми «салоҳияти касбии омӯзгор»-ро дар адабиёти илмии ватанӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки мафҳуми «салоҳияти касбии омӯзгор» аз ҷониби муҳаққиқон аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ ёфтааст ва тафсирҳои гуногун дорад.

Олими машҳур Хуторской А.В. муайян кардааст кардааст, ки: “Салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун сифати ҳамоҳангсозии шахсияти омӯзгор бо системаи дониш, малака, қобилият ва сифатҳои шахсӣ ки, ҳалли самараноки мушкилоти касбиро дар муҳити муосири таълимӣ таъмин мекунанд» [120, С.73].

Маркова А.К. бошад қайд мекунад, ки: “Салоҳияти касбии омӯзгор ҳамчун ҳолати равоние, ки ба шахс имкон медиҳад мустақилона ва бомасъулият амал кунад, қобилият ва маҳорати шахс барои иҷрои вазифаҳои муайяни корӣ мебошад» [72, С. 300].

Загвязинский В.И. ин мафҳумро чунин шарҳ медиҳад: «Салоҳияти касбӣ доштани маҷмуи зарурии дониш, маҳорат ва қобилиятҳое, ки рушди фаъолияти педагогӣ, муошират педагогӣ ва шахсияти омӯзгорро ҳамчун

дорандаи арзишҳо, идеалҳо ва шуури педагогӣ муайян мекунанд» [40, С. 156].

Дружилов С.А. салоҳияти касбии омӯзгорро чунин баррасӣ намудааст: «Салоҳияти касбии омӯзгор хусусияти ҷудонашавандаи хислатҳои корӣ ва шахсии мутахассис аст, ки сатҳи дониш, маҳорат ва таҷрибаи кофӣ барои анҷом додани як намуди муайяни фаъолият вобаста ба қабули қарорро инъикос мекунад» [35, С. 26-44].

Адолф В.А. бошад нигоштааст, ки: “Салоҳияти касбии омӯзгор ин як воҳиди мураккабе, ки маҷмуи дониш, маҳорат ва хусусиятҳои шахсиро дар бар гирифта, тағйирпазирӣ, беҳбудӣ ва самаранокиро дар рушди раванди таълим таъмин менамояд» [3, С. 210].

Зимняя И.А. салоҳияти касбии мӯзгорро ҳамчун «таҷрибаи ба дониш, шартҳои зеҳнӣ ва шахсиятӣ асосёфта дар ҳаёти иҷтимоӣ ва касбии шахс» [48, С. 34-42] муайян мекунад.

Кузмина Н.В муайян кардааст, ки: “Салоҳияти касбии омӯзгор хислати шахсияте, ки имкон дорад фаъолиятҳои махсусро, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои касбии барои синфҳо ва сатҳҳои гуногунро дар асоси дониш ва таҷрибаи худ анҷом диҳад, мебошад» [64, С. 119].

Сластенин В.А. салоҳияти касбиро ҳамчун «ваҳдати омодагии назариявӣ ва амалӣ барои анҷом додани фаъолияти педагогӣ ва тавсифи касбии онҳо» [110, С. 570] мешуморад.

Митина Л.М. салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун «омезиши ҳамоҳанги дониши фаннӣ, усулҳои таълим ва дидактика, инчунин малака ва қобилиятҳо (фарҳанг)-и муошират педагогӣ» [77, С. 32.] муайян кардааст.

В.А. Деркач А.А. салоҳияти касбиро ҳамчун «ҷузъи асосии маърифатии зерсистемаи касбии шахс, доираи салоҳияти касбӣ, доираи масъалаҳои ҳалшуда ва системаи дониши доимо васеъшаванда, ки фаъолияти касбии хеле сермаҳсулро имконпазир мекунад» [33, С. 75] таъриф додааст.

Бондаревская Е.В. салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун «маҷмуи сифатҳои касбӣ ва шахсӣ, ки барои таълими муваффақ заруранд» [21, С. 35] мешуморад.

Аз нуктаи назари Ю.Г. Татур салоҳияти касбӣ «хусусияти ҷудонашавандаест, ки қобилияти мутахассисро барои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва вазифаҳои касбии маъмулӣ, ки дар вазъиятҳои воқеии таълими касбӣ ба миён меоянд, бо истифода аз дониш, таҷрибаи касбӣ ва ҳаётӣ, арзишҳо ва майлҳо муайян мекунад» [112, С. 20-26].

Муҳаққиқон С.Г. Молчанов ва Г.М. Коджаспирова чунин нуктаи назар доранд, ки салоҳияти касбии омӯзгор «доштани маҷмуи зарурии дониш, маҳорату малакаҳое мебошад, ки ташаккули фаъолияти таълимии ӯ, муошират педагогӣ ва шахсияти омӯзгорро ҳамчун дорандаи арзишҳо, идеалҳо ва шуури педагогӣ муайян мекунанд» [79, С. 133; 60, С.248].

Аз нигоҳи В.Д. Шадриков: “Салоҳияти касбӣ ҳамчун таҳаввули нав дар мавзуи фаъолият аст, ки дар ҷараёнӣ омодагии касбӣ ташаккул ёфта, зуҳуроти системавии дониш, малака, қобилият ва хислатҳои шахсиро ифода карда, имкон медиҳад вазифаҳои функсионалии бомуваффақият, ки моҳияти фаъолияти касбиро ташкил медиҳанд, ҳал карда шаванд» [124, С. 300].

Аз нуктаи назари муҳаққиқ И.Ф. Исаев ин мафҳумро мавриди баррасӣ қарор дода, онро чунин тавсиф кардааст: “Салоҳияти касбӣ маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои умумӣ, инчунин, хислатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ муҳими омӯзгор мебошад, ки дар фаъолияти ӯ таҷассум ёфта, самаранокии баланди онро таъмин мекунанд” [53, С.125].

Таҳлили таърифҳои пешниҳодшуда ба мо имкон медиҳад, ки якчанд нуктаи назарро барои фаҳмидани салоҳияти касбии омӯзгор муайян кунем. Аз нигоҳи муносибати аввал он ҳамчун маҷмуи донишҳо, маҳорату малакаҳо баррасӣ ёфтааст (А.К. Маркова, В.А. Адольф, Ю.Г. Татур). Аз нуқтаи назари муносибати дуюм таваҷҷуҳ ба сифатҳо ва қобилиятҳои шахсии омӯзгор равона карда мешавад (Е.В. Бондаревская, С.Г. Молчанов). Аз нуктаи назари сеюм ба салоҳияти касбӣ ҳамчун хусусияти муттаҳидкунандаи ҷузъҳои

гуногуни фаъолияти касбӣ муносибат карда мешавад (А.А. Деркач, В.Д. Шадриков, Л.М. Митина).

Таҳлили таърифҳои пешниҳодшуда ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумии салоҳияти касбии омӯзгорро муайян кунем, ки ин аст: ҳамгироӣ, хусусияти бисёрҷузъӣ, хусусияти ба амал нигаронидашуда, рушди динамикӣ ва муайянкунии шахсӣ. Аксари муҳаққиқон розӣ ҳастанд, ки салоҳияти касбии омӯзгор як воҳиди мураккаб ва ҳамгирокунанда буда, дониш, малака, қобилият, хислатҳои шахсӣ ва таҷрибаи заруриро барои таълими самаранок дар бар мегирад.

Бо вуҷуди фарқияти назарҳо аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки салоҳияти касбии омӯзгор як воҳиди мураккаб ва бисёрҷузъӣ буда, на танҳо дониш ва малакаҳои методологии мушаххаси фаннӣ, балки хислатҳои шахсӣ, қобилиятҳои инъикосӣ ва ӯҳдадориро ба рушди доимии касбӣ низ дар бар мегирад, ҳамфикранд.

Сохтор ва ҷузъҳои салоҳияти касбии омӯзгор. Сохтори салоҳияти касбии омӯзгор дар адабиёти илмӣ масъалаи баҳсбарангез аст. Муҳаққиқони гуногун барои муайян кардани ҷузъҳои ин падида равишҳои гуногунро пешниҳод мекунанд.

А.К. Маркова чор бахши салоҳияти касбии омӯзгорро муайян кардааст: “... дониши касбии психологиву педагогӣ; малакаҳои касбии педагогӣ; мавқеъҳо ва муносибати касбии психологии омӯзгор; хусусиятҳои шахсӣ, ки азхудкунии дониш ва малакаҳои касбии омӯзгорро таъмин мекунанд” [73, С.92.].

В.А. Адолф ҷузъҳои зеринро дар сохтори салоҳияти касбии омӯзгор муайян мекунад: “... фаннӣ-методологӣ (дониш дар соҳаи фанни таълимӣ ва усулҳои таълим); психологиву педагогӣ (дониш дар соҳаи педагогика ва психология); муоширатӣ (дониш, малака ва қобилиятҳо дар соҳаи муошират педагогӣ); рефлексивӣ (инъикосӣ) (малака ва қобилиятҳо дар таҳлили фаъолияти худ)” [4, С.49.].

Зимняя И.А. сохтори сеҷузъаи салоҳият: ангезишӣ (муносибат ба фаъолият); маърифатӣ (дониш ва фаҳмиш); рафторӣ (таҷрибаи татбиқи дониш, қобилият, малака ва сифатҳои шахсӣ)-ро пешниҳод намудааст [49, С. 20-26].

Кузмина Н.В. панҷ унсури салоҳияти касбии омӯзгорро муайян кардааст: “салоҳияти махсусгардонидашуда дар фанни таълимӣ; салоҳияти методологӣ дар соҳаи усулҳои ташаккули дониш, малака ва қобилиятҳои хонандагон; салоҳияти психологӣ ва педагогӣ дар соҳаи таълим; салоҳияти гуногуни психологӣ дар соҳаи ангезаҳо, қобилиятҳо ва самти хонандагон; салоҳияти рефлексивӣ дар соҳаи арзишҳо ва камбудиҳо дар фаъолият ва шахсияти худ” [65, С.32].

Аз тарафи В.А. Сластенин ҷузъҳои зерини сохтори салоҳияти касбии омӯзгор муайян карда шудаанд: “умумифарҳангӣ; психологӣ ва педагогӣ; фанни мушаххас; методологӣ; идоракунӣ; таҳқиқотӣ” [108, С.14 -28.].

Аз нуктаи назари Митина Л.М. салоҳияти касбӣ ҳамчун “ягонагии ду ҷузъ: фаъолиятӣ (дониш, қобилият, малака ва усулҳои татбиқи фаъолияти педагогӣ) ва муоширатӣ (дониш, қобилият, малака ва усулҳои татбиқи муошират педагогӣ)” [78, .216] тавсиф карда шудааст.

Бондаревская Е.В. сохтори зерини салоҳияти касбии омӯзгорро пешниҳод кардааст: “... фарҳанги методологӣ; фарҳанги таҳқиқотӣ; салоҳияти таълимӣ; салоҳияти муоширатӣ; салоҳияти маънавӣ ва ахлоқӣ; салоҳияти соҳаи технологияи иттилоотӣ” [20, С. 17-24].

Деркач А.А. дар сохтори салоҳияти касбӣ ҷузъҳои зеринро муайян мекунад: “Салоҳияти умумӣ (дониш, малака ва қобилиятҳои умумӣ, ки барои фаъолияти касбӣ заруранд); салоҳияти махсус (омодагӣ барои мустақилона иҷро кардани намудҳои мушаххаси фаъолият); салоҳияти мушаххас (омодагӣ барои иҷрои супоришҳо ва амалиётҳои инфиродӣ); салоҳияти ибтидоӣ (иҷрои амалиётҳои инфиродӣ)” [34, С.23].

Муҳаққиқони муосир низ амсилаҳои сохтории салоҳияти касбии омӯзгорро фаъолона таҳия карда истодаанд. Масалан, О.М. Шиян ҷузъҳои

зеринро муайян мекунад: “маърифатӣ (системаи дониш); амалиётӣ-технологӣ (системаи малака ва қобилиятҳо); ангезишӣ-арзишӣ (системаи ангезаҳо, арзишҳо ва муносибатҳо); рефлексивӣ (худбаҳодиҳӣ, худтаҳлилкунии фаъолият)” [127, С. 58-52]. Дар идома ин масъаларо ба таври муфассалтар дида мебароем.

Муносибатҳои нав ба ташаккул ва рушди салоҳияти касбии омӯзгор

Дар илми педагогии муосир муносибатҳои гуногун нисбат ба рушди салоҳияти касбии омӯзгор пайдо шудаанд, ки ҳар кадоме дорои хусусиятҳо ва бартариҳои худ мебошанд.

Муносибати босалоҳият, ки аз ҷониби И.А. Зимняя, А.В. Хуторской, О.Е. Лебедев ва дигар муҳаққиқон таҳия шудааст, ба натиҷаҳои таълимӣ нигаронида шудаанд, ки дар он “... натиҷа на маҷмуи маълумоти бадастомада, балки қобилияти шахс барои амал дар вазъиятҳои гуногуни мушкил мебошад” [119, С. 55-61].

Тибқи муносибати шахсиятӣ-фаъолиятӣ, ки дар асарҳои А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн ва И.С. Якиманская пешниҳод шудааст, “... хонанда ҳамчун шахс дар меҳвари таълим қарор дошта, вазифаҳои шахсии ӯ асоси раванди таълимро ташкил медиҳанд” [131, С.96.].

Муносибати акмеологӣ, ки аз ҷониби Деркач А.А., Н.В. Кузмина ва Бодалев А.А таҳия гардида, такмил ёфтааст, ба ноил шудан ба авҷи аълои касбият нигаронида шудааст ва омӯзиши нақшҳо ва механизмҳои рушди инсонро дар марҳилаи камолот дар бар мегирад [19, с.168.].

Равиши системавӣ, ки дар асарҳои В.П. Беспалко, В.А. Сластенин ва И.Ф. Исаев пешниҳод шудааст, омӯзиши касбиро ҳамчун як системаи куллии ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд мешуморад [17, С. 192 .].

Муносибати контекстӣ, ки аз ҷониби А.А. Вербитский таҳия шудааст: “Муносибати контекстӣ амсиласозии фаннӣ ва мундариҷаи иҷтимоии фаъолияти касбиро дар омӯзиш дар бар гирифта, шароитро барои табдил додани фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти касбӣ таъмин мекунад” [27, С. 121].

Равиши рефлексивӣ (инъикосӣ), ки аз ҷониби И.Н. Семенов ва С.Ю. Степанов такмил дода шудааст: “Равиши рефлексивӣ рушди қобилияти дарк ва аз нав дида баромадани фаъолияти худро ҳамчун шарти пешакии рушди касбӣ пешбинӣ мекунад” [106, С. 35-42.].

Муҳаққиқон С.И. Змеев ва С.Г. Вершловский пешниҳод намудаанд, ки “Равиши андрагогикӣ хусусиятҳои таълими калонсолонро ба назар гирифта, ба ҳаёт ва таҷрибаи касбии хонандагон такя мекунад” [50, С. 272].

Равиши технологӣ, ки аз ҷониби В.П. Беспалко ва М.В. Кларин ва Г.К. Селевко таҳия шудааст, истифодаи технологияҳои педагогиро ҳамчун роҳи систематикии эҷод, татбиқ ва муайян кардани тамоми раванди таълим ва омӯзиш пешниҳод мекунад [59, С. 80; 104, С. 256].

Акнун дар асоси андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда ба **шарҳи амсилаҳои мавҷудаи рушди касбии омӯзгор** мепардозем.

Дар илми педагогии муосир амсилаҳои сершумори рушди касбии омӯзгор таҳия шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои мушаххаси ин раванди мураккабро инъикос мекунанд.

Амсилаи рушди касбие, ки аз ҷониби Ф. Фуллер пешниҳод гардидааст, се марҳилаи рушди омӯзгоронро тавсиф мекунад: “... марҳилаи зинда мондан (нигаронӣ аз худ); марҳилаи азхудкунӣ (нигаронӣ аз вазъият); ва марҳилаи таъсиррасонӣ (нигаронӣ аз хонандагон)” [137, С. 207-226].

Амсилаи пешниҳоднамудаи Д. Берлинер панҷ марҳилаи рушди маҳорати педагогиро муайян мекунад: “навкор; навкори пешрафта; салоҳиятманд; кордон; коршинос” [132, С.5-13].

Амсилае, ки аз тарафи олими рус Л.М. Митина пешниҳод гардидааст, ду намуди рушди касбияти: рафтори мутобиқшаванда ва рушди касбии омӯзгорро дар бар мегирад. Рафтори мутобиқшаванда бо мутобиқшавӣ ба талаботи беруна тавсиф мешавад, дар ҳоле ки рушди касбӣ қобилияти берун рафтан аз ҷараёни пайвастаи амалияи ҳаррӯза мебошад [77, С.200].

Амсилаи Маркова А.К. сатҳҳои салоҳияти касбиро тавсиф мекунад: “пеш аз касбӣ; касбӣ; супер-касбӣ; псевдо-касбӣ; баъд аз касбӣ” [71, С.300.].

Амсилаи акмеологии Н.В. Кузмина ва А.А. Деркач чунин мешуморад: “Рушди касбӣ ҳаракат ба сӯйи акме - қуллаи маҳорати касбӣ. Ин амсила сатҳҳои зеринро фарқ мекунад: “оптималӣ; қобили қабул; танқидӣ; ва ғайри қобили қабул” [66, С.54].

Амсилаи аз тарафи В.А. Сластенин пешниҳодгардида ба ғояи фарҳанги касбии педагогӣ асос ёфта, ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: “аксиологӣ; технологӣ; ва шахсӣ-эҷодӣ” [109, С.170.].

Амсилаи интегративии пешниҳоднамудаи муҳаққиқ Э.Ф. Зеер рушди касбиро ҳамчун пайдарпайии марҳилаҳо тавсиф мекунад: “оптант (интихоби касб); адепт (омодагии касбӣ); адаптант - мутобиқшаванда (ворид шудан ба касб); интернал - дохилӣ (рушди сифатҳои касбӣ); устод (иҷрои бомаҳорати фаъолиятҳо); нуфӯз (дараҷаи баланди ихтисос); мураббӣ (интиқоли таҷриба)” [47, С.336].

Амсилаи рушди рефлексивӣ-инноватсионии И.Н. Семенов ва С.Ю. Степанов бар асоси рушди қобилиятҳои рефлексивии омӯзгор ҳамчун асоси рушди касбии ӯ асос ёфтааст [105, С. 64].

Амсилаи рушди касбии пайваста, ки аз ҷониби С.Г. Вершловский таҳия гардидааст, навсозии пайвастаи дониш ва малакаҳои касбиро дар тӯли фаъолияти омӯзгорӣ талаб мекунад [29, С. 150.].

Амсилаи замонави рушди касбият, ки аз ҷониби В.И. Загвязинский таҳия шудааст, бар пояи равиши таҳқиқотӣ ба таълим асос ёфта, ҷузъҳои зерин: “мавқеи таҳқиқотӣ; малакаҳои таҳқиқотӣ; ва тафаккури таҳқиқотиро дар бар мегирад” [39, С.176].

Таҳлили интиқодии муносибатҳои мавҷуда нисбат ба салоҳияти касбии омӯзгор.

Таҳқиқи адабиёти илмии аз тарафи мо гузаронидашуда ҳам афзалият ва ҳам маҳдудиятҳои равишҳои мавҷударо барои ошкор намудани салоҳиятҳои касбии омӯзгор имконпазир мегардонад. Бо вуҷуди он, таҳлил як парокандагии муайянеро дар фаҳмидани ин падида нишон медиҳад. Масалан,

таърифи Маркова А.К. ҷанбаҳои равониро дар бар мегирад, дар ҳоле ки равиши Адолф В.А. бештар ба хусусиятҳои фаъолият нигаронида шудааст.

Камбудии назарраси бисёр таърифҳо хусусияти статикии (беҳаракатии) онҳост. Аксари муҳаққиқон салоҳияти касбиро бидуни таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои динамикии рушди он ҳамчун як чизи додашуда мебинанд. Асарҳои Зимняя И.А. ва Деркач А.А., ки хусусияти равандии салоҳиятро таъкид мекунанд, истисно мебошанд.

Таҳлили амсилаҳои сохтории салоҳияти касбӣ низ як қатор мушкилотро ошкор мекунад. Аввалан, дар муайян кардани ҷузъҳо ягонагӣ вуҷуд надорад. Агар Митин Л.М. танҳо ду ҷузъро муайян кунад, дар ин ҳол М.В. Кузмина панҷ унсурро муайян кардааст ва Сластенин В.А.бошад, шаштояшро ҷудо кардааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи мазкур ба таври кифӣ таҳия нашудааст.

Дуюм ин, ки бисёр амсилаҳо муносибатҳои байни ҷузъҳоро ба назар намегиранд ва онҳоро ҳамчун маҷмуи механикии унсурҳо муаррифӣ мекунанд. Равиши Зимняя И.А., ки ҷузъҳоро дар ягонагии диалектикии онҳо ба назар мегирад, самараноктар ба назар мерасад.

Сеюм, аксари амсилаҳои сохторӣ хусусиятҳои шароитҳои муосири таълим, аз ҷумла рақамикунонӣ, таҳсилоти фарогир, кор бо кӯдакони боистеъдод ва дигар мушкилоти муҳимро ба назар намегиранд.

Тамоюлҳои муосир дар рушди салоҳияти касбии омӯзгор

Таҳлили таҳқиқоти кунунӣ як қатор тамоюлҳои навро дар фаҳмидан ва рушди салоҳияти касбии омӯзгор ошкор месозад.

Тамоюли аввал таваҷҷуҳи зиёд ба салоҳияти рақамии омӯзгор аст. Таҳқиқоти Елизаров А.А,. Нежурина М.И ва Каракозов С.Д. нишон медиҳанд, ки “дар заминаи табдили рақамии таҳсилот омӯзгорон бояд на танҳо салоҳияти анъанавии педагогӣ, балки малакаҳои рақамии махсусро низ доро бошанд” [37, С. 5-15].

Тамоюли дуюм рушди салоҳияти инклюзивии омӯзгор аст. Асарҳои Н.М. Назарова, Т.Г. Богданова ва С.В. Алехина зарурати рушди салоҳияти

мушаххаси омӯзгоронро барои кор бо кӯдакони дорои талаботи махсуси таълимӣ таъкид мекунанд [82, С.77-87].

Тамоюли сеюм ба рушди салоҳияти таҳқиқотии омӯзгорон таъкид менамояд. Таҳқиқоти Загвязинский В.И., Тряпитсина А.П. ва Бордовская Н.В. нишон медиҳанд, ки: “... аҳамияти рушди малакаҳои таҳқиқотии омӯзгорон шарти пешакии рушди касбии онҳо мебошад” [115, С. 79].

Тамоюли чорум таваҷҷуҳи бештар ба салоҳияти эмотсионалии омӯзгорон мебошад. Асарҳои Андреева И.Н., Люсин Д.В. ва Сергиенко Е.А. бошанд таъкид мекунанд, ки: “... аҳамияти рушди зеҳнии эмотсионалии омӯзгорон барои ҳамкории самараноки педагогии онҳо зарур аст” [9, С.388.]

Таҷрибаи байналмилали таҳқиқи салоҳияти касбии омӯзгорон

Таҳлили таҳқиқоти байналмилалӣ нишон медиҳад, ки масъалаи салоҳияти касбии омӯзгор дар ташкилотҳои илмии байналмилалии фаъолона омӯхта мешавад.

Равиши аврупоӣ ба салоҳиятмандии касбии омӯзгорон дар кори Комиссияи Аврупо ҳашт салоҳияти калидиро барои омӯзиш дар тӯли тамоми умр Ҷудо кардааст: “... салоҳиятҳои омӯзиши забонҳои модарӣ ва хориҷӣ, салоҳияти омӯзиши математика, салоҳияти асосӣ дар илм ва технология, салоҳияти эҷодкорӣ, салоҳияти рақамӣ, салоҳияти таҳлилӣ, салоҳияти ҳамкорӣ, салоҳияти муоширатӣ” [136].

Равиши амрикоӣ дар стандартҳои Консорсиуми байнидавлатии арзёбӣ ва дастгирии омӯзгорон (InTASC) ифода ёфтааст, ки он стандартҳои касбии омӯзгоронро муайян мекунад ва даҳ муқаррароторо, ки дар чор категория гурӯҳбандӣ шудаанд: “таълимгирандагон ва таълим; мундариҷа; амалияи педагогӣ; масъулияти касбӣ” [134].

Амсилаи финландии салоҳияти касбии омӯзгорон, ки дар асарҳои Салберг П. ва Ҳиемӣ Х. тавсиф шудааст, салоҳияти таҳқиқотӣ ва мустақилияти омӯзгоронро таъкид мекунад [140].

Амсилаи Сингапур, ки дар таҳқиқоти С.К. Ли ва К.Б. Го пешниҳод шудааст, аҳамияти рушди доимии касбӣ ва истифодаи маълумотро барои беҳтар кардани амалияи таълим дар бар мегирад [138].

Асосҳои методологии таҳқиқи салоҳияти касбии омӯзгор.

Таҳлили методологии таҳқиқи салоҳияти касбии омӯзгор нишон медиҳад, ки ин масъала аз нуқтаи назари гуногуни методологӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Равиши мусбат, ки дар таҳқиқотҳои пешин пешниҳод шудааст, салоҳиятмандии касбиро ҳамчун як хусусияти ба таври объективӣ ченшаванда, ки онро бо истифода аз усулҳои стандартӣ чен кардан мумкин аст, меҳисобад. Ин равиш маҳдудиятҳоеро дорост, ки бо редукционизм ва сарфи назар кардани ҷанбаҳои субъективии фаъолияти касбӣ алоқаманданд.

Равиши феноменологӣ, ки дар асарҳои Ван Манен ва Д. Шён таҳия шудааст, таҷрибаи субъективии омӯзгор ва ҷанбаҳои инъикоскунандаи фаъолияти касбиро ифода мекунад [142; 139].

Равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар асарҳои Л.С. Виготский ва А.Н. Леонтев пешниҳод шудааст, салоҳияти касбиро ҳамчун як падидаи муайяншудаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки тавассути ҳамкории иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, ифода мекунад.

Равиши системавӣ имкон медиҳад, ки салоҳияти касбиро ҳамчун як системаи мураккаби унсурҳои ба ҳам алоқаманд, ки дар муҳити мушаххас фаъолият мекунанд ва аз омилҳои беруна ва дохилӣ таъсир мегиранд, баррасӣ кунем.

Дар зер м**ушкилот ва ихтилофотро** дар омӯзиши салоҳияти касбии омӯзгор барарсӣ менамоем**.**

Таҳлили адабиёти илмӣ як қатор мушкилот ва мухолифатҳоро дар омӯзиши салоҳияти касбии омӯзгор ошкор мекунад.

1. Ихтилофи аввал ба муносибати байни универсалӣ ва мушаххас дар салоҳияти касбӣ дахл дорад. Аз як тараф, муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки ҷузъҳои универсалии салоҳиятро, ки барои ҳар як омӯзгор татбиқ

мешаванд, муайян кунанд. Аз тарафи дигар, хусусияти соҳаи фаннӣ, хусусиятҳои синну солии донишандӯзон ва шароити таълим муносибати фарқкунандаро талаб мекунад.

2. Ихтилофи дуюм ба муносибати байни ҷузъҳои назариявӣ ва амалии салоҳиятмандӣ дахл дорад. Равиши анъанавӣ ба ҷузъи дониш таъкид мекунад, дар ҳоле ки таҳқиқоти муосир таваҷҷуҳро ба аҳамияти малака ва қобилиятҳои амалӣ равона месозода.

3. Ихтилофи сеюм ба масъалаи ченкунӣ ва арзёбии салоҳияти касбӣ дахл дорад. Усулҳои мавҷудаи арзёбӣ аксар вақт хусусияти мураккаби салоҳиятро ба назар намегиранд ва бо ченкунии ҷузъҳои инфиродӣ маҳдуданд.

4. Ихтилофи чорум ба муносибати байни шахс ва коллектив дар салоҳияти касбӣ дахл дорад. Аксари таҳқиқот салоҳиятмандиро ҳамчун хусусияти инфиродӣ баррасӣ мекунанд ва ҷанбаҳои коллективии фаъолияти касбиро сарфи назар мекунанд.

Аз нуктаи назари таҳлили мо салоҳиятмандии касбии омӯзгор рушди ҳамгиройии шахсӣ ва касбиро ифода мекунад, ки системаи дониш, малака, қобилият, хислатҳои шахсӣ ва самтҳои арзишмандро дар бар гирифта, ҳалли самараноки вазифаҳои касбӣ ва педагогиро таъмин менамоянд. Сохтори салоҳияти касбӣ бисёрҷузъӣ буда, унсурҳои гуногуни ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Рушд ва такмили салоҳияти касбӣ истифодаи равишҳо ва амсилаҳои гуногунро талаб мекунад, ки хусусиятҳои таълим ва хусусиятҳои рушди касбии омӯзгорро ба назар мегиранд.

1.2. Нақш ва вазифаҳои хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон

Таҳлили вазъи кунунии хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, аз ҷумла омӯзиши заминаи меъёрии танзимкунандаи фаъолияти хадамоти методӣ, инчунин омӯзиши таҳқиқотии амсилаҳои мавҷудаи кори

методӣ, муайян кардани қувват ва заъфҳои онҳо. Таҳлиле, ки мо анҷом додем, имкон медиҳад самтҳои асосии такмили системаи дастгирии методоии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани салоҳияти касбии онҳо муайян карда шавад.

Заминаи меъёриву ҳуқуқии фаъолияти хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси заминаи меъёриву ҳуқуқии хуб таъсисёфта, ки принсипҳои ташкил ва фаъолияти хадамоти методиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян мекунад, фаъолият мекунад. Ҳуҷҷати асосӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст ва дар моддаи 41 ҳуқуқи ҳар касро ба таҳсил кафолат медиҳад ва хусусияти ҳатмии таҳсилоти умумии асосиро муқаррар мекунад [61].

Санади асосии қонунгузорӣ, ки фаъолияти таълимиро танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 17 майи соли 2004, № 34 мебошад ва он "... асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии маорифро дар кишвар муайян намояд. Ин қонун принсипҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф, аз ҷумла таъмини сифати таълим ва рушди кадрҳои омӯзгориро муқаррар мекунад" [44].

Барои ташкили корҳои методӣ Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати № 334 аз 30 июни соли 2012 тасдиқ шудааст, аҳамияти хоса дорад. Стратегия самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф, аз ҷумла такмили омодагӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогиро муайян мекунад [95].

Ҷадвали 1. *Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ, ки фаъолияти хадамоти методии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд:*

№	Номи ҳуҷҷат	Санаи қабул	Муқаррароти асосӣ дар бораи кори методӣ
1	Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	06.11.1994	Кафолати ҳуқуқ ба таҳсил, таҳсилоти умумии асосӣ ва ҳатмӣ

Идомаи ҷадвал

2	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»	17.05.2004 № 34	Асосҳои ҳуқуқии маориф, принсипҳои сиёсати давлатӣ
3	Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030	30.06.2012 №334	Самтҳои афзалиятноки рушд, такмили омодасозии кадрҳо
4	Низомнома дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон	15.03.2014 № 147	Вазифаҳо ва ваколатҳо дар соҳаи дастгирии методӣ
5	Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ	2018	Талабот ба мундариҷа ва сифати таълим
6	Низомнома дар бораи сертификатсияи кадрҳои педагогӣ	2019	Тартиб ва меъёрҳои арзёбии салоҳияти касбӣ

“Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти он тибқи Низомномае, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014 тасдиқ шудааст, танзим карда мешавад ва корҳои методиро дар сатҳи миллӣ ҳамоҳанг мекунад. Мувофиқи ин низомнома вазорат таҳияи тавсияҳои методиро таъмин намуда, омӯзиши такмили ихтисоси кормандони омӯзгориро ташкил мекунад ва фаъолияти хадамоти методии минтақавиро ҳамоҳанг месозад” [96].

“Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, ки соли 2018 тасдиқ шудаанд, талаботро барои мундариҷаи таълим ва салоҳияти касбии кормандони педагогиро муайян мекунанд. Стандартҳо зарурати рушди муттасили касбии омӯзгоронро муқаррар мекунанд ва нақши хадамоти методиро дар таъмини ин раванд муайян месозанд” [31].

“Низомнома дар бораи атестатсияи кормандони омӯзгорӣ тартиби арзёбии салоҳияти касбии омӯзгоронро танзим мекунад ва нақши хадамоти методиро дар омодасозии омӯзгорон барои атестатсия муайян менамояд. Ин ҳуҷҷат меъёрҳои арзёбии фаъолияти касбӣ ва талаботро барои рушди доимии касбӣ муқаррар мекунад” [94].

Ҷадвали 2. *Вазифаҳои хадамоти методӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дараҷа	**Вазифаҳо**	**Асосноккунии танзимкунанда**
Ҷумҳуриявӣ	Таҳияи тавсияҳои методӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти минтақавӣ	Низомнома дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идомаи ҷадвал

Дараҷа	Вазифаҳо	Асосноккунии танзимкунанда
Минтақавӣ	Ташкилоти минтақавии такмили ихтисос, дастгирии методологии муассисаҳои таълимӣ	Низомнома дар бораи раёсатҳои маориф
Ноҳиявӣ	Дастгирии машваратӣ, ташкили чорабиниҳои методӣ	Низомнома дар бораи шуъбаҳои маориф
Мактабӣ	Дастгирии методии омӯзгорон (шурои методӣ, иттиҳодияҳои методӣ), ташкили такмили ихтисоси дохилимактабӣ	Оинномаҳои муассисаҳои таълимӣ

Таҳлили чаҳорчӯбаи меъёрӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи нисбатан ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии фаъолияти хадамоти методологӣ таъсис дода шудааст. Бо вуҷуди ин, дар танзими механизмҳои мушаххаси ҳамкорӣ байни сатҳҳои гуногуни хадамоти методӣ камбудиҳои муайян мавҷуданд.

Сохтор ва ташкили хадамоти методӣ дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хадамоти методии Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми бисёрзинагӣ буда, сатҳҳои умумимиллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва мактабиро дар бар мегирад. “Дар сатҳи умумимиллӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои методиро тавассути шуъбаҳо ва идораҳои махсус ҳамоҳанг мекунад” [98, С.145-152].

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ки мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 421 аз 28 августи соли 2010 таъсис ёфтааст, ҳалқаи калидӣ дар низоми дастгирии методии кормандони педагогӣ мебошад. “Донишкада барномаҳои рушди касбиро таҳия мекунад, курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, семинарҳои омӯзишӣ мегузаронад ва барои лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф дастгирии методӣ мерасонад” [97].

“Дар сатҳи минтақавӣ шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе фаъолияти шуъбаҳои маорифи ноҳияҳоро ҳамоҳанг мекунанд ва ба

муассисаҳои таълимии қаламрави худ дастгирии методӣ мерасонанд. Дар сохтори раёсатҳои маорифи минтақавӣ кабинетҳои методӣ мавҷуданд, ки мустақиман ба ташаккули маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ машғул мешаванд” [103, С.78-85.].

Ҷадвали 3. *Сохтори хадамоти методии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дараҷа	**Шакли ташкилӣ**	**Вазифаҳои асосӣ**	**Аудиторияи мақсаднок**
Ҷумҳуриявӣ	Вазорати маориф ва илми ҶТ, Донишкадаи ҶТИБКСМ	Банақшагирии стратегияҳо, таҳияи стандартҳо	Роҳбарони маориф, мушовирон
Минтақавӣ	Раёсатҳои маорифи вилоятҳо	Ҳамоҳангсозии сиёсати минтақаҳо, ташкили курсҳои такмили ихтисос	Директорони муассисаҳои таълимӣ, муовинони директор
Ноҳиявӣ	Шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо	Роҳнамоии методии мактабҳо, машварат	Омӯзгорон, мушовирони мактаб
Мактабӣ	Шуроҳои методӣ, ИМ фаннӣ	Такмили ихтисоси дохилимактабӣ	Ҳайати омӯзгорони мактаб

Раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар ташкили кори методӣ дар сатҳи маҳаллӣ нақши муҳим доранд. Онҳо кабинетҳои методиро дар бар мегиранд, ки мустақиман бо омӯзгорон кор мекунанд, семинарҳо, тренингҳо, мизҳои мудаввар, конфронсҳо ва дигар шаклҳои дастгирии методиро ташкил мекунанд.

Дар сатҳи мактаб кори методӣ тавассути низоми шуроҳои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ ташкил карда мешавад. Шурои методии МТМУ иттиҳодияи коллегиалие мебошад, ки фаъолияти методи муассисаи таълимиро ҳамоҳанг мекунад ва рушди касбии ҳайати омӯзгоронро таъмин менамояд.

Амсилаҳои кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаҳои гуногуни ташкили корҳои методӣ пайдо шудаанд, ки ҳар кадоме дорои хусусиятҳо, бартариҳо ва нуқсонҳои худ мебошанд. Амсилаҳои асосӣ инҳоянд: шуроҳои методии мактаб, иттиҳодияҳои методии фаннӣ, гурӯҳҳои эҷодкори омӯзгорон ва шаклҳои инфиродии кори методӣ.

Шурои методии МТМУ ҳамчун шакли асосии ташкили корҳои методӣ

Шурои методии МТМУ мақоми марказии ҳамоҳангсози тамоми корҳои методӣ дар муассисаи таълимӣ мебошад. Тибқи таҳқиқоте, ки аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон гузаронида шудааст, 87% мактабҳои кишвар шуроҳои методии амалкунанда доранд.

“Шурои методии мактаб мувофиқи Низомнома дар бораи Шурои методии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки бо фармони директори мактаб дар асоси низомномаи намунавии таҳиякардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таъсис дода мешавад. Шурои методӣ муовинони директорон оид ба корҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ, роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорони ботаҷрибатаринро дар бар мегирад” [87, С.156].

Ҷадвали 4. *Хусусиятҳои фаъолияти шуроҳои методии МТМУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Нишондод	**Арзиш**	**Манбаи маълумот**
Ҳиссаи шуроҳои методии амалкунанда дар мактабҳо	87%	Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2023
Ҳайати миёнаи шурои методӣ	7-9 нафар	Мониторинги ВМИ ҶТ, 2023
Басомади баргузории ҷаласаҳо	1 маротиба дар як моҳ	Таҳлили нақшаҳои кории мактаб
Ҷалби омӯзгорон ба корҳои методӣ	78%	Маълумоти омории ВМИ ҶТ

Манбаъ: Маълумот оид ба арзиши нишондиҳандаҳо

“Вазифаҳои асосии шурои методии мактаб инҳоянд: банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии корҳои методӣ дар мактаб; ташкили рушди касбии кормандони омӯзгорӣ; ҷамъбаст ва паҳн кардани беҳтарин таҷрибаҳои педагогӣ; ташкили фаъолиятҳои инноватсионӣ; омода кардани омӯзгорон барои аттестатсия.

Таҳлили фаъолияти шуроҳои методӣ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам мушкилоти онҳоро ошкор мекунад. Ҷанбаҳои асосӣ инҳоянд: ташкили мунтазами кори методӣ, имконияти ҳамоҳангсозии кӯшишҳои иттиҳодияҳои гуногуни методӣ ва фароҳам овардани шароит барои муошрати касбӣ байни омӯзгорон” [67, С.89].

Ҷадвали 5*. Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи шуроҳои методии МТМУ*

Паҳлуҳои қавӣ	**Паҳлуҳои заиф**
Системанокӣ дар ташкили корҳои методӣ	Расмиятпарастӣ дар кори шуроҳо
Ҳамоҳангсозии фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ	Робитаи нокифоя бо ниёзҳои амалии омӯзгорон
Ташкили шароит барои муошрати касбӣ	Ангезаи пасти иштирокчиён
Ҷамбаъсти таҷрибаи пешқадами педагогӣ	Набудани равишҳои муосири кор
Мунтазамии такмили ихтисос	Таъмини нокифояи моддиву техникӣ

Нуқсонҳои шуроҳои методӣ инҳоянд:

- расмиятпарастӣ дар кори онҳо, яъне ҷаласаҳо барои гузоришдиҳӣ, на барои ҳалли мушкилоти воқеӣ баргузор мешаванд;
- робитаи нокифоя бо ниёзҳои амалии омӯзгорон;
- ангезаи паст барои кори фаъоли методӣ;
- паҳншавии шаклҳои анъанавии кор бо набудани равишҳои инноватсионӣ.

Иттиҳодияҳои методии фаннӣ - омили рушди касбии омӯзгорон

“Иттиҳодияҳои методии фаннӣ (ИМФ) ҷомеаҳои касбии омӯзгорони як ё фанҳои ба ҳам наздик мебошанд, ки барои ҳалли муштараки масъалаҳои методӣ ва беҳтар кардани сифати таълим таъсис дода шудаанд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ИМФ-ро барои омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ, табиӣ ва риёзӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва ассотсиатсияҳои роҳбарони синфҳо доранд” [102, С. 221-233.].

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии саросари кишвар зиёда аз 3500 иттиҳодияҳои методии фаннӣ, ки тақрибан 65 000 омӯзгорро муттаҳид мекунанд, фаъолият мекарданд. Ин аз фарогирии васеи кормандони педагогӣ ба низоми кори методӣ дар сатҳи мактаб шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 6. *Омори иттиҳодияҳои методии фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023)*

Навъи Иттиҳодияи методӣ	**Миқдори ИМФ**	**Миқдори иштирокчиён**	**Андозаи миёнаи ИМФ**
ИМ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ	1247	18705	15
ИМ омӯзгорони забони тоҷикӣ ва адабиёт	823	12345	15
ИМ омӯзгорони математика	756	9072	12
ИМ омӯзгорони фанҳои табиӣ	634	8536	13
ИМ омӯзгорони забонҳои хориҷӣ	445	5340	12
ИМ роҳбарони синфҳо	598	11970	20
Ҳамагӣ	3503	65968	19

Иттиҳодияҳои методии фаннӣ фаъолиятҳои гуногунро анҷом медиҳанд, ки барои баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорон равона шудаанд. Самтҳои асосии кори ИМФ инҳоянд: “омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маводҳои методӣ; мубодилаи таҷрибаи корӣ байни омӯзгорон; омода ва гузаронидани дарсҳои кушод ва чорабиниҳои беруназсинфӣ; таҳияи

маводҳои методӣ; таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагон” [111, С. 208-214].

Таҳқиқоте, ки аз ҷониби кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023 гузаронида шудааст, нишон дод, ки шаклҳои самараноктарини кор барои ИМФ инҳоянд: “ташрифҳои мутақобила ба дарсҳо (дар 89% ИМФ мушоҳида шудааст), гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ (76% ИМФ), таҳияи тавсияҳои методӣ (68% ИМФ) ва ташкили мусобиқаҳои маҳорати касбӣ (54% ИМФ)” [19].

Ҷадвали 7. *Самаранокии шаклҳои гуногуни кор дар ИМФ*

Шакли кор	**Ҳиссаи ИМФ, ки шакли мазкурро истифода мебаранд**	**Арзёбии самараи фаъолияти омӯзгорон (аз рӯйи ҷадвали 5-хола)**
Иштирок дар дарсҳои ҳамдигар	89%	4,2
Ҳафтаҳои фаннӣ	76%	4,0
Семинарҳои методӣ	82%	3,8
Таҳияи маводҳои методӣ	68%	4,1
Озмунҳои маҳорати касбӣ	54%	4,3
Дарсҳои маҳорат	43%	4,5
Фаъорлияти лоиҳавӣ	31%	3,9

Таҳлили фаъолияти иттиҳодияҳои методии фаннӣ як қатор ҷиҳатҳои мусбати ин шакли ташкили кори методиро ошкор мекунад. Инҳо иборатанд аз: “тахассуси фаннӣ, ки имкон медиҳад масъалаҳои методологӣ аз рӯйи фанни мушаххас амиқан омӯхта шаванд; имконияти мубодилаи таҷриба байни омӯзгорони фаннӣ; таъсиси ҷомеаи касбии афроди ҳамфикр; самти амалии кори методӣ” [100, С. 487].

Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти иттиҳодияҳои методи фаннӣ низ камбудиҳо мавҷуданд. Мушкилоти асосӣ инҳоянд: ҷудоӣ аз дигар соҳаҳои фаннӣ, ки ба татбиқи робитаҳои байнифаннӣ монеъ мешавад; истифодаи нокифояи технологияҳои муосири иттилоотӣ; муносибати расмӣ дар

банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо; иштироки ками як қисми омӯзгорон дар кори методӣ.

Ҷадвали 8. *Мушкилот дар фаъолияти иттиҳодияҳои методии фаннӣ*

Мушкилот	**Басомади Ақидаҳо**	**Таъсири самаранокии кор**
Расмиятпарастӣ	67%	баланд
Норасоии вақт барои омӯзгорон	78%	баланд
Набудани ҳавасмандгардонии молиявӣ	56%	миёна
Норасоии захираҳои моддӣ ва техникӣ	71%	баланд
Ҳавасмандии пасти омӯзгорон	49%	баланд
Набудани шаклҳои инноватсионии кор	63%	миёна

<u>Амсилаҳои инноватсионии кори методӣ</u>

Дар солҳои охир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи амсилаҳои инноватсионии корҳои методӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии рушди касбии омӯзгорон равона шудаанд, шурӯъ карданд. Ин амсилаҳо инҳоянд: гурӯҳҳои омӯзгорони эҷодкор, роҳнамоиҳои маҳорати педагогӣ, шаклҳои фосилавии дастгирӣ.

Гурӯҳҳои омӯзгорони эҷодкор барои ҳалли мушкилоти мушаххаси педагогӣ ё татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ таъсис дода мешаванд. Бар хилофи гурӯҳҳои анъанавии фаннӣ гурӯҳҳои эҷодкор муваққатӣ мебошанд ва омӯзгорони дорои ихтисосҳои гуногунро барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас муттаҳид мекунанд. Тибқи таҳқиқоти соли 2023 гурӯҳҳои эҷодӣ дар 34% мактабҳои кишвар фаъолият кардаанд [117, С.49-53.].

“Амсилаи роҳнамоии педагогӣ дар мактабҳои Тоҷикистон торафт васеъ паҳн мешавад. Низоми роҳнамоӣ вобаста кардани омӯзгорони ҷавони бетаҷрибаро бо омӯзгорони ботаҷрибаи роҳнамо дар бар мегирад, ки барои рушди касбии хонандагонашон дастгирии инфиродӣ мерасонанд” [11, С. 12-19].

Ҷадвали 9. *Амсилаҳои инноватсионии корҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҶТ*

Амсила	Ҳисаи мактабҳои татбиқкунандаи амсила	Хусусиятҳои асосӣ	Самаранокӣ
Гурӯҳҳои эҷодкор	34%	Муваққатӣ, тибқи мушкилот, байнифаннӣ	баланд
Роҳнамоии педагогӣ	28%	Муносибати инфиродӣ, муттасилии таҷриба	баланд
Дарсҳои маҳорати педагогӣ	19%	Самтгирии амалӣ, усулҳои фаъоли таълим	миёна
Дастгирии фосилавӣ	12%	Истифодаи ТИК, дастрасӣ, ғағйирпазирӣ	миёна

Шаклҳои фосилавии дастгирии методӣ вобаста ба ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ба раванди таълим рушд мекунанд. Платформаҳои маҷозӣ барои мубодилаи таҷрибаҳо эҷод карда мешаванд, вебинарҳо ва конфронсҳои видеоӣ баргузор мегарданд ва курсҳои таълими фосилавӣ ташкил карда мешаванд.

Таъминоти кадрии хадамоти методӣ.

Самаранокии хадамоти методӣ асосан аз сифати таъминоти кадрии он муайян карда мешавад. Таҳлили таъминоти кадрии хадамоти методӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам тамоюлҳои мусбат ва ҳам мушкилоти ҷиддиро ошкор мекунад.

Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар низоми Хадамоти методии ҷумҳурӣ тақрибан 2800 мутахассиси сатҳҳои гуногун: аз мушовирони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маоиф, филиалҳои он дар минтақаҳо то роҳбарони иттиҳодияҳои методии мактабҳо кор мекунанд” [80, С. 126-131].

Ҷадвали 10. *Таъминоти кадрии хадамоти методии ҶТ аз рӯйи дараҷаҳо*

Дараҷа	Миқдори мутахассисон	Маълумот	Собиқаи корӣ
Ҷумҳуриявӣ	45	баланд - 100%	Зиёда аз 15 сол - 78%
Минтақавӣ	156	баланд - 98%	Зиёда аз 10 сол - 82%
Ноҳиявӣ	578	баланд - 94%	Зиёда аз 10 сол - 76%

Идомаи ҷадвал

Дараҷа	Миқдори мутахассисон	Маълумот	Собиқаи корӣ
Мактабӣ	2021	баланд - 89%	Зиёда аз 5 сол - 68%

Таҳлили сохтори синнусолии хадамоти методӣ мушкилоти пиршавии қувваи кориро ошкор мекунад. Синну соли миёнаи мушовирон 48 сол аст, ки 34% мутахассисон аз 55 боло ва танҳо 8% мутахассисони ҷавон аз 30 сола поёнтаранд.

Мушкилоти ҷиддӣ сатҳи нокифояи доштани маҳорати технологияи муосири иттилоотӣ дар байни мушовирон мебошад. Тибқи таҳқиқоте, ки дар соли 2023 гузаронида шудааст, танҳо 42% мушовирон малакаҳои истифодаи абзорҳои муосири рақамиро дар сатҳе доранд, ки барои иҷрои самараноки вазифаҳои касбии худ кофӣ аст.

Арзёбии самаранокии амсилаҳои мавҷудаи кори методӣ

Барои ба тарзи объективӣ арзёбӣ намудани самаранокии амсилаҳои гуногуни кори методӣ таҳқиқот гузаронида шуд, ки он пурсиши 1200 омӯзгорро аз 150 муассисаҳои таълимии минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирифтааст. Таҳқиқот аз сентябри соли 2022 то майи соли 2023 бо дастгирии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф гузаронида шуд.

Ҷадвали 11. *Арзёбии самаранокии амсилаҳои корҳои методии омӯзгорон*

Амсилаи корҳои методӣ	Арзёбии самаранокӣ (холи миёна аз рӯйи ҷадвали 5-хола)	Ҳиссаи омӯзгороне, ки амсиларо мусбат арзёбӣ кардаанд
Шурои методии мактаб	3,4	62%
Иттиҳодияҳои методии фаннӣ	3,8	71%
Гурӯҳҳои эҷодӣ	4,2	84%
Роҳнамоии педагогӣ	4,1	79%
Курсҳои такмили ихтисос	3,6	68%
Худомӯзӣ	4,0	76%

Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки омӯзгорон самаранокии шаклҳои инноватсионии корҳои методиро аз қабили гурӯҳҳои эҷодӣ, роҳнамоии педагогӣ, хеле баланд арзёбӣ намудаанд. Ин аз самти амалӣ, муносибати инфиродӣ ва имконияти ҳалли мушкилоти конкрентии касбӣ доштани он шаҳодат медиҳад.

Шаклҳои корҳои методӣ – шуроҳои методӣ ва фании Иттиҳодияҳои методии мактабҳо арзёбии паст гирифтаанд, ки ин ба расмиятпарастӣ дар кори онҳо ва робитаи нокифоя бо ниёзҳои воқеии омӯзгорон вобаста аст.

Мушкилот ва дурнамои рушди хадамоти методӣ

Таҳлили вазъи кунунии хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад проблемаҳои асосиеро, ки барои иҷрои вазифаҳои асосии он ҷиҳати рушди касбии омӯзгорон монеа мешаванд, муайян намоем.

***Ҷадвали 12**. Мушкилоти асосии хадамоти методӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо*

Мушкилот	**Сабабҳо**	**Роҳҳои ҳал**
Расмиятпарастӣ дар кор	Набудани ҳавасмандӣ, равишҳои кӯҳна	Ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии кор, низоми ҳавасмандгардонӣ
Таъминоти нокифояи моддиву техникӣ	Маблағгузории маҳдуд	Афзоиши маблағгузории буҷавӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷавӣ
Пиршавии кадрҳо	Сатҳи пасти ҷалбшавӣ ба касб	Баланд бардоштани мақом ва пардохти меҳнати методистон
Робитаи ноустуворо бо амалия	Дурӣ аз ниёзҳои воқеии омӯзгорон	Омӯзиши ниёзҳо, равиши ба амалия нигаронидашуда
Норасоии технологияи муосир	Сатҳи пасти саводнокии рақамӣ	Такмили ихтисос дар соҳаи ТИК

Самтҳои асосии беҳтар кардани фаъолияти хадамоти методӣ бояд инҳо бошанд: “... навсозии мундариҷа ва шаклҳои кори методӣ мувофиқи талаботи муосир; ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти методӣ;

беҳтар кардани системаи омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони методӣ; тақвияти захираҳои моддӣ ва техникии хадамоти методӣ; рушди ҳамкориҳои шабакавӣ байни сатҳҳои гуногуни хадамоти методӣ.

Самтҳои ояндадори рушд инҳоянд:

-таъсиси марказҳои методии минтақавӣ, ки захираҳои муассисаҳои гуногуни таълимиро муттаҳид мекунанд;

- рушди шаклҳои дурдасти дастгирии методӣ;

- татбиқи низоми роҳнамоӣ ва мураббигӣ; таъсиси ҷомеаҳои касбии омӯзгорон, ки ба технологияҳои муосири иттилоотӣ асос ёфтаанд” [91, С. 337]

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи кунунии хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти чаҳорчӯбаи танзимкунанда ва сохтори ташкилии таҳияшударо нишон медиҳад. Аммо, мушкилоти ҷиддӣ дар таъминоти кадрӣ ва таъминоти моддию техникӣ, инчунин дар мундариҷа ва шаклҳои кори методӣ вуҷуд доранд. Ҳалли ин масъалаҳо равиши ҳамаҷониба ва сармоягузории назаррасро дар рушди хадамоти методологӣ ҳамчун омили калидии беҳтар кардани сифати маориф дар кишвар талаб мекунад.

Хусусиятҳои минтақавии ташкили корҳои методӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқиятҳои назарраси минтақавӣ дар ташкил ва самаранокии корҳои методӣ хусусияти хос доранд. Ин фарқиятҳо аз хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои гуногуни кишвар вобастаанд.

Тибқи таҳқиқоте, ки Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2023 анҷом додааст, системаи аз ҳама рушдёфтаи кори методӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд амал мекунад ва марказҳои асосии таълимӣ ва илмии кишвар дар он ҷо мутамарказ шудаанд. Дар ин минтақаҳо хадамоти методӣ дорои захираҳои беҳтари моддию техникӣ, кадрҳои баландихтисос ва шаклҳои гуногуни кор бо омӯзгорон мебошанд.

Ҷадвали 13. *Тафовутҳои минтақавӣ дар ташкили корҳои методӣ*

Минтақа	Миқдори мушовирон аз рӯйи 1000 нафар	Таъминот бо адабиёти методӣ (%)	Истифодаи ТИК дар корҳои методӣ (%)	Фарогирии омӯзгорон ба корҳои методӣ (%)
ш. Душанбе	28	84	67	89
Вилояти Суғд	22	71	54	82
Вилояти Хатлон	18	58	38	74
ВМБК	15	45	29	68
НТҶ	19	62	41	76
Шаҳру ноҳияҳои атрофи пойтахт	20	64	46	78

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) бо шароити душвортарини ташкили корҳои методӣ тавсиф мешавад. “Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷудо будан, маҳдудияти алоқаи нақлиётӣ ва норасоии кадрҳои баландихтисос монеаҳои ҷиддиро барои фаъолияти самараноки хадамоти методӣ эҷод мекунанд” [54, С. 53-58.].

Вилояти Хатлон, сарфи назар аз шумораи зиёди муассисаҳои таълимӣ, дар таъмини дастгирии методии босифат ба омӯзгорон бо мушкилоти назаррас рӯбарӯ аст. Мушкилоти асосӣ инҳоянд:

- норасоии мушовирони маълумоти олидошта;

- пойгоҳи ноустувори моддӣ-техникӣ ва дастрасии маҳдуд ба захираҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир.

Ҷадвали 14. Махсусиятҳои мушкилоти корҳои методӣ дар минтақаҳо

Минтақа	Мушкилоти асосӣ	Махсусиятҳо
ш.Душанбе	Сарбории зиёди мушовирон, норасоии равишҳои инноватсионӣ	Мутамарказонидани муассисаҳои таълимӣ
Вилояти Суғд	Рушди нобаробари шаҳру деҳот	Саноаткунонии минтақа
Вилояти Хатлон	Норасоии кадрҳои баландихтисос, пойгаҳи ноустувори моддӣ	Тахассуси кишоварзӣ, сатҳи баланди таваллуд
ВМБК	Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дур будан,	Релефи кӯҳӣ, аҳолии

Идомаи ҷадвал

Минтақа	Мушкилоти асосӣ	Махсусиятҳо
	монеаҳои забонӣ	камшумор
НТҶ	Наздикӣ ба пойтахт, набудани захираҳо	Хусусиятҳои гузариш байни типҳои шаҳру деҳот

Махсусиятҳои забонӣ низ ба ташкили корҳои методӣ таъсир мерасонанд. Дар минтақаҳое, ки забонҳои помирӣ бартарӣ доранд (ВМКБ), душвориҳои иловагӣ дар омода кардани маводи методологӣ ва гузаронидани чорабиниҳо бо забонҳои модарии хонандагон ба миён меоянд.

“Рақамикунонии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйири кори методӣ таъсири назаррас мерасонад. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкониятҳои навро барои ташкили дастгирии методӣ барои омӯзгорон ва эҷоди муҳити муосири таълимӣ фароҳам меорад” [14, С. 180-185].

Дар соли 2022 Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2042 тасдиқ карда шуд, ки таъсиси платформаи ягонаи таҳсилоти рақамӣ ва ҳамгироии технологияҳои таълими фосилавиро ба рушди касбии кормандони омӯзгорӣ пешбинӣ мекунад.

***Ҷадвали 15**. Марҳилаҳои рақамикунонии корҳои методӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Марҳила	Давра	Чорабиниҳои асосӣ	Натиҷаҳои интизорӣ
Марҳилаи I этап	2023-2026	Эҷоди платформаҳои рақамӣ, омодасозии кадрҳо	Фарогирии 30% -и мушовирон ба технологияҳои рақамӣ
Марҳилаи II	2027-2030	Татбиқи васеи шалкҳои фосилавии кор	Фарогирии 30% -и мушовирон ба дастгирии омӯзиши фосилавӣ
Марҳилаи III	2030-2040	Эҷоди низоми муттаҳиди дастгирии методӣ	Рақамикунонии пурраи корҳои методӣ

Самтҳои асосии рақамикунонии кори методӣ инҳоянд: “... таъсиси китобхонаҳои электронии маводи методӣ; ташкили вебинарҳо ва конфронсҳои маҷозӣ; таҳияи барномаҳои мобилӣ барои дастгирии методӣ; татбиқи системаҳои таълими фосилавӣ. Вале, раванди рақамикунонӣ бо монеаҳои назаррас рӯбарӯ аст, аз ҷумла: таҷҳизоти техникии нокифоя дар мактабҳо, саводнокии пасти рақамӣ дар байни омӯзгорон ва дастрасии маҳдуд ба интернети баландсуръат дар деҳот” [80, С. 126-131].

Ҷадвали 16*. Монеаҳои рақамикунонии шаклҳои кори методӣ*

Монеа	**Дараҷаи таъсиррасонӣ**	**Минтақаҳое, ки таъсири бештар доранд**	**Роҳҳои бартарафкунӣ**
Норасоии таҷҳизоти техникӣ	Баланд	Минтақаҳои деҳоти ҳамаи вилоятҳо	Сармоягузории давлатӣ, кумаки байналмилалӣ
Саводнокии пасти рақамӣ	Баланд	ВМБК, ноҳияҳои алоҳида	Омӯзиши оммавии омӯзгорон
Маҳдудияти дастрасӣ ба интернет	Миёна	Ноҳияҳои кӯҳӣ	Рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ
Монеаҳои забонӣ	Миёна	ВМБК, баъзе ноҳияҳои Хатлон	Маҳиллигардонии захираҳои рақамӣ

Маблағгузорӣ барои корҳои методӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути манбаъҳои гуногун, аз ҷумла: буҷети давлатӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои таълимӣ, грантҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад.

Таҳлили ҷудокунии буҷетӣ барои корҳои методӣ нишон медиҳад, ки онҳо барои таъмини дастгирии методии босифат барои ҳамаи кормандони омӯзгорӣ нокифоянд. Дар соли 2023, 0,8% аз буҷети умумии маориф барои корҳои методӣ ҷудо карда шудааст, ки тақрибан 12 миллион сомониро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали 17**. Сохтори маблағгузории корҳои методӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023)*

Манбаи маблағгузорӣ	**Маблағ (млн. сомони)**	**Ҳисса (%)**	**Самтҳои асосии истифода**
Буҷаи давлатӣ	7,2	60	Маоши мушовирон, курсҳои такмили ихтисос
Буҷаи маҳаллӣ	2,4	20	Чорабиниҳои методӣ, мавод
Маблағҳои ғайрибуҷавӣ	1,2	10	Курсҳои иловагӣ, семинарҳо
Лоиҳаҳои байналмилалӣ	1,2	10	Барномаҳои инноватсионӣ, таҷҳизот
Ҳамагӣ	12,0	100	-

Маблағгузории нокифоя боиси як қатор мушкилот мегардад: “... маоши пасти мушовирон, иқтидори маҳдуд барои гузаронидани фаъолиятҳои методӣ, набудани маводи муосири таълимӣ ва омӯзишӣ ва пойгоҳи заифи моддӣ-техникӣ барои хидматрасонии методӣ. Барои ҳалли масъалаҳои маблағгузорӣ, зарур аст, ки: зиёд кардани маблағгузории буҷа барои корҳои методӣ то 2% аз буҷаи умумии маориф; таҳияи механизмҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ; тақвияти талошҳо барои ҷалби грантҳои байналмилалӣ; ва таъсиси фондҳо барои дастгирии кори методӣ зарур мебошад” [10, С. 241-246]

Системаи назорат ва арзёбии сифати кори методӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон таҳия мешавад. Ҳамзамон самаранокии хизматрасонии методӣ асосан аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ: шумораи чорабиниҳои баргузоршуда, шумораи иштирокчиён ва дараҷаи иштироки омӯзгорон дар шаклҳои гуногуни кори методӣ арзёбӣ карда мешавад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи нишондиҳандаҳоро барои арзёбии фаъолияти хизматрасонии методӣ таҳия кардааст, ки гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳо: ташкилӣ (сохтор ва кадрҳо), асосӣ (барномаҳо ва фаъолиятҳо) ва самаранокӣ (таъсир ба рушди касбии омӯзгорон)-ро дар бар мегирад.

***Ҷадвали 18**. Системаи нишондиҳандаҳои арзёбии корҳои методӣ*

Гурӯҳи нишондиҳандаҳо	**Нишондиҳандаҳои мушаххас**	**Усулҳои андозагирӣ**	**Басомади арзёбӣ**
Ташкилотӣ	Таъминоти кадрҳои ташкилотӣ, дараҷаи тахассуси мушовирон	Таҳлили оморӣ	Ҳар сол
Мундариҷавӣ	Сифати барномаҳои ТИ, навоварии усулҳо	Арзёбии ташхисӣ	Ҳар 3 сол
Самаранокӣ	Афзоиши салоҳияти касбии омӯзгорон	Санҷиши тестӣ, пурсишномаҳо	Ҳар сол
Захиравӣ	Маблағгузорӣ, базаи моддиву техникӣ	Таҳлили молияӣ	Ҳар сол

Бо вуҷуди ин, низоми мавҷудаи мониторинг як қатор камбудиҳоро низ дорост:

“- бартарии нишондиҳандаҳои миқдорӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои сифатӣ;

- таваҷҷуҳи нокифоя ба арзёбии таъсири кори методӣ ба сифати таълим;

- набудани механизмҳои бозхонд аз ҷониби омӯзгорон;

- робитаи сусти байни натиҷаҳои мониторинг ва қарорҳои идоракунӣ” [57, С. 189-197.].

Барои беҳтар кардани низоми мониторинг зарур аст, ки: таҳияи нишондиҳандаҳои баландсифат барои арзёбии кори методӣ; татбиқи усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот; эҷоди системаи бозхонд барои иштирокчиёни кори методӣ; ва истифода аз натиҷаҳои мониторинг барои танзими стратегияи рушди хадамоти методӣ ба роҳ монда шаванд.

Таҳлили вазъи кунунии хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро барорем:

1) Базаи танзимкунандаи фаъолияти хадамоти методӣ умуман хуб муқаррар шудааст ва ҳуҷҷатҳои асосиро дар сатҳҳои гуногун, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санадҳои маҳаллии муассисаҳои

таълимӣ, дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, дар танзими механизмҳои мушаххаси ҳамкорӣ байни сатҳҳои гуногуни хадамоти методӣ ва меъёрҳои арзёбии самаранокии онҳо камбудиҳо мавҷуданд.

2) Сохтори ташкилии хадамоти методӣ системаи чорзинагӣ (сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва мактабӣ) -ро дар бар мегирад, ки он фарогирии ҳамаи кормандони омӯзгориро дар кишвар таъмин мекунад. Дар ин замина фарқиятҳои назарраси минтақавӣ дар сифати дастгирии методӣ мушоҳида мешаванд.

3) Амсилаҳои мавҷудаи кори методӣ ҳам шаклҳои анъанавӣ (шуроҳои методӣ, ИМФ) ва ҳам равишҳои инноватсионӣ (гурӯҳҳои эҷодӣ, роҳнамоӣ) -ро дар бар мегиранд. Таҳқиқот самаранокии хеле баланди шаклҳои инноватсиониро нишон дод, ки ин татбиқи васеътари онҳоро зарур мегардонад.

4) Таъминоти кормандони хадамоти методӣ бо сатҳи баланди тахассусӣ тавсиф мешавад, аммо пиронсолии кормандон ва дониши нокифояи онҳо дар донитани технологияҳои муосир мушкилӣ эҷод мекунад.

5) Таъминоти моддиву техникӣ, махсусан дар мактабҳои деҳот, ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ монда, татбиқи усулҳои муосири кори методиро маҳдуд мекунад.

6) Рақамӣ кардани корҳои методӣ худ дар марҳилаи аввал қарор дорад ва сармоягузории назаррасро барои таҷҳизоти техникӣ ва омӯзиши кормандон талаб мекунад.

7) Маблағгузорӣ барои корҳои методӣ нокифоя аст ва афзоиши тақсимоти буҷет ва гуногунрангии манбаъҳои маблағгузориро талаб мекунад.

Мушкилот ва мухолифатҳои муайяншуда зарурати навсозии системаи методиро бо назардошти талаботи муосир барои салоҳиятмандии касбии омӯзгорон ва татбиқи равишҳои инноватсионӣ дар ташкили дастгирии методӣ барои кормандони педагогиро муайян мекунанд.

1.3. Технология ва усулҳои муосири такмили ихтисоси омӯзгорон

Дар шароити навсозии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили низоми баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон аҳамияти махсус касб мекунад. Тавре ки А.Х. Раҳимов қайд мекунад, «... талаботи муосир ба сифати таҳсил зарурати ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ ба рушди касбии омӯзгоронро пеш мегузорад, ки ин таҳлили ҳамаҷонибаи самаранокии шаклҳо ва усулҳои гуногуни баланд бардоштани ихтисосро тақозо менамояд» [92 , С. 239-248.]

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки низоми такмили ихтисоси омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ислоҳоти фаъол қарор дорад. Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, “дар соли 2023 беш аз 28 000 омӯзгорон ба шаклҳои гуногуни такмили ихтисос фаро гирифта шуданд, ки ин 87%-ро аз шумораи умумии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ташкил медиҳад” [86].

Таҳлили самаранокии шаклҳои анъанавӣ ва инноватсионии такмили ихтисос

Маъмулан, ташкили шаклҳои курсҳои бозомӯзӣ, ки дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормадони соҳаи маорифи назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва марказҳои минтақавии такмили ихтисос амал мекунанд, дар низоми баланд бардоштани савияи тахасусии омӯзгорони ҷумҳурӣ бартарӣ доштанд. Вале, чуноне ки аз таҳқиқот бармеояд, самаранокии шаклҳои анъанавии такмили ихтисос дар шароити муосир бинобар сабаби яктарафа самт гирифтани кор ва ба таври кофӣ ба назар нагирифтани ниёзҳои инфиродии омӯзгорон ба таври назаррас коҳиш ёфта истодаст.

***Ҷадвали 19**. Таҳлили қиёсии самаранокии шаклҳои гуногуни рушди касбии омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020-2024)*

Шакли такмили ихтисос	Фарогирии омӯзгорон (%)	Қаноатмандии иштирокчиён (1-5 хол)	Татбиқи донишҳои андӯхта-шуда дар амалия (%)	Арзиши барои як омӯзгор (сомони)	Нишондиҳандаи самаранокӣ
Курсҳои анъанавии ТИ	65	3,2	42	850	2,1
Дарсҳои маҳорат	28	4,1	67	320	3,8
Семинарҳои омӯзишӣ	22	4,3	71	480	3,9
роҳбалодӣ	8	4,7	83	280	4,5
Коучинг	5	4,8	89	650	4,2
Курсҳои маҷозӣ	15	3,8	58	180	3,6
Омӯзиши модулӣ	12	4,2	74	420	4,1
Фаъолияти лоиҳавӣ	18	4,4	78	380	4,3

Манбаъ: *аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Донишкадаи такмили ихтисоси ДМТ ва пурсиши омӯзгорони Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.*

Аз ҷадвали 19 бармеояд, ки шаклҳои самараноки рушди касбӣ равишҳои кори инфиродӣ (роҳнамоӣ (менторӣ), коучинг) ва шаклҳои интерактивӣ (фаъолиятҳои лоиҳавӣ, омӯзишӣ) мебошанд. Аммо, курсҳои анъанавӣ, сарфи назар аз фарогирии васеъ, аз ҷиҳати татбиқи амалии донишҳои бадастоварда самаранокии пастро нишон медиҳанд.

Курсҳои такмили ихтисос

Курсҳои анъанавии такмили ихтисос шакли асосии рушди касбӣ барои омӯзгорон дар Тоҷикистон боқӣ мемонанд. Тибқи маълумоти мавҷуда, дар соли 2023 127 курси такмили ихтисос дар мавзуъҳои гуногун бо иштироки 18420 нафар омӯзгор баргузор гридааст.

Таҳлили мундариҷаи курсҳои омӯзишӣ бартарии ҷузъи назариявӣ нисбат ба амалӣ буданро нишон медиҳад. Нзом мавҷудаи курсҳои такмили ихтисос ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ нест, зеро он ниёзҳои инфиродии омӯзгорон ва хусусиятҳои кори касбии онҳоро ба таври кофӣ ба назар намегирад.

Дарсҳои маҳорат ва тренингҳо.

Дарсҳои маҳорат ва тренингҳо шаклҳои самараноктари такмили ихтисос будани худро исбот кардаанд. Иштирокчиёни дарсҳои маҳорат дар татбиқи технологияҳои нави таълимӣ нисбат ба иштирокчиёни курсҳои анъанавӣ 35% натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд.

***Ҷадвали 20**. Динамикаи рушди шаклҳои гуногуни такмили ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020-2024)*

Сол	Курсҳои анъанавӣ	Курсҳои устодӣ	Тренинг-ҳо	Шаклҳои маҷозӣ	Роҳбаладӣ/ коучинг	Ҳамаи чораби-ниҳо
2020	98	15	8	3	2	126
2021	105	23	18	12	5	163
2022	118	34	28	25	12	217
2023	127	45	38	42	18	270
Афзоиш (%)	29,6	200,0	375,0	1300,0	800,0	114,3

***Манбаъ**: аз тарафи муаллиф дар асоси ҳисоботи марказҳои минтақавии ТИ тартиб дода шудааст.*

Курсҳои роҳнамоӣ ва мураббигӣ (менторинг ва коучинг)

Шаклҳои инфиродии рушди касбӣ - роҳнамоӣ ва мураббигӣ – хеле ҷолибанд. Тавре ки таҳқиқоти Абдуллоева Ш.Т. нишон медиҳад, «... ҷорӣ намудани низоми роҳнамоӣ метавонад самаранокии рушди касбии омӯзгорони ҷавонро 40-50% афзоиш диҳад» [1, С. 78-84].

Барномаи роҳнамоӣ, ки соли 2022 дар доираи лоиҳаи «Рушди маориф дар Тоҷикистон» (mentoring) оғоз ёфт, 850 омӯзгори ҷавонро дар бар гирифт.

Тибқи арзёбии миёнамӯҳлат, “... 89% иштирокчиёни барнома аз беҳбудии назарраси салоҳиятҳои касбии худ хабар доданд” [88, С. 45].

Таҳлили истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ дар рушди касбӣ

Табдили рақамии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ворид кардани технологияҳои муосири таълимиро ба системаи рушди касбии омӯзгорон пешбинӣ менамояд. Истифодаи ТИК дар рушди касбӣ на танҳо самаранокии таълимро беҳтар мекунад, балки инчунин рушди салоҳиятҳои рақамиро дар байни омӯзгорон осон мегардонад.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК).

Ҷорӣ намудани ТИК дар системаи рушди касбӣ дар Тоҷикистон нисбатан ба наздикӣ оғоз ёфта бошад ҳам, вале аллакай натиҷаҳои мусбат нишон медиҳад. Истифодаи тахтаҳои интерактивӣ, презентатсияҳои мултимедиявӣ ва платформаҳои маҷозӣ дар рушди касбӣ ангезаи омӯзгоронро барои омӯзиш 45% меафзоянд.

Ҷадвали 21*. Сатҳи татбиқи ТИК дар раванди рушди касбии омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Технология	**Сатҳи татбиқ (%)**	**Самараноки и истифода (1-5 хол)**	**Омодагии омӯзгорон барои истифода (%)**	**Муҷҳазгар-донии техникии марказҳои ТИ (%)**
Тахтаҳои интерактивӣ	35	4,2	67	28
Презентатсияҳои мултимедиявӣ	78	4,0	85	65
Платформаҳои таълимии маҷозӣ	42	3,8	58	45
Видеоконфроснҳо	55	4,1	72	52
Захираҳои таълимии электронӣ	38	3,9	61	41
Симуляторҳо ва мураббиён	12	4,5	34	15
Технологияи воқеияти виртуалӣ	3	4,8	18	8

Идомаи ҷадвал

Технология	Сатҳи татбиқ (%)	Самараноки и истифода (1-5 хол)	Омодагии омӯзгорон барои истифода (%)	Муҷҳазгар-донии техникии марказҳои ТИ (%)
Зеҳни сунъӣ	1	4,9	12	3

***Манбаъ**: аз тарафи муаллиф дар асоси пурсиши 45 маркази ТИ ҶТ тартиб дода шудааст.*

Рушди таълими маҷозӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Пандемияи COVID-19 катализатори ҷорӣ намудани таълими фосилавӣ гардид. Аз соли 2020 то 2022, саҳми курсҳои маҷозӣ дар барномаҳои умумии рушди касбӣ аз 5% то 28% афзоиш ёфт.

Фаъолияти лоиҳавӣ. Усули таълими лоиҳавӣ дар рушди омӯзгорон дар Тоҷикистон фаъолона татбиқ карда мешавад. Иштирок дар таълими лоиҳавӣ эҷодкорӣ, навоварӣ ва кори дастаҷамъии омӯзгоронро тақвият медиҳад.

Дар доираи барномаи рушди касбии «Муаллими муосир», дар соли 2024 127 лоиҳа амалӣ карда шуд, ки 1890 омӯзгорро дар бар мегирифт. Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки 78% иштирокчиён унсурҳои лоиҳаҳои худро бомуваффақият ба амалияҳои таълимии худ ворид кардаанд.

Ҷадвали 22 самаранокии истифодаи фаъолиятҳои лоиҳавӣ дар таҳсилоти муттасилро нишон медиҳад.

***Ҷадвали 22.** Самаранокии истифодаи фаъолияти лоиҳавӣ дар такмили ихтисос*

Навъи лоиҳа	Шумораи лоиҳаҳои анҷомёфта	Давомнокии миёна (ҳафтаҳо)	Сатҳи расидан ба ҳадаф (%)	Татбиқ дар амалия (%)	Қаноатмандии иштирокчиён (холҳо 1-5)
Лоиҳаҳои методӣ	45	8	87	82	4,3
Лоиҳаҳои технологӣ	38	12	79	74	4,1
Лоиҳаҳои таҳқиқотӣ	22	16	92	68	4,6

Идомаи ҷадвал

Навъи лоиҳа	Шумораи лоиҳаҳои анҷомёфта	Давомнокии миёна (ҳафтаҳо)	Сатҳи расидан ба ҳадаф (%)	Татбиқ дар амалия (%)	Қаноатмандии иштирокчиён (холҳо 1-5)
Лоиҳаҳои иҷтимоӣ	15	10	83	91	4,4
Лоиҳаҳои байнифанӣ	7	14	89	76	4,5

Манбаъ: аз тарафи муаллиф дар асоси ҳисоботи фаъолияти лоиҳавӣ тартиб дода шудааст.

Геймофикатсия (Истифодаи бозӣ).

Геймофикатсия – истифодаи бозӣ ҳамчун технологияи инноватсионӣ барои рушди касбӣ айни замон дар Тоҷикистон мавриди озмоиш қарор дорад. Истифодаи унсурҳои бозӣ дар раванди таълим ҳавасмандии омӯзгоронро 52% зиёд карда, дар хотир нигоҳ доштани маводро 38% беҳтар мегардонад.

Дар соли 2024, дар пояи Донишкадаи такмили ихтисоси ДМТ курси озмоишӣ бо номи «Педагогикаи рақамӣ» бо унсурҳои бозӣ оғоз ёфт. Аз 120 иштирокчӣ 94% аз ангезаи баланди омӯзиш хабар доданд ва 87% хоҳиши иштирок дар барномаҳои монандро дар оянда изҳор доштанд.

Махсусиятҳои татбиқи технологияҳои муосир дар минтақаҳо

Таҳлили махсусиятҳои татбиқи технологияҳои муосири такмили ихтисос дар минтақаҳо фарқиятҳои назаррасро байни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон нишон медиҳад. Тавре ки Назирова С.А. қайд мекунад, «сатҳи таҷҳизоти техникӣ ва омодагии омӯзгорон барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ байни минтақаи пойтахт ва минтақаҳои дурдаст ба таври назаррас фарқ мекунад» [82, С. 67-74].

Ҷадвали 24. *Тафовутҳои минтақавӣ дар истифодаи технологияҳои муосири ТИ*

Минтақа	Муҷаҳҳазот (%)	Фарогирӣ бо Интернете (%)	Истифодаи ТИК дар ТИ (%)	Таълими маҷозӣ (%)	Омодагии омӯзгорон барои навоварӣ (хол 1-5)

Идомаи ҷадвал

Минтақа	Муҷаҳҳазот (%)	Фарогирӣ бо Интернете (%)	Истифодаи ТИК дар ТИ (%)	Таълими маҷозӣ (%)	Омодагии омӯзгорон барои навоварӣ (хол 1-5)
Ш.Душанбе	78	95	67	45	4,2
Вилояти Суғд	52	78	43	28	3,6
Вилояти Хатлон	34	65	31	18	3,2
ВАБК	28	45	22	12	2,9
НТҶ	41	72	38	25	3,4

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти раёсатҳои маорифи минтақаҳо тартиб дода шудааст.

Дар минтақаи пойтахт 67% омӯзгорон сатҳи баланди салоҳияти кор бо ТИК- ро доранд, дар ҳоле ки дар ВМКБ ин нишондод танҳо 22% ташкил медиҳад.

Монеаҳо ва маҳдудиятҳо дар татбиқи технологияҳои муосир

Бо вуҷуди динамикаи мусбати татбиқи технологияҳои муосир як қатор монеаҳои назаррас боқӣ мемонанд. Монеаҳои асосӣ инҳоянд: маблағгузории нокифоя (78% пурсидашудагон зикр кардаанд), сатҳи пасти таҷҳизоти техникӣ (67%), набудани кадрҳои баландихтисос (56%) ва муқовимат ба тағйирот аз ҷониби баъзе омӯзгорон (34%).

Ҷадвали 25. *Монеаҳои асосии татбиқи технологияҳои муосири ТИ (аз рӯйи натиҷаҳои пурсиши омӯзгорон)*

Монеа	Ҳиссаи посухдодагон (%)	Сатҳи танқид (хол 1-5)	Имконоти бартарафкунӣ (%)
Маблағгузории нокифоя	78	4,6	23
Сатҳи пасти таҷҳизоти техникӣ	67	4,3	34
Набудани кадрҳои баландихтисос	56	4,1	67
Шабакаи интернетии	54	4,2	45

Идомаи ҷадвал

Монеа	Ҳиссаи посухдодагон (%)	Сатҳи танқид (хол 1-5)	Имконоти бартарафкунӣ (%)
ноустувор			
Муқовимат ба тағйирот	34	3,2	78
Монеаҳои забонӣ	29	3,4	56
Норасоии вақт	43	3,8	62
Набудани ҳавасмандӣ	21	2,9	83

Манбаъ: маълумоти муаллиф

Таҷрибаи байналмилалӣ ва имконоти мутобиқшавӣ

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ мавҷудияти амсилаҳои муваффақеро нишон медиҳад, ки метавонанд ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шаванд. Тавре ки Саидова Р.Т. қайд мекунад, «таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Қазоқистон ва Ӯзбекистон, самаранокии ҷорӣ намудани марҳила ба марҳилаи технологияҳои рақамиро ба системаи рушди касбӣ нишон медиҳад» [101, С. 45-53].

Таҷрибаи Финландия, ки дар он системаи рушди касбӣ бар асоси принсипҳои фардӣ ва пайвастагӣ асос ёфтааст, ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ба гуфтаи Маҳмудов А.К., «мутобиқ кардани амсилаи финландӣ ба шароити Тоҷикистон метавонад самаранокии системаи рушди касбиро то 35-40% афзоиш диҳад» [74, С.78-75].

Истифодаи зеҳни сунъӣ ва маълумоти зиёд

Дурнамои рушди системаи такмили ихтисос истифодаи зеҳни сунъӣ (ЗС) ва таҳлили маълумоти калон мебошад. Гарчанде ки технологияи мазкур дар марҳилаҳои аввали татбиқ дар Тоҷикистон қарор доранд, таҷрибаҳои аввалия иқтидори баланди онҳоро нишон медиҳанд.

Лоиҳаи таҳқиқотии «ЗС дар маориф», ки якҷоя бо Донишгоҳи техникии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, ба эҷоди системаи интеллектуалӣ барои фардӣ кардани барномаҳои рушди касбӣ равона карда шудааст. Истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили ниёзҳои касбии омӯзгорон метавонад самаранокии таълимро то 35-40% баланд бардорад.

Ҷадвали 26. *Имконияти татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон*

Соҳаи татбиқ	**Сатҳи омодагӣ (%)**	**Самаранокии пешбинишуда (%)**	**Муҳлати татбиқ**	**Сармоягузории зарурӣ (млн. сомонӣ)**
Фардикунонии таълим	15	35-40	2025-2026	12,5
Арзёбии автоматии салоҳиятҳо	8	25-30	2026-2027	8,3
Мураббиёни зеҳнӣ (тютерҳо)	5	40-45	2027-2028	15,7
Пешгӯйии ниёзҳои ТИ	12	20-25	2025-2026	6,8
Маводҳои таълимии мутобиқшуда	18	30-35	2024-2025	9,2
Таҳлили самаранокии барнома	22	15-20	2024-2025	4,6

Манбаъ: аз тарафи муаллиф дар асоси арзёбии коршиносон тартиб дода шудааст.

Арзёбии сифат ва самаранокии барномаҳои такмили ихтисос

Ҷанбаи муҳими навсозии низоми такмили ихтисос ба такмили системаи арзёбии сифат ва самаранокии барномаҳои таълим вобаста мебошад. Усулҳои анъанавии арзёбӣ, ки асосан ба нишондиҳандаҳои миқдории фарогирӣ ва қаноатмандии иштирокчиён асос ёфтаанд, самаранокии воқеии омӯзишро пурра инъикос намекунанд.

Таҳқиқоти муосир зарурати татбиқи низоми ҳамаҷонибаи арзёбӣ, ки ташхиси пешакии ниёзҳои касбӣ, назорати фосилавии ташаккули салоҳиятҳо, арзёбии ниҳоии натиҷаҳои омӯзиш ва мониторинги дарозмуддати таъсир ба фаъолияти касбиро дар бар мегирад, ба миён овардааст.

Ҷадвали 27. *Низоми бисёрсатҳаи арзёбии самаранокии барномаҳои ТИ*

Сатҳи арзёбӣ	**Меъёрҳои арзёбӣ**	**Усулҳои арзёбӣ**	**муҳлат**	**Масъул**
1. Ангеза	Қаноатмандӣ, ҳавасмандӣ	Пурсиш, мусоҳиба	Фавран, пас аз омӯзиш	Ташкилкунандагони ТИ
2.Омӯзиш	Гирифтани дониш ва малакаҳо	Санҷиш, супоришҳои амалӣ	Дар ҷараён ва пас аз анҷоми таҳсил	Омӯзгорон
3. Рафтор	Тағйирот дар фаъолияти касбӣ	Мушоҳида, таҳлили таҷриба	Пас аз 3-6 моҳ	Маъмурияти МТУ
4. Натиҷаҳо	Таъсир ба натиҷаҳои таълим	Таҳлили пешрафти хонандагон	Пас аз 6 -12 моҳ	Мақомот идоракунӣ
5. ROI	Бозгашти сармоягузорӣ	Таҳлили иқтисодӣ	Пас аз 12-24 моҳ	Марказҳои аналитикӣ

Эзоҳ: ROI - Return on Investment, ҳамчун «бозгашти сармоягузорӣ» ё маҳсулнокии сармоягузорӣ.

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф дар асоси амсилаи Киркпатрик мутобиқ карда шудааст.

Дурнамои рушд эҷоди низоми арзёбии мустақилонаи тахассуси омӯзгорон ба шумор меравад. Соли 2023 дар Тоҷикистон корҳо оид ба таъсиси Маркази миллии арзёбии тахассус дар соҳаи маориф оғоз ёфтанд. Арзёбии мустақилонаи тахассус бояд унсури муҳими низоми рушди касбии омӯзгорон гардад, то ки объективият ва шаффофияти расмиёти аттестатсияро таъмин намояд.

Бар асоси таҳлил, тавсияҳои зеринро барои беҳтар кардани низоми рушди касбии омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон таҳия кард:

Хулосаи ин бахш нишон медиҳад, ки низоми рушди касбии омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи навсозии фаъолро аз сар мегузаронад. Ҷорӣ намудани технологияҳо ва усулҳои муосири таълим натиҷаҳои мусбат нишон медиҳад, аммо, мушкилоти назарраси марбут ба маблағгузорӣ, кадрҳо ва фарқиятҳои минтақавӣ вуҷуд доранд.

Дурнамои рушд инҳоянд: гуногунрангсозии шаклҳо ва усулҳои таълим бо таъкид ба равишҳои интерактивӣ ва фардӣ; рушди технологияҳои рақамӣ ва омӯзиши маҷозӣ; эҷоди низоми рушди касбии пайваста; тақвияти шарикӣ байни субъектҳои гуногун дар низоми маориф; ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ.

Татбиқи бомуваффақияти ин самтҳо равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, аз ҷумла такмили заминаи меъёрӣ, афзоиши маблағгузорӣ, рушди инфрасохтор, омода кардани кадрҳои баландихтисос ва эҷоди системаи муассири назорат ва арзёбии сифат.

Хулосаи боби якум

Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ҷамъбаст намуда, якчанд нуктаҳои асосиро қайд кардан лозим аст. Таҳқиқоти мо, пеш аз ҳама, хусусияти бисёрҷонибаи худи мафҳуми салоҳияти касбии омӯзгорро аз ифшо менамояд. Тавассути таҳлили равишҳои гуногун барои муайян кардани ин падида дар таҳқиқоти мазкур метавон хулоса кард, ки аксари муҳаққиқон дар бораи хусусияти интегративии он, ки дониш, малака, хислатҳои шахсӣ ва самтҳои арзишии омӯзгоронро муттаҳид мекунад, розӣ ҳастанд.

Ҳамзамон бояд эътироф кард, ки амсилаҳои назариявии мавҷуда аз зиддиятҳо ва маҳдудиятҳои муайян орӣ нестанд. Ба ақидаи мо, ки ҷанбаҳои динамикии салоҳияти касбӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд, ки ин як камбудии назаррас дар муҳити таълимии зудтағйирёбанда аст. Ғайр аз ин, таҳлили ҷузъҳои сохтории салоҳият набудани равиши ягонаро барои муайян ва систематизатсияи онҳо нишон дод, ки бешубҳа эҷоди як консепсияи куллии рушди касбии омӯзгоронро душвор мегардонад.

Дар ин замина, нақши хадамоти методӣ дар системаи рушди салоҳияти касбии омӯзгор сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сохтори ташкилии нисбатан хуб

инкишофёфта барои дастгирии методӣ мебошад, ки ҳамаи сатҳҳои низоми маорифро фаро мегирад. Аммо, самаранокии амалии усулҳои мавҷудаи кори методӣ шубҳаҳои муайянеро ба миён меорад, зеро амсилаҳои анъанавӣ аксар вақт аз расмиятпарастӣ ва тамаркузи нокифоя ба ниёзҳои воқеии касбии омӯзгорон азият мекашанд.

Таҳлили технологияҳои муосир барои рушди касбии омӯзгорон нишон медиҳад, ки шаклҳои интерактивӣ ва фардикунонидашудаи омӯзиш, ба монанди роҳнамоӣ, коучинг ва фаъолиятҳои лоиҳавӣ, хеле натиҷабахш мебошанд. Қобили зикр аст, ки ба ақидаи мо ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ нисбат ба усулҳои анъанавии курсҳо самаранокии хеле баландтарро нишон медиҳанд, ки ин бозёфт бо таҳқиқоти эмпирикӣ тасдиқ шудааст. Аммо, тавре ки таҳқиқот нишон дод, татбиқи ин шаклҳо бо монеаҳои назаррас рӯбарӯ мешавад, ки асосан ба маблағгузории нокифоя ва дастгирии логистикӣ алоқаманданд.

Хусусиятҳои минтақавии ташкили кори методӣ ва рушди касбӣ як масъалаи алоҳидаи таҳқиқотӣ мебошанд. Тафовутҳое, ки аз тарафи мо байни минтақаи пойтахт ва минтақаҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, зарурати равиши фарқкунандаро барои таҳияи системаи дастгирии касбии омӯзгорон бо назардошти шароит ва имконоти мушаххаси ҳар як минтақа нишон медиҳанд.

Ғайр аз ин, таҳқиқот муайян кард, ки табдили рақамии таҳсилот имкониятҳои комилан навро барои беҳтар кардани салоҳиятмандии касбии омӯзгорон мекушояд. Аммо, раванди ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникативӣ ба корҳои методӣ ва рушди касбӣ нобаробар буда, бо як қатор мушкилоти объективӣ ҳамроҳ аст. Бояд эътироф кард, ки қисми назарраси ҷомеаи омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз сатҳи кофии саводнокии рақамӣ надорад, ки барои рушди салоҳиятҳои мувофиқ талошҳои мақсаднокро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявии муаллиф, ки дар доираи ин боб гузаронида шудааст, ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки беҳтар кардани

салоҳиятмандии касбии омӯзгорон дар заминаи навсозии таҳсилот ба як равиши ҳамаҷониба ниёз дорад, ки рушди асосҳои назариявӣ ва методологиро бо такмили амалии шаклҳо ва усулҳои ташкилии дастгирии касбии омӯзгорон муттаҳид мекунад. Ихтилофҳо ва соҳаҳои мушкилоти муайянкардаи мо зарурати таҳқиқоти минбаъдаро дар ин соҳа, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ барои беҳсозии системаи рушди касбии кормандони педагогӣ муайян мекунанд.

БОБИ 2. АМСИЛАИ ХАДАМОТИ МЕТОДИИ БА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ НИГАРОНИДАШУДА

2.1. Асосҳои методологии таҳқиқот

Асосҳои методологии таҳқиқоти мазкурро муносибати системавии омӯзиши масъалаи беҳтар кардани хадамоти методоии муассисаҳои таълимӣ дар бар гирифта, он ба мо имкон медиҳад ин хадамотро ҳамчун як низоми мураккаб ва бисёрҷанба, ки дар доираи низоми таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле васеъ мавриди амал қарор дорад, баррасӣ кунем.

Муносибати системавӣ, ки дар асарҳои Берталанффи Л.В., Садовский В.Н. ва Юдин Е.Г. таҳия шудааст, ба мо имкон медиҳад робитаҳои дохилӣ ва намунаҳои фаъолияти хадамоти методиро ҳамчун як воҳиди том муайян кунем [18, С. 103-115].

Таҳқиқот бар муносибати фаъолиятӣ такя мекунад, ки асосҳои он дар асарҳои А.Н. Леонтев ва С.Л. Рубинштейн гузошта шудаанд ва ба мо имкон доданд, ки фаъолияти касбии омӯзгорро ҳамчун як системаи мураккаби амалҳои ба ҳам алоқаманд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ равона шудаанд, баррасӣ кунем [24, С. 43-59].

Ба ақидаи Леонтев А.Н. «Муносибати фаъолиятӣ таҳлили салоҳиятмандии касбии омӯзгоронро тавассути кори амалии онҳо дар бар мегирад ва ин ҳангоми таҳияи амсилаи муаллифии хадамоти методологӣ, ки ба ниёзҳои воқеии амалияи таълимӣ нигаронида шудааст, махсусан муҳим мебошад» [69, С. 30].

Муносибати босалоҳият, ки дар асарҳои Зимняя И.А., Хуторской А.В. ва Байденко В.И. таҳия шудааст, асоси аҳамияти методологии таҳқиқотро ташкил медиҳад, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки сохтори салоҳияти касбии омӯзгор ва механизмҳои рушди онро тавассути системаи кори методологӣ муайян кунем. Муносибати мазкур, ба гуфтаи муҳаққиқон, ба «самаранокии

раванди таълим нигаронида шудааст, ки ин ҷавообгӯйи талаботи замон дар баланд бардоштани сифати таълим мебошад» [48, С.34-42; 119, С.55-61; 13, С.2].

Муносибати андрагогикӣ, ки аз ҷониби Ноулз М.Ш., Змеев С.И. ва Василкова Т.А. таҳия шудааст, ба андешаи муҳаққиқони мазкур, хусусиятҳои таълими калонсолонро, ки омӯзгорони аз такмили ихтисос гузаранда ба онҳо дохил мешаванд, дар бар мегирад [26, С.256; 51, С. 120]. Ин равиш тачрибаи ҳаётӣ ва касбии донишандӯзон, ҳавасмандии онҳо барои омӯзиш ва омодагии онҳоро барои ҷустуҷӯйи мустақилона ва татбиқи дониш ба назар мегирад.

Асоси методологии таҳқиқот инчунин муносибати ба шахсият нигаронидашуда мебошад, ки дар асарҳои Якиманская И.С., Сериков В.В. ва Бондаревская Е.В. пешниҳод шудааст. Ба гуфтаи муҳаққиқони мазкур «ин муносибат фардикунонии раванди рушди касбии омӯзгоронро бо назардошти хусусиятҳои шахсӣ, ниёзҳои касбӣ ва қобилиятҳои онҳо пешбинӣ мекунад» [107, С.70; 130, С.96].

Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мо маҷмуи усулҳои таҳқиқоти мукаммалро истифода бурдем, ки интихоби онҳо аз рӯйи хусусияти мушаххаси мушкилоти таҳқиқшаванда ва зарурати ба даст овардани маълумоти боэътимод ва объективӣ дар бораи вазъ ва дурнамои рушди хадамоти методи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳо яке аз усулҳои асосии таҳқиқот буда, имкон медиҳад, ки заминаи меъёрии фаъолияти хадамоти методӣ, барномаҳои омӯзишии омӯзгорон, нақшаҳои кори методологии муассисаҳои таълимӣ ва гузоришҳо дар бораи фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ омӯхта шавад.

Ин усул бар принсипҳое асос ёфтааст, ки аз ҷониби Ядов В.А. ва Татарова Г.Г. таҳия шудаанд. Ба гуфтаи ин муҳаққиқон, «ин усул таҳлили систематикии манбаъҳои хаттиро барои гирифтани маълумоти мувофиқ дар бар мегирад» [129, С.143]. Дар доираи таҳқиқот ҳуҷҷатҳои меъёрии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, ки фаъолияти хадамоти методӣ, барномаҳои

рушди касбии омӯзгорон ва тавсияҳои методӣ барои ташкили кори методӣ дар муассисаҳои таълимиро танзим мекунанд, таҳлил карда шуданд.

Дар раванди таҳқиқи мавзуъ мо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки самтҳои асосии навсозии низоми таҳсилот ва талаботро барои салоҳияти касбии кадрҳои педагогӣ муайян мекунанд, диққати махсус додем. Таҳлили ҳуҷҷатҳои номбурда номувофиқатиро байни ҳадафҳои эълоншудаи рушди маориф ва ҳолати воқеии системаи дастгирии методии омӯзгорон ошкор кард [44].

Мо пурсишро ҳамчун усули ҷамъоварии маълумоти оммавӣ барои гирифтани андешаҳои омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва мушовирон дар бораи ҳолат ва мушкилоти хадамоти методӣ истифода намудем. Асосҳои методологии пурсиш, ки аз ҷониби В.И. Паниотто ва В.С. Максименко таҳия шудаанд, риояи қатъии принсипҳои эътиборнокӣ ва эътимоднокии воситаҳоро талаб мекунанд.

Пурсишнома барои омӯзгорон саволҳоеро дар бар гирифт, ки ба муайян кардани ниёзҳои онҳо барои дастгирии методӣ, арзёбии самаранокии шаклҳои мавҷудаи кори методӣ ва омодагии онҳо барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим нигаронида шудаанд [89, С. 122].

Пурсишнома аз ҷониби мо барои ба даст овардани маълумоти васеъ дар бораи вазъи кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёгаи умумии ҷумҳурӣ, муайян кардани ниёзҳои рушди касбии омӯзгорон ва муайян кардани самаранокии усулҳои мавҷудаи дастгирии методӣ истифода бурда шуд. Барои категорияҳои гуногуни пурсидашудагон саволномаҳои махсус таҳия карда шуданд: яке барои омӯзгорон, яке барои муовинони директорон оид ба корҳои таълимӣ ва омӯзишӣ, яке барои директорони мактабҳо ва яке барои мушовирони шуъбаҳои маорифи ноҳия/шаҳр.

***Ҷадвали 28**. Сохтори намунавии пурсиш*

Категорияи пурсидашудагон	**Минтақаҳои фарогирифташуда**
Омӯзгорон	Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, ВМБК
Муовинони директорҳо	Ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ
Директорони муассисаҳо	Ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ
Мушовирон	Раёсату шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо/шаҳрҳо
Омӯзгорони ДТИ	ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он дар минтақаҳо
Ҳамагӣ	Тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саволномаҳо бо назардошти принсипҳои эътиборнокӣ ва эътимоднокии андозагирӣ тарҳрезӣ карда шуданд. Тавре ки Белокуренко, Н.С., таъкид мекунад, «сифати пурсишнома аз он вобаста аст, ки он то чӣ андоза маълумотро дар бораи объекти омӯзиш дақиқ ва пурра пешниҳод мекунад»[16, С. 140-141.].

Пурсишномае, ки барои пурсиши омӯзгорони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст, маҷмуи саволҳои зеринро дар бар мегирифт:

- маълумоти умумӣ дар бораи пурсидашаванда (собиқаи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот, категория, фанни таълимӣ);
- арзёбии системаи мавҷудаи дастгирии методӣ;
- ниёзҳои омӯзгорон барои рушди касбӣ;
- шаклҳои афзалиятноки кори методӣ;
- омодагии омӯзгорон барои фаъолияти инноватсионӣ;
- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз ҷониби омӯзгорон.

Пурсишномаҳо бо назардошти хусусиятҳои низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои забонии пурсидашудагон, мақоми касбии онҳо ва таҷрибаи корӣ таҳия карда шуданд. Саволҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тартиб дода шудаанд, то фаҳмиши ҳадди аксарро дар бораи мундариҷаи пурсишнома таъмин кунанд. Эътиборнокии пурсишномаҳо тавассути

арзёбии коршиносон аз ҷониби мутахассисони пешбари соҳаи педагогика ва усулҳои таълим таъмин гардидааст.

Барои гирифтани маълумоти амиқтар ва муфассалтар дар бораи мушкилоти хадамоти методӣ аз иштирокчиёни асосии раванди таълим усули мусоҳиба истифода бурда шуд. Принсипҳои методологии мусоҳиба, ки аз ҷониби А.Н. Алексеев ва С.А. Белановский таҳия шудаан, «фароҳам овардани фазои боэътимоди муошират, истифодаи саволҳои кушода ва бодиққат гӯш кардани ҳамсӯҳбат»-ро дар бар мегиранд [15, С.320].

Дар таҳқиқот аз мусоҳибаҳои нимсохторӣ истифода бурда шуд, ки аз як тараф имкон дод ба саволҳои пешакӣ омодашуда посух дода шавад ва аз тарафи дигар, ба пурсидашудагон имкон дода шуд, ки андешаҳои худро дар бораи доираи васеи масъалаҳои марбут ба кори методӣ баён кунанд.

Ҷадвали 29. *Характеристикаи мусоҳибони коршинос*

№	**Категорияи коршиносон**	**Миқдор**	**Собиқаи миёна**	**Меъёри интихоб**
1	Роҳбарони маорифи сатҳи ҷумҳурӣ	5	18 сол	Таҷрибаи идоракунии маориф на кам аз 10 сол
2	Роҳбарони шуъбаҳои маорифи вилоятҳо	4	15 сол	Таҷрибаи кории роҳбарӣ на кам аз 8 сол
3	Директорони муассисаҳои таҳсилотии беҳтарини ҷумҳурӣ	12	12 сол	Мактабҳо-ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ
4	Методистони пешбари ДТИ	8	16 сол	Муаллифони таълифоти методӣ, мақолаҳои илмӣ
5	Омӯзгорлони навкор	15	14 сол	Ғолибони озмунҳои касбӣ

Мусоҳибаҳо самтҳои асосии зеринро дар бар гирифта буданд: таҳлили вазъи кунунии хадамоти методӣ, муайян кардани мушкилот ва зиддиятҳои асосӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушд, арзёбии омодагии ҷомеаи омӯзгорон барои тағйирот ва пешгӯии дурнамои рушд.

Муҳаққиқ Замятин Д.Н. роҷеъ ба афзалияти ин усул сухан ронда бевосита қайд мекунад: «Мусоҳибаҳои коршиносон ба мо имкон медиҳанд маълумотеро, ки тавассути дигар усулҳои таҳқиқотӣ дастрас нест, махсусан дар робита ба муайян кардани мушкилот ва зиддиятҳои пинҳон, ба даст орем» [45 С. 201-216.].

Ҳамчунон,дар доираи таҳқиқот ин гуна мусоҳибаҳо бо директорони мактабҳо, муовинони директорон оид ба корҳои таълиму тарбия, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгорони фанҳои гуногуну собиқаи кории гуногун анҷом дода шуданд. Ин равиш ба мо имкон дод, ки тасвири бисёрҷонибаи вазъи хадамоти методиро аз нуқтаи назари иштирокчиёни гуногуни раванди таълим ба даст орем. Мусоҳибаҳо аз 45 дақиқа то 1,5 соат давом карданд ва ин ба посухдиҳандагон имкон дод, ки нуқтаи назари худро дар бораи масъалаҳои таҳқиқшаванда пурра ва муфассал баён кунанд.

Мушоҳидаи педагогӣ ҳамчун усули таҳқиқот дар асоси принсипҳои таҳиякардаи М. Я. Басов ва Б. Г. Ананев ба роҳ монда шудаанд ва «дарки мақсаднок ва систематикии падидаҳои педагогиро бо мақсади омӯзиши тағйироти мушаххаси онҳо дар шароити мушаххас» [3, С. 12] пешбинӣ кунанд.

Дар доираи таҳқиқот аз тарафи мо раванди гузаронидани чорабиниҳои методӣ, ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методӣ, дарсҳои кушод, семинарҳо ва конфронсҳо мушоҳида карда шуданд.

Методи мушоҳидаи педагогӣ барои омӯзиши амалияи воқеии ташкили корҳои методӣ дар мактабҳо, таҳлили самаранокии шаклҳои гуногуни дастгирии методӣ барои омӯзгорон ва муайян кардани омилҳое, ки ба рушди касбии омӯзгорон мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд, истифода гардид.

Мушоҳида дар муҳити воқеии кории муассисаҳои таълимӣ гузаронида шуда, чунин амалҳоро дар бар гирифтааст: иштирок дар ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методӣ, таҳлили дарсҳои кушод ва муҳокимаҳои онҳо, омӯзиши раванди роҳнамоӣ барои омӯзгорони ҷавон, мушоҳидаи семинарҳои

методӣ ва дарсҳои маҳорат ва таҳлили тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи педагогӣ.

***Ҷавдали 30**. Нақшаи мушоҳидаи педагогӣ*

Объекти мушоҳида	**Вақти мушоҳида**	**Нишондодҳои бақайдгирӣ**
Ҷаласаҳои ИМ	2 соатӣ	Фаъолнокии иштирокчиён, сифати муҳокимаҳо, қабули қарорҳо
Дарсҳои кушод	1 соатӣ	Татбиқи усулҳои муосир, таҳлили дарс аз тарафи ҳамкасбон
Семинарҳо ва дарсҳои маҳорат	3соатӣ	Самтҳои амалӣ, интерактивӣ, аксуламал
Кор бо омӯзгорони ҷавон	1,5 соатӣ	Шаклҳои роҳнамоӣ, самараи дастгирӣ
Тартиби аттестатсия	4 соат	Объективӣ будани арзёбӣ, потенсиали рушд

Барои таъмини объективияти мушоҳида ҷадвалҳои мушоҳидаи махсус таҳияшуда, аз ҷумла меъёрҳои арзёбии ҷанбаҳои гуногуни кори методӣ, истифода шуданд. Дар ин замина мо ба мушоҳидаи шаклҳои ҳамкориҳо байни иштирокчиён дар фаъолиятҳои методӣ, сатҳи фаъолият ва шавқи онҳо, сифати муҳокимаи масъалаҳои касбӣ ва самаранокии тарзу усулҳои истифодашуда дар кори методӣ диққати махсус дода шуд. Мушоҳидаҳо дар муҳити табиии хадамоти методии амалкунанда гузаронида шуда, ба мо дар бораи вазъи воқеии кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумоти объективӣ доданд.

Барои ба низом даровардани маълумоти мушоҳида аз ҷадвалҳои мушоҳидавии махсус таҳияшуда истифода бурда шуд, ки меъёрҳои арзёбии самаранокии шаклҳои гуногуни кори методологиро дар бар мегирифтанд. Дар тӯли соли таҳсил мушоҳидаҳои анҷом додашуда имкон доданд, ки дар бораи динамикаи рушди равандҳои методӣ ва хусусиятҳои мавсимии онҳо маълумот ба даст ояд [113, С. 77-78.].

Таҳлили ҳуҷҷатҳои муассисаи таълимӣ маълумоти объективиро дар бораи вазъи кори методӣ, нақшаҳои рушди касбии омӯзгорон ва натиҷаҳои кори онҳо фароҳам овард.

Намудҳои зерини ҳуҷҷатҳо: нақшаҳои кории иттиҳодияҳои методӣ, протоколҳои ҷаласаҳои шурои педагогӣ, нақшаҳои инфиродии рушди касбии омӯзгорон, гузоришҳо дар бораи курсҳои рушди касбӣ, портфолиоҳои омӯзгорон ва гузоришҳои таҳлилӣ дар бораи натиҷаҳои кори методӣ омӯхта шуданд.

Ҷадвали 31. *Таҳлили ҳуҷҷатгузории хадамоти методӣ*

Навъи ҳуҷҷат	Нишондиҳандаҳои асосии таҳлил
Нақшаҳои кории ИМ	Мутобиқат ба талаботи муосир, навоварӣ
Протоколҳои шурои педагогӣ	Басомади муҳокимаи масаъалаҳои методӣ
Нақшаҳои рушди омӯзгорон	Батартибдарорӣ, робита бо ниёзҳои муассисаи таълимӣ
Ҳисоботҳо оид ба курсҳои ТИ	Сифати рефлексия, нақшаҳои татбиқ
Портфолиои омӯзгорон	Пуррагӣ, тартибнокии қайдҳо

Дар амсиласозӣ ҳамчун усули таҳқиқот мо ба таҳаввулоти назариявии В.А. Штофф, А.А. Братко ва И.Б. Новик такя намудем, ки он «офаридани амсилаҳои абстрактиро, ки хусусиятҳои асосии объектҳои омӯхташавандаро инъикос мекунанд» [128, С.230] пешбинӣ менамояд. Дар заминаи ин таҳқиқот, амсиласозии муаллифӣ барои эҷоди амсилаи консептуалии муаллифии хадамоти методӣ, ки сохтор, вазифаҳо, принсипҳои ташкилӣ ва механизмҳои кори онро инъикос мекунад, истифода шудааст.

Раванди амсиласозии муаллифӣ якчанд марҳиларо дар бар гирифтааст:

- таҳлили муносибатҳои мавҷуда барои ташкили кори методӣ;

- муайян кардани камбудиҳои амсилаҳои анъанавӣ; - муайян кардани талабот ба амсилаи нави муаллифӣ;

- таҳияи диаграммаи сохторӣ ва функсионалии амсилаи муаллифӣ ва тавсифи механизмҳои татбиқи он. Амсилаи мазкур бо назардошти шароити мушаххаси низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла хусусиятҳои фарҳангӣ, забонӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таҳия шудааст.

Интихоби усулҳои таҳқиқот бо ба назар гирифтани зарурати ба даст овардани маълумоти ҳамаҷониба дар бораи вазъи хадамоти методии муассисаҳои таълимӣ аз мавқеъ ва нуқтаи назарҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ имкон дод, ки чаҳорчӯбаи меъёрии фаъолияти хадамоти методӣ таҳқиқ гардида, номувофиқатҳо байни талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва амалияи воқеӣ муайян карда шаванд. Пурсиш ба мо маълумоти миқдориро дар бораи андешаҳои шумораи зиёди иштирокчиёни раванди таълим оид ба масъалаҳои асосии таҳқиқотӣ пешниҳод кард.

Тибқи мусоҳибаҳо маълумоти миқдорӣ бо маълумоти сифатӣ пурра карда шуданд, ки имкон дод мушкилот ва зиддиятҳои пинҳон ошкор гардида, шарҳҳои муфассали мавқеи пурсидашудагон ба даст оварда шаванд. Мушоҳидаи педагогӣ ба мо маълумоти объективиро дар бораи вазъи воқеии кори методӣ дар заминаи табиии он пешниҳод кард. Амсиласозии муаллифӣ имкон дод, ки маълумоти бадастоварда синтез карда шавад ва амсилаи консептуалӣ барои беҳтар кардани хадамоти методӣ эҷод гардад.

Истифодаи маҷмуи усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ ба принсипи триангулятсия асос ёфтааст, ки он муқоисаи маълумоти бадастоварда тавассути воситаҳои гуногунро барои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот дар бар мегирад. Ин принсип, ки аз ҷониби Н. Дензин, В. Кэмпбелл ва Д. Фиске таҳия гардидааст, дар таҳқиқоти муосири педагогӣ васеъ истифода мешавад [135].

Асосноккунии интихоби усулҳои мушаххаси таҳқиқотӣ аз зарурати мутобиқ кардани усулҳои умумӣ ба мушкилоти мушаххаси омӯхташаванда ва шароити таҳқиқот бармеояд. Зимни таҳияи пурсишномаҳо мо тавсияҳоро барои тарҳрезии пурсишнома, ки дар асарҳои сотсиологҳои рус ва хориҷӣ таҳия шудаанд, ба назар гирифтем. Ба таҳияи саволҳо, пайдарпайии онҳо ва

истифодаи ҷадвалҳои қиёсии гуногун барои чен кардани афкор ва муносибати пурсидашудагон диққати махсус додем.

Методикаи мусоҳиба аз ҷониби мо бо назардошти принсипҳои таҳқиқоти сифатӣ дар таҳсилот, ки дар асарҳои С. Квейл, Ҷ. Крессвелл ва М. Паттон тартиб дода шудаанд, таҳия гардидааст [58, С. 80].

Мусоҳибаи нимсохторӣ истифода шуд, ки аз як тараф кафолат медод, ки мо ба саволҳои асосии таҳқиқот ҷавоб гирем ва аз тарафи дигар, ба пурсидашудагон имкон дод, ки озодона андеша ва қарорҳои худро баён кунанд.

Методикаи мушоҳидаи педагогӣ ба принсипҳое асос ёфтааст, ки дар педагогика ва психологияи рус таҳия шудаанд. Мушоҳидаҳо мувофиқи барномаи пешакӣ таҳияшуда, ки объектҳои мушоҳида, меъёрҳои арзёбӣ ва усулҳои сабти натиҷаҳоро дар бар мегирифт, анҷом дода шуданд. Вобаста ба ҳадафҳои марҳилаи мушаххаси таҳқиқот ҳам мушоҳидаи сохторӣ ва ҳам ғайрисохторӣ истифода гардид.

Ҷадвали 28. *Хусусиятҳои усулҳои таҳқиқот*

Усули таҳқиқот	**Мақсади татбиқот**	**Объектҳои таҳқиқот**	**Воситаҳои таҳқиқот**
Таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ	Омӯзиши манбаъҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва дастгирии нармафзор ва методӣ	Қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳо, нақшаҳо гузоришҳо	Нақшаҳои таҳлили ҳуҷҷатҳо, варақаҳои коршиносон
Пурсиш	Муайян кардани андешаҳои иштирокчиёни раванди таълим дар бораи вазъи хидмати методӣ	Омӯзгорон, роҳбарон, мушовирон	Саволномаҳои сохторӣ бо намудҳои гуногуни саволҳо
Мусоҳиба	Гирифтани маълумоти амиқ дар бораи мушкилоти кори методӣ	Иштирокчиёни асосии раванди таълим	Роҳнамоҳои мусоҳибаи нимсохторӣ
Мушоҳидаи	Омӯзиши вазъи	Фаъолиятҳои	Харитаи мушоҳида,

Идомаи ҷадвал

Усули таҳқиқот	**Мақсади татбиқот**	**Объектҳои таҳқиқот**	**Воситаҳои таҳқиқот**
педагогӣ	воқеии кори методӣ дар шароити табиӣ	методологӣ, шаклҳои ҳамкорӣ	протоколҳои сабт
Амсиласозии муаллифӣ	Эҷоди амсилаи консептуалии муаллиф барои беҳтар кардани хидмати методӣ	Сохтор, вазифаҳо, принсипҳои ташкилӣ	Схемаҳо, алгоритмҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии амсилаи муаллифӣ

Эътиборнокии таҳқиқот бо истифода аз усулҳои исботшуда, арзёбии коршиносии абзорҳо ва таҳқиқоти озмоишӣ барои санҷиши сифати воситаҳои таҳияшуда таъмин гардид. Эътимоднокии натиҷаҳо тавассути истифодаи намунаи намояндагӣ, тартиби стандартии ҷамъоварии маълумот ва истифодаи усулҳои оморӣ барои коркарди маълумоти миқдорӣ ба даст оварда шуд [2, С. 79-90].

Усулҳои мушаххаси таҳқиқот дар асоси омилҳои зерини ибрознамудаи Д.И. Фелдштейн интихоб гардиданд:

“1. Таҳқиқи маҷмуии объект. Хадамоти методии муассисаи таҳсилотӣ системаи мураккаб ва бисёрсатҳае мебошад, ки ҷузъҳо ва робитаҳои гуногунро дар бар мегирад. Он истифодаи усулҳои гуногуни таҳқиқотро барои ба даст овардани тасвири пурраи фаъолияти он талаб мекард.

2. Зарурати ба даст овардани маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ. Пурсишномаҳо ва таҳлили омории ҳуҷҷатҳо ба мо имкон доданд, ки хусусиятҳои миқдории равандҳои таҳқиқшавандаро муқаррар кунем, дар ҳоле ки мусоҳибаҳо ва мушоҳидаҳо маълумоти сифатӣ дар бораи механизмҳо ва омилҳое, ки самаранокии кори методиро муайян мекунанд, пешниҳод карданд.

3. Зарурати тасдиқи натиҷаҳо. Истифодаи усулҳои гуногуни ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳамон ҷанбаҳои кори методӣ имкон дод, ки

натиҷаҳо триангулятсия (ба секунҷаҳо тақсим) карда шаванд ва эътимоднокии онҳо афзоиш ёбад.

4. Хусусияти ба амалия нигаронидашудаи таҳқиқот. Азбаски ҳадафи таҳқиқот таҳияи амсилаи дар амалаия истифодашавандаи хидмати методӣ мебошад, аз ин рӯ, на танҳо омӯзиши вазъи мавҷуда, балки санҷидани роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда дар шароити воқеии таълимӣ низ зарур буд” [38, С. 107].

Чуноне ки Д.И. Фелдштейн қайд мекунад, «интихоби усулҳои таҳқиқот бояд на танҳо аз рӯйи эътибори назариявии онҳо, балки аз рӯйи татбиқи амалии онҳо дар шароити мушаххаси фаъолияти педагогӣ низ муайян карда шавад» [38, С. 111].

Ҷадвали 29*. Мутобиқати усулҳои таҳқиқот бо вазифаҳои зикршуда*

Вазифаҳои таҳқиқот	**Усулҳои асосӣ**	**Усулҳои иловагӣ**	**Натиҷаҳои интизорӣ**
Таҳқиқи вазъи хадамоти методӣ	Пурсиш, таҳлили ҳуҷҷатҳо	Мушоҳида, мусоҳиба	Ташхиси мушкилот
Ошкор кардани ниёзҳои омӯзгорон	Пурсиш, мусҳиба	Таҳлили портфолио	Харитаи ниёзҳои касбӣ
Муайян кардани принсипҳои амсила	Таҳлили адабиёт, мусоҳибаи коршиносон	Амсиласозӣ	Асосҳои консептуалӣ
Коркарди сохтори амсила	Амсиласозӣ, таҳлили таҷриба	Арзёбии коршиносон	Амсилаи сохторӣ ва функсионалӣ
Санҷиши амсила	Озмоиш, мушоҳида	Пурсиш, таҳлили натиҷаҳо	Санҷиши самаранокӣ

Таҳқиқоти мазкур дар чор марҳилаи асосӣ гузаронида шуд:

Марҳилаи аввал (2021) назариявӣ ва таҳқиқотӣ буд. Дар ин марҳила мо тасмим гирифтем адабиёти илмӣ ва педагогиро оид ба мушкилоти таҳқиқот таҳлил карда, чаҳорчӯбаи меъёриро омӯхта, асосҳои методии таҳқиқотро муайян кунем ва фарзия ва ҳадафҳоро таҳия намоем.

Марҳилаи дуюм (2021-2022) ташхисӣ буд. Дар ин марҳила вазъи кунунии хадамоти методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, мушкилот ва мухолифатҳои асосӣ ошкор карда шуда, ниёзҳои рушди касбии омӯзгорон муайян гардид.

Марҳилаи сеюм (2022-2023) корҳои тарҳрезӣ ва озмоиширо дар бар гирифт. Дар ин марҳила кӯшиш ба харҷ додем, ки амсилаи хадамоти методиро таҳия намуда, ҷузъҳои алоҳидаи онро эҷод карда, санҷиши озмоиширо дар муассисаҳои таълимӣ анҷом диҳем.

Марҳилаи чорум (2023-2024) марҳилаи ҷамъбастӣ мебошад. Дар ин марҳила натиҷаҳои корҳои озмоиширо таҳлил карда, амсиларо ислоҳ намудем, хулосаҳо ва тавсияҳоро таҳия карда, рисоларо омода сохтем.

Ҳамин тариқ, асоси методологии таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти беҳтар кардани хизматрасонии методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин кард ва шароити заруриро барои таҳияи амсилаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар амал қобили қабул фароҳам овард.

Принсипҳои ахлоқии таҳқиқот аз иштирокчиён гирифтани розигии аз тарафи мо огоҳонидашуда, махфӣ нигоҳ доштани маълумоти шахсӣ, иштироки ихтиёрӣ ва ҳуқуқи рад кардан ё қатъ кардани иштирок дар ҳама гуна марҳиларо дар бар гирифтааст. Ҳамаи иштирокчиёни таҳқиқот дар хусуси мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот ва чӣ гуна истифода бурдани маълумоти бадастовардашуда огоҳ карда шуда буданд.

Ҷадвали 3*0. Марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот*

Марҳилаҳои таҳқиқот	**Вазифаҳои асосӣ**	**Усулҳои истифодашуда**	**Натиҷаҳои интизорӣ**
Омодагӣ	Таҳлили ҳолати мушкилот, таҳияи барномаи таҳқиқот	Таҳлили адабиёт, таҳлили ҳуҷҷатҳо	Асосноккунии назариявии мушкилот, барномаи таҳқиқот
Ташхисӣ	Таҳқиқи ҳолати хизматрасонии методӣ дар	Пурсиш, мусоҳиба, мушоҳида	Тавсифи ҳолати кунунии хадамоти методӣ

Идомаи ҷадвал

Марҳилаҳои таҳқиқот	**Вазифаҳои асосӣ**	**Усулҳои истифодашуда**	**Натиҷаҳои интизорӣ**
	муассисаҳои таълимӣ		
Тарҳрезӣ	Таҳияи амсилаи такмили хизматрасонии методӣ	Амсиласозии муаллифӣ, арзёбии коршиносон	Амсилаи консептуалии хадамоти методӣ
Таҳлилӣ	Ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи хулосаву тавсияҳо	Анализ ва синтез, мураттабсозӣ	Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили хизматрасонии методӣ

Асосҳои методии таҳқиқот асоснокии илмии амсилаи хизматрасонии методии таҳиякардаро дар бар гирифта, эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардашударо собит менамояд. Истифодаи маҷмуи усулҳои гуногуни таҳқиқот имкон медиҳад, ки характеристикаи ҳаматарафаи объекти мавриди омӯзиш муайян карда шуда, механизмҳои самаранокии такмили он коркард гардад.

2.2. Асосҳои консептуалии амсилаи хадамоти методӣ

Асосҳои консептуалии амсилаи хадамоти методӣ), ки аз ҷониби мо пешниҳод шудааст, ба равишҳои назариявии муосир барои ташкили системаи рушди пайвастаи касбии кадрҳои педагогӣ асос ёфта, хусусиятҳои хоси низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар мегирад. Таҳияи консепсияи амсила ба принсипҳои асосии илмии педагогӣ, ки дар асарҳои классикони педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, инчунин ба натиҷаҳои таҳқиқоти муосир дар соҳаи рушди касбии омӯзгорон такя мекунад.

Асосҳои методологии консепсия равиши системавӣ-фаъолиятӣ буда, хадамоти методиро ҳамчун як системаи кушода ва динамикӣ, ки дар дохили системаи васеътари таълимӣ фаъолият мекунад ва барои таъмини рушди пайвастаи касбии кормандони омӯзгорӣ нигаронида шудааст, баррасӣ мекунад. Ба гуфтаи муҳаққиқ В.А. Сластенин «хусусияти системавии хидмати методӣ дар мавҷудияти ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд зоҳир мешавад,

ки ҳар яки онҳо вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунанд ва ба ноил шудан ба ҳадафҳои умумии система мусоидат менамоянд» [126, С. 17-23].

Ҷузъи фаъолиятӣ дар консепсия нишон медиҳад, ки “Хадамоти методӣ бояд ба кори амалии омӯзгоронг нигаронида шуда, ба ҳалли проблема ва вазифаҳои воқеии касбӣ, ки дар раванди таълим ба миён меоянд, мусоидат кунад. Ин таҷдиди назари равишҳои анъанавии ташкили кори методиро талаб мекунад, ки аксар вақт хусусияти расмӣ дошта, бо талаботи амалии омӯзгорон алоқаи зич надоранд” [123, С.560.].

Амсилаи муаллифӣ бар принсипи рушди касбии фардӣ асос ёфтааст, ки ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили кори методӣ ба назар гирифтани хусусиятҳо, ниёзҳо ва қобилиятҳои инфиродии ҳар як омӯзгорро дар бар мегирад. Ин принсип дар асарҳои Петровский В.А. ва Петровский А.В. аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст ва фароҳам овардани шароитро барои худшиносии шахс дар фаъолияти касбӣ пешбинӣ менамояд. Муҳаққиқони мазкур таъкид кардаанд: “Фардикунонии кори методӣ маънои гузариш аз шаклҳои стандартии рушди касбӣ ба барномаҳои ба рушди касбии фардӣ нигаронидашударо ифода мекунад” [90, С. 528].

Мо принсипи фардукуниро дар заминаи хидмати методӣ тавассути эҷоди роҳҳои инфиродии таълимӣ барои омӯзгорон, ки камбудиҳои касбӣ, манфиатҳо, нақшаҳои касбӣ ва хусусиятҳои шахсии онҳоро ба назар мегиранд, амалӣ намудем. “Фардикунонӣ равиши фарқкунандаро барои ташкили кори методӣ бо назардошти собиқаи кории омӯзгор, категорияи тахассусии онҳо, фанни таълимӣ ва хусусиятҳои муассисаи таълимӣ пешбинӣ менамояд” [130, С. 86].

Амалӣ намудани принсипи фардикунонӣ таҳияи воситаҳои ташхисӣ барои муайян кардани ниёзҳои касбии омӯзгорон, таъсиси бонки захираҳои методӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни омӯзгорон ва ташкили системаи печ дар печи дастгирии методиро, ки қодир аст ба ба ниёзҳои тағйирёбандаи иштирокчиёни таълим мутобиқ бошад, талаб мекунад.

Принсипи ҳамкории шабакавӣ бар асоси назарияҳои муосири сармояи иҷтимоӣ (яъне арзиши робитаҳои байни одамон) ва ҷомеаи шабакавӣ (ҷомеае, ки одамон мисли шабакаи интернетӣ бо ҳам пайванданд) асос ёфтааст. Он аз ҷониби Ҷ. Коулман, М. Кастелс ва П. Бурдье таҳия гардида, эҷоди робитаҳои уфуқӣ байни иштирокчиёни кори методиро пешбинӣ мекунад. Ба ибораи дигар, принсипи мазкур маънои онро дорад, ки байни иштирокчиёни кори методӣ (омӯзгорон, мушовирон ва дигарон) **робитаҳои уфуқӣ ва баробар** эҷод карда мешавад. "Ҳамкории шабакавӣ дар хадамоти методӣ гузаришро аз амсилаи иерархии муаллифӣ оид ба интиқоли дониш ба амсилаи муаллифӣ оид ба омӯзиши муштарак ифода мекунад, ки дар он ҳар як иштирокчӣ метавонад ҳамзамон ҳам омӯзгор ва ҳам омӯзанда бошад. Яъне ҳама дар як сатҳ қарор доранд, касе аз боло (масалан методист ё мутахассиси калон) фармон намедиҳад" [63, С.122].

Принсипи шабакавии ташкили кори методӣ таъсиси ҷомеаҳои касбии омӯзгоронро, ки бо манфиатҳои умумӣ ва ҳадафҳои рушди касбӣ муттаҳид шудаанд, таъмин мекунад. Чунин ҷомеаҳоро метавон дар асоси мавзуъ, сатҳи таълим, самтҳои инноватсионии фаъолият ё макони ҷуғрофӣ ташкил кард. Шабакасозӣ мубодилаи таҷриба, ҳалли муштараки мушкилоти касбӣ ва дастгирии мутақобила ва ангеза байни иштирокчиёнро осон мекунад.

Принсипи технологии консепсия истифодаи фаъоли технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар ташкили кори методӣ пешбинӣ мекунад. Ин принсип бар асоси назарияи ҷомеаи иттилоотӣ, ки аз ҷониби Д. Белл ва А. Тоффлер таҳия шудааст, асос ёфтааст ва потенсиали технологияҳои рақамиро барои табодули равандҳои таълимӣ ба назар мегирад. "Истифодаи технология дар кори методӣ дастрасии захираҳои методӣ, омӯзиши интерактивӣ ва имконияти иштироки фосилавӣ дар фаъолиятҳои методиро таъмин мекунад" [114, С.557].

Ҷузъи технологии амсилаи таҳиякардаи мо эҷоди платформаи рақамиро барои хадамоти методӣ дар бар мегирад, ки асбобҳо ва захираҳои гуногунро барои рушди касбии омӯзгор муттаҳид мекунад. Платформа бояд

дастрасӣ ба маводи методӣ, имконияти иштирок дар семинарҳо ва вебинарҳои маҷозӣ, муошират бо ҳамкорон, машваратҳои коршиносон, расмиёти ташхисӣ ва курсҳои такмили ихтисосро таъмин намояд.

Принсипи самаранокӣ самти хадамоти методиро барои ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас ва ченшаванда дар рушди касбии омӯзгорон ва баланд бардоштани сифати таълим пешбинӣ мекунад. Ин принсип бар асоси назарияи идоракунӣ дар асоси натиҷаҳо, ки аз ҷониби Питер Друкер таҳия шудааст, асос ёфтааст ва муайян кардани дақиқи ҳадафҳо, меъёрҳои муваффақият ва нишондиҳандаҳои самаранокии хадамоти методиро талаб мекунад [36, С.74].

Самаранокии кори методӣ бояд на танҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ (шумораи чорабиниҳои баргузоршуда, шумораи иштирокчиён), балки аз рӯйи тағйироти сифатии фаъолияти касбии омӯзгорон, салоҳияти онҳо ва ангезаи рушди касбӣ арзёбӣ карда шавад. Принсипи самаранокӣ таъсиси системаи назорат ва арзёбии самаранокии хадамоти методиро талаб мекунад, ки ҳам арзёбии беруна ва ҳам худбаҳодиҳии иштирокчиёнро дар бар мегирад.

Сохтори амсилаи хадамоти методии тарҳрезинамудаи мо як низоми бисёрсатҳа буда, сатҳҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва инфиродиро дар бар мегирад. Сатҳи институтсионалӣ чаҳорчӯбаи танзимкунандаи фаъолияти хадамоти методӣ, ҷойгоҳи он дар системаи маориф ва мақсаду вазифаҳои асосии онро муайян мекунад. Сатҳи ташкилӣ воҳидҳои сохтории хидмати методӣ, вазифаҳо ва шаклҳои ҳамкории онҳоро ифода мекунад. Сатҳи инфиродӣ кор бо омӯзгорони алоҳида ва барномаҳои инфиродии рушди касбии онҳоро дар бар мегирад.

Сохтори функсионалии амсилаи пешниҳодшуда вазифаҳои таҳлилӣ, тарроҳӣ, ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва арзёбӣро дар бар мегирад. Вазифаи таҳлилӣ омӯзиши ҳолати салоҳияти касбии омӯзгорон муайян кардани ниёзҳои онҳо барои дастгирии методологӣ ва таҳлили самаранокии шаклҳои гуногуни кори методиро дар назар дорад. Функсияи тарроҳӣ бо

таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои корҳои методӣ, эҷоди маводҳои методӣ ва тарҳрезии шаклҳои нави рушди касбии омӯзгорон алоқаманд аст.

Функсияи ташкилӣ татбиқи амалии нақшаҳои кори методӣ, татбиқи чорабиниҳои гуногуни методӣ ва фароҳам овардани шароит барои муошират касбӣ ва ҳамкорӣ байни омӯзгоронро таъмин месозад. Функсияи ҳамоҳангсозӣ ба ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои гуногуни методӣ, таъмини ҳамкорӣ байни сатҳҳои гуногуни хидмати методӣ ва муттаҳид кардани кӯшишҳои ҳамаи иштирокчиён дар рушди касбии омӯзгорон нигаронида шудааст.

Функсияи назорат ва арзёбӣ назорати самаранокии кори методӣ, арзёбии тағйирот дар салоҳияти касбии омӯзгорон ва таҳлили таъсири хадамоти методӣ ба сифати раванди таълимро дар бар мегирад. Ин функсия фикру мулоҳизаҳоро таъмин мекунад ва барои танзим ва такмили фаъолияти хидмати методӣ замина фароҳам меорад.

***Ҷадвали 35**. Хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии амсилаи муаллифии хадамоти методӣ*

Сатҳи амсилаи муаллифӣ	**Ҷузъҳои сохторӣ**	**Вазифаҳои асосӣ**	**Натиҷаҳои интизорӣ**
Институтсионалӣ	Чаҳорчӯбаи меъёриву ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои консептуалӣ	Мақсадгузорӣ, танзимкунӣ, банақшагирии стратегӣ	Возеҳ муайян кардани мақсаду вазифаҳои хадамоти методӣ
Ташкилӣ	Иттиҳодияҳои методӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ, шуроҳои коршиносон	Банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назоарт	Ташкили босамари корҳои методӣ
Инфиродӣ	Нақшаҳои инфиродии рушди портфолиои омӯзгорон	Ташхис, роҳнамоӣ, дастгирӣ	Рушди касбии ҳар як омӯзгор

Ҷузъи асосии амсилаи муаллифӣ вобаста ба талаботи муосир барои салоҳияти касбии омӯзгор муайян карда мешавад ва ҷузъҳои фаннӣ-методологӣ, психологӣ-педагогӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва

таҳқиқотиро дар бар мегирад. Ҷузъи фаннӣ-методӣ амиқ кардани дониши омӯзгорон дар фанни таълимшаванда, азхуд кардани усулҳо ва технологияҳои муосири таълим ва инкишоф додани малакаҳо дар тарҳрезӣ ва татбиқи раванди таълимро дар бар мегирад.

Ҷузъи психологӣ-педагогӣ барои рушди фаҳмиши омӯзгорон дар бораи хусусиятҳои психологии хонандагон, малакаҳои ташкили муошират педагогӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ ва кор бо категорияҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла кӯдакони дорои ниёзҳои махсуси таълимӣ нигаронида шудааст.

Ҷузъи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ рушди саводнокии рақамии омӯзгорон, малакаҳои истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим, эҷоди захираҳои рақамии таълимӣ ва ташкили таълими фосилавиро дар бар мегирад. Ҷузъи таҳқиқотӣ барои рушди малакаҳои омӯзгорон дар таҳлили кори касбии худ, муайян ва ҳалли мушкилоти педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нигаронида шудааст.

Ҷузъи равандии амсила мантиқ ва пайдарпайии кори методиро бо омӯзгорон муайян мекунад. Раванди рушди касбӣ марҳилаҳои ташхисӣ, тарҳрезӣ, фаъолиятӣ ва арзёбии рефлексивиро дар бар мегирад. Марҳилаи ташхисӣ муайян кардани сатҳи салоҳияти касбии омӯзгор, ниёзҳо ва мушкилоти онҳо дар фаъолияти касбӣ ва ҳавасмандии онҳо барои рушди касбиро дар бар мегирад.

Марҳилаи тарроҳӣ таҳияи нақшаи рушди касбии инфиродии омӯзгор, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои кори методӣ ва интихоби шаклҳо ва усулҳои беҳтарини рушди касбиро дар бар мегирад. Марҳилаи фаъолиятӣ дар амал ҷорӣ намудани фаъолиятҳои банақшагирифташуда, иштироки фаъоли омӯзгор дар шаклҳои гуногуни кори методӣ, ба даст овардани дониш ва малакаҳои нав ва татбиқи онҳоро дар амалия дар бар мегирад.

Марҳилаи рефлексивӣ-арзёбӣ барои таҳлили натиҷаҳои рушди касбӣ, арзёбии тағйирот дар салоҳияти касбии омӯзгор ва муайян кардани самтҳои такмили минбаъда нигаронида шудааст. Ин марҳила пайвастагии раванди

рушди касбиро таъмин мекунад ва заминаро барои банақшагирии давраи ояндаи кори методӣ фароҳам меорад.

Ҷузъи технологии амсила усулҳо ва воситаҳои татбиқи кори методиро муайян мекунад. Он аз технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ роҷеъ ба рушди касбии омӯзгорон таркиб ёфтаст.

Технологияҳои анъанавӣ лексияҳо, семинарҳо, практикумҳо (машғулиятҳои амалӣ), дарсҳои кушод ва иттиҳодияҳои методиро, ки мубрамии худро дар шароити мутобиқшавӣ ва навсозӣ нигоҳ медоранд, дар бар мегиранд.

“Технологияҳои инноватсионӣ таълими фосилавӣ, вебинарҳо, конфронсҳои маҷозӣ, иттиҳодияҳои методои виртуалӣ, платформаҳои таълимии рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоии касбиро дар бар гирифта, мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Технологияҳои таълимии ғайрирасмӣ ва ғайрианъанавӣ имкон медиҳанд тавассути фаъолиятҳои ҳаррӯза, муошират бо ҳамкорон ва омӯзиши мустақилонаи адабиёти касбӣ рушди касбӣ ба даст оварда шавад” [5, С. 175].

Ҷузъи захиравии амсила захираҳои инсонӣ, логистикӣ, иттилоотӣ, методологӣ ва молиявиро, ки барои фаъолияти самараноки хадамоти методӣ заруранд, дар бар мегирад. Захираҳои инсониро мушовирон, мураббиён, коршиносон ва мушовиронеро таркиб медиҳанд, ки бояд салоҳияти баланди касбӣ, тафаккури инноватсионӣ ва қобилияти кор бо аудиторияи калонсолонро дошта бошанд.

Захираҳои моддӣ ва техникӣ таъмини бино барои гузаронидани фаъолиятҳои методӣ, таҷҳизоти муосир, воситаҳои техникии таълимӣ ва дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар бар мегиранд. Захираҳои иттилоотӣ ва методӣ аз китобхонаҳо, китобхонаҳои медиавӣ, пойгоҳҳои додаҳо, платформаҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ дар форматҳои гуногун иборат мебошад.

Ҷузъи идоракунии амсилаи мазкур принсипҳо ва механизмҳои идоракунии хадамоти методиро муайян мекунад. Идоракунӣ бар асоси

принсипҳои демократикунонӣ, ғайримарказикунонӣ ва равиши иштирокӣ асос ёфтааст, ки иштироки фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори методиро дар қабули қарорҳо дар назар дорад. Услуби демократии идоракунӣ фазои эҷодиро фароҳам меорад, ҳавасмандии иштирокчиёнро афзоиш медиҳад, ташаббус ва истиқлолиятро инкишоф медиҳад.

Муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқот бо маълумоти байналмилалӣ нишон медиҳад, ки амсилаи таҳияшуда бо тамоюлҳои кунунии рушди хадамоти методии мамлакатҳои гуногун мувофиқ аст. Хусусан равишҳои монанд дар низомҳои таълимии Финландия, Сингапур ва Канада мушоҳида мешаванд, ки дар он ҷо онҳо инчунин ба рушди касбии фардӣ барои омӯзгорон таъкид мекунанд.

Ҷадвали 75. *Муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ*

Мамлакат	**Равишҳои асосӣ**	**Монандиҳо бо амсилаи муаллифӣ**	**Тафовутҳо**
Финляндия	Мустақилияти мактабҳо равиши таҳқиқотӣ	Таваҷҷуҳ ба фаъолияти таҳқиқотӣ	Сатҳи баланди ғайримарказикунонӣ
Сингапур	Равиши системанокӣ, технология	Истифодаи ТИК, системанокӣ	Марказкунонии қатъӣ
Канада	Ҳамкориҳои шабакавӣ, фарогирӣ	Лоиҳаҳои шабакавӣ, фардикунонӣ	Сохтори федеративии система
Кореяи ҷанубӣ	Навоварӣ, рақобатпазирӣ	Шаклҳои инноватсионии кор	Сатҳи баланди рақобат

Таҷрибаи байналмилалӣ, ки аз тарафи мо дар давоми таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифт, эътибори равишҳои интихобкардаро тасдиқ мекунад ва мутобиқати амсилаи таҳияшударо бо тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар рушди таҳсилоти омӯзгорӣ нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда самаранокии амсилаи таҳияшудаи хадамоти методӣ ва потенсиали назарраси онро барои беҳтар кардани системаи рушди касбии омӯзгорон дар шароити мубрами муосири таълимӣ ба таври боварибахш исбот менамояд.

Хулосаи боби сеюм

Таҳқиқоти озмоишии аз тарафи мо анҷом додашуда самаранокии амсилаи таҳияшудаи хадамоти методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба беҳтар кардани салоҳияти касбии омӯзгорон дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ба таври боварибахш тасдиқ кард. Натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда, ки 24 муассисаи таълимиро дар чор минтақаи кишвар фаро гирифт, тағйироти мусбати аз ҷиҳати оморӣ назаррасро дар ҳама меъёрҳои омӯхташудаи салоҳияти касбии омӯзгорон нишон доданд.

Бешубҳа, натиҷаҳои таъсирбахштарин дар рушди салоҳияти таҳқиқотии омӯзгорон ба даст оварда шуданд. Дар он афзоиши 1,2 хол аз рӯйи ҷадвали баҳодиҳии чорхолӣ ба даст оварда шуд, ки самаранокии баланди ҷалби омӯзгоронро ба фаъолияти фаъоли таҳқиқотӣ тавассути гурӯҳҳои эҷодӣ ва тарҳрезӣ нишон медиҳад. Тағйироти назаррас дар соҳаи салоҳияти иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ низ мушоҳида шуданд. Дар он афзоиш ба 1,1 хол расид, ки ин бо истифодаи мунтазами технологияҳои рақамӣ дар ҳама шаклҳои кори методӣ шарҳ дода мешавад.

Таҳлили сифатии маълумоти нишон дод, ки татбиқи бомуваффақияти амсилаи пешниҳодшуда асосан аз маҷмуи шароитҳои ташкилӣ ва педагогӣ, аз ҷумла дастгирии маъмурияти муассисаи таълимӣ, мавҷудияти мушовирони ҳавасманд, фазои мусоиди психологӣ дар байни кормандони омӯзгорӣ ва дастгирии кофии моддиву техникӣ муайян карда мешавад. Таҳлили коррелятсионӣ (муносибатҳои мутақобила) робитаҳои зичи байни ҷузъҳои гуногуни салоҳияти касбиро ошкор кард, ки ин хусусияти системавии тағйиротро тасдиқ мекунад.

Яке аз омилҳои муҳим ин тағйироти мусбат дар салоҳияти касбии омӯзгорони гурӯҳи озмоишӣ мебошад, ки ба сифати раванди таълим ва дастовардҳои таълимии хонандагон мустақиман таъсир расониданд. Ба андешаи мо, афзоиши аз ҷиҳати оморӣ назарраси фаъолияти таълимӣ, сифати

дониш ва холҳои миёнаи аттестатсияи ниҳоии давлатӣ дар муассисаҳои озмоишӣ аҳамияти амалии амсилаи таҳияшударо барои беҳтар кардани тамоми низоми таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври боварибахш нишон медиҳад.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои дар гурӯҳҳои синну соли гуногуни омӯзгорон бадастовардашуда умумияти равишҳои пешниҳодшударо нишон дод, гарчанде ки омӯзгорони ҷавон бо собиқаи кории то панҷсола бештар ба усулҳои инноватсионии кори методӣ майл доштанд. Дар айни замон, динамикаи мусбат дар ҳама гурӯҳҳои синну солӣ мушоҳида карда шуд, ки ин имконияти татбиқи самараноки амсиларо дар ҳайати омӯзгорон бо сохторҳои гуногуни синну солӣ нишон медиҳад.

Таҳлили самаранокии амсила аз рӯйи минтақаҳо, ки дар доираи ин боб гузаронида шуд, фарқиятҳои муайянеро дар робита бо шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори таълимӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ошкор кард. Натиҷаҳои баландтарин дар муассисаҳои шаҳрӣ дар марказҳои минтақаҳо ба даст оварда шуда буданд, бо вуҷуди он дар ҳамаи муассисаҳои озмоишӣ тағйироти мусбат мушоҳида шуд, ки ин мутобиқшавии амсилаи таҳияшударо ба шароити гуногуни фаъолият тасдиқ мекунанд.

Таҳлили тағйироти ҳавасмандӣ нишон дод, ки татбиқи амсилаи нави хадамоти методӣ ба дарки рушди касбӣ ҳамчун раванди пайвастаи зарурӣ барои таълими самаранок мусоидат кардааст**.** Ба андешаи мо, афзоиши назарраси ҳиссаи омӯзгороне, ки сатҳи баланди ҳавасмандӣ барои рушди касбӣ доранд, шароити мусоидро барои минбаъд беҳтар кардани раванди таълим фароҳам меорад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо омилҳои асосиеро, ки ба фаъолияти самараноки хадамоти методии навшуда ҳам мусоидат мекунанд ва ҳам монеъ мешаванд,ошкор намуд, ки он барои таҳияи тавсияҳои илмии асоснокшуда доир ба беҳтар кардани татбиқи равишҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ асос мегарданд. Омилҳои муҳимтарини мусоидаткунанда дастгирии

маъмурӣ, ҳавасмандии омӯзгорон ва фазои мусоиди психологӣ буда, монеаҳои асосӣ бошанд, муносибатҳои консервативии баъзе омӯзгорон ва захираҳои маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ ба шумор мераванд.

Дар раванди таҳқиқот, ҳамчунон, таҳлили иқтисодӣ анҷом дода шуда, ки он нишон дод, хароҷоти иловагии ташкили шаклҳои нави корҳои методӣ бо афзоиши самаранокии таълим ҷуброн карда мешаванд, таъсири иҷтимоӣ, бошад, дар афзоиши эътибори касби омӯзгорӣ ва афзоиши қаноатмандӣ дар байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим инъикос меёбад. Натиҷаҳои пурсиши волидони хонандагон дар муассисаҳои озмоишӣ арзёбии баланди онҳоро дар афзоиши назарраси сифати хизматрасонии таълимӣ тасдиқ карданд.

Устувории натиҷаҳои бадастомада тавассути пурсиши пайгирӣ, ки пас аз шаш моҳи анҷоми марҳилаи асосии озмоиш гузаронида шуд, тасдиқи худро ёфтанд.

Х У Л О С А

Дар ҷамъбасти таҳқиқот роҷеъ ба натиҷаҳои кори анҷомдодашуда хулосаҳои зарурӣ пешкаш карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили назариявии дар доираи ин таҳқиқот гузаронида шуда, метавон ба хулосае омад, ки баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорон дар шароити навсозии таълим ба муносибати маҷмӯӣ, ки таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологиро бо такмили амалии шаклҳо ва усулҳои ташкилии дастгирии касбии омӯзгорон муттаҳид мекунад, ниёз дорад. Зиддиятҳо ва мушкилоти муайянкардаи мо зарурати таҳқиқоти минбаъдаро дар ин самт, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ барои беҳсозии низоми рушди касбии кормандони омӯзгориро муайян мекунанд [1-М], [3-М].

Таҳқиқоти анҷомдодашудаи асосҳои методӣ, принсипҳои консептуалӣ ва ҷузъҳои амсилаи муаллифии хидмати методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳимро таҳия карда, аҳамияти илмӣ ва амалии амсилаи таҳияшударо барои беҳтар кардани низоми рушди касбии омӯзгорон муайян намоем. Бояд қайд кард, ки амсилаи таҳиягардида равиши инноватсиониро барои ташкили хадамоти методӣ ифода карда, гузаришро аз амсилаи анъанавии камсамари рушди касбӣ ба амсилаи самараноки рушди касбӣ, ки ба рушди неруи эҷодии омӯзгорон, қобилияти онҳо барои навоварӣ ва ҳалли мустақилонаи мушкилоти касбӣ нигаронида шудааст, осон мегардонад. Ин амсила барои рушди муттасили касбии омӯзгорон шароит фароҳам меорад, ниёзҳо ва хусусиятҳои инфиродии онҳоро ба назар мегирад ва дастрасӣ ва сифати дастгирии методиро таъмин мекунад [2-М].

Аҳамияти амалии амсилаи таҳияшуда дар татбиқи он барои беҳтар кардани хадамоти методии муассисаҳои таълимии намудҳо ва сатҳҳои гуногун, мутобиқ кардани он ба шароити мушаххаси минтақаҳо ва мактабҳои мушаххас ва ҳамгироии он ба низоми рушди касбии омӯзгорон зоҳир меёбад. Амсила метавонад ҳамчун асос барои таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии

танзимкунандаи фаъолияти хадамоти методӣ, ташкили маҷмӯаи таълимӣ ва методӣ барои тайёр кардани мутахассисони хадамоти методӣ ва ташкили таҳқиқот дар соҳаи рушди касбии омӯзгорон хизмат кунад [2-М], [4-М].

Корҳои озмоишии дар доираи таҳқиқот гузароинадшударо ҷамъбаст намуда, қайд кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи мо фарзияи пешниҳодшударо пурра тасдиқ мекунанд ва самаранокии баланди амсилаи хдамоти методии таҳияшударо нишон медиҳанд. Давраи озмоишии дусола, бешак, ба мо имкон дод, ки на танҳо пешниҳодҳои назариявиро дар амал санҷем, балки инчунин нозукиҳои сершумори марбут ба фаъолияти амалии амсилаи инноватсионӣ дар шароити мушаххаси низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ муайян кунад [3-М].

Пеш аз ҳама, мехоҳам таъкид кунам, ки ташкили чунин як озмоиши бузурги педагогӣ саъю кӯшиши бузург ва омодагии дақиқро талаб мекард. Кор бо бисту чор муассисаи таълимӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҷойгиранд, як мушкили мураккаби ташкилиро ба миён овард. На танҳо таъмини ягонагии равишҳои методӣ ва воситаҳои ташхисӣ, балки ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси ҳар як муассисаи алоҳида, захираҳои моддӣ ва техникӣ, захираҳои инсонӣ ва шароити иҷтимоию фарҳангии он низ зарур буд [4-М].

Махсусан муҳим он аст, ки намунаи мо муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун - мактабҳои шаҳру деҳот, литсейҳову гимназияҳо ва мактабҳои бисёрзабона ва гуногунфарҳангиро дар бар мегирифт**.** Ин гуногунрангӣ, бешубҳа, корҳои озмоиширо мураккаб кунад ҳам, бо вуҷуди он маҳз ҳамин имкон дод, ки тасвири объективонаи самаранокии амсилаи пешниҳодшуда дар шароити гуногуни фаъолият ба даст оварда шавад [2-М].

Натиҷаҳои марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш хеле ошкоркунанда ва то андозае ҳатто нигаронкунанда буданд. Сатҳи ибтидоии салоҳияти касбии муайяншуда дар байни омӯзгорони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ мушкилоти назаррасро дар низоми рушди касбии омӯзгорон нишон дод. Холҳои паст, махсусан, дар соҳаҳои таҳқиқот ва салоҳияти иттилоотӣ ва

коммуникатсионӣ мушоҳида шуданд, ки ин бевосита ба самти анъанавии кори методӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ вобаста аст. Дар айни замон, набудани фарқиятҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар марҳилаи аввал заминаи боэътимодро барои таҳлили муқоисавии минбаъда фароҳам овард ва ба мо имкон дод бо итминон хулоса барорем, ки намуна дуруст интихоб шудааст [1-М], [4-М].

Марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш, ки якуним сол давом кард, барои ҳамаи иштирокчиёни таҳқиқот як озмоиши воқеӣ буд**.** Татбиқи амсилаи нави хидматрасонии методӣ тағдиди назари шаклҳо ва усулҳои анъанавии кор, инчунин тағир додани унсурҳои муқарраршударо талаб мекард. Бояд иброз дошт, ки на ҳамаи омӯзгорон ин тағйиротро бо ҷӯшухӯруш қабул намуданд. Аксари омӯзгорони мавриди озмоиш қарордошта, масусан дорои собиқаи зиёди кор, ба навовариҳо ошкоро муқовимат мекарданд, бар он далел, ки методҳои анъанавӣ замонҳои дурудароз санҷида шудаанд. Бартраф кардани ин муқовиматҳо кӯшишу талоши зиёдеро барои фаҳмонидани моҳияти тағйироти пешниҳодшуда, намоиши афзалиятҳои он, ташкили вазъҳои комёбшавӣ ба хотири тамасхурҳои омӯзгорон талаб мекард [3-М].

Вале, тадриҷан, вазъият тағйир ёфтан гирифт. Баробари ҷалб шудан ба шаклҳои нави кори методӣ - гурӯҳҳои эҷодӣ, дарсҳои маҳорат, лоиҳаҳои шабакавӣ, омӯзгорон афазалияти ин шаклҳоро аз равишҳои анъанавӣ дарк карданд. Махсусан, он муҳим буд, ки шаклҳои нави кор ба омӯзгорон имкон доданд, на танҳо тавсияҳои методии тайёрро гиранд, балки худашон мустақилона роҳҳои ҳали мушкилоти касбиро ҷустуҷӯ намоянд, байни худ табодули таҷриба кунанд, дар ҷараёни фаъолияти амалӣ технологияҳои навро омӯзанд. Маҳз чунин мавқеи фаъоли омӯзгорон, аз шунавандаи пассив ба иштирокчии фаъоли кори методӣ табдил ёфтани онҳо, ин худ дастоварди асосии озмоиш ба шумор меравад.

Натиҷаҳои марҳилаи назоратии озмоиш ҳатто аз интизориҳои оптимистӣ зиёдтар буданд. Тафовутҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ҳама параметрҳои салоҳиятмандии

касбии омӯзгорон сабт шудаанд. Тағйироти аз ҳама таъсирбахш дар самти салоҳияти таҳқиқотӣ буданд, ки дар он афзоиш аз рӯйи ҷадвали чорбалла беш аз як холро ташкил медод. Ин натиҷа махсусан муҳим аст, зеро салоҳияти таҳқиқотӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки фаъолияти касбии худро дарк намоянд, мушкилотро муайян созанд ва роҳҳои ҳалро пайдо карда, кори худро пайваста такмил диҳанд. Асосан, ин рушди қобилияти омӯзгоронро барои тафаккури касбӣ дар бар мегирад, ки асоси рушди касбии муттасил мебошад [3-М], [4-М].

Самти калидии рушди минбаъдаи амсила ҳамгироии пурратари кори методӣ бо фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорон мебошад. Иштироки омӯзгорон дар лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, гузаронидани таҷрибаҳои педагогӣ ва нашри натиҷаҳои онҳо дар маҷаллаҳои касбӣ ба рушди мавқеи таҳқиқотӣ, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва баланд бардоштани мақоми касбии онҳо мусоидат мекунад. Фароҳам овардани шароит барои фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорон, аз ҷумла ташкили семинарҳои илмӣ ва методии мактабӣ, дастгирии фаъолияти нашр ва ҳавасмандгардонӣ барои иштирок дар конфронсҳо, вазифаи муҳими хадамоти методологӣ ба ҳисоб меравад [2-М].

Натиҷаҳои озмоиш ба таври эътимоднок нишон доданд, ки муваффақияти рушди касбии омӯзгорон асосан аз қобилияти онҳо барои ташкил ва худтанзимкунӣ муайян карда мешавад. Омӯзгороне, ки қодиранд рушди касбии худро ба нақша гиранд, ҳадафҳои мушаххас муқаррар кунанд ва фаъолиятҳои худро барои ноил шудан ба онҳо равона намоянд, натиҷаҳои баландтар нишон доданд. Ин зарурати рушди малакаҳои худидоракунӣ, идоракунии вақт ва муайян кардани ҳадафҳоро дар омӯзгорон нишон медиҳад, ки бояд яке аз самтҳои кори хадамоти методӣ гардад [4-М].

Натиҷаҳои таҳлили тағйирот дар худбаҳодиҳии касбии омӯзгорони гурӯҳи озмоишӣ хеле назаррас буданд. Дар аввали озмоиш бисёре аз омӯзгорон ё худбаҳодиҳии пастро, ки ба набудани эътимоди онҳо ба қобилиятҳои касбии худ вобаста буд, ё баръакс, худбаҳодиҳии баланд ва ғайританқидӣ нишон доданд. То охири озмоиш, аксари омӯзгорон

худбаҳодиҳии касбии мувофиқтар ва воқеитарро инкишоф доданд, ки ба фаҳмиши объективии қувват ва самтҳои рушди касбии худи онҳо асос ёфтааст. Чунин худбаҳодиҳии муносиб шарти муҳими рушди босамари касбӣ мебошад [4-М].

Натиҷаҳои озмоиш, инчунин, аҳамияти эҷоди системаи дастгирии психологии омӯзгоронро ҳангоми рушди касбии онҳо нишон доданд. Азхудкунии салоҳиятҳои нав ва тағйир додани роҳҳои шиносшавӣ бо кор аксар вақт бо изтироб, тарси нокомӣ ва муқовимат ба тағйирот мегузашт. Дастгирии психологӣ - аз ҷониби маъмурият, ҳамкорон ва психологҳои касбӣ - ба омӯзгорон кӯмак мекунад, ки ин мушкилотро паси сар кунанд ва навовариро бомуваффақият қабул намоянд. Барои рушди самараноки касбӣ фароҳам овардани муҳити бехатари равонӣ, ки дар он омӯзгорон аз хато кардан ва озмоиш намудан наметарсанд, муҳим аст [2-М], [3-М].

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, метавон бо итминон гуфт, ки амсилаи хадамоти методии таҳияшуда воситаи муассир барои рушди касбии кормандони омӯзгорӣ буда, тақозои таҳсилоти муосир аст. Натиҷаҳои бадастомад ба таври боварибахш нишон медиҳанд, ки ташкили муназзам ва аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи кори методӣ, ки ба принсипҳои фардисозӣ, равиши ба амал нигаронидашуда ва мутассилӣ асос ёфтааст, метавонад салоҳиятмандии касбии омӯзгоронро ба таври назаррас афзоиш диҳад ва дар натиҷа сифати таълимро баланд бардорад. Ҳамзамон, таҳқиқот як қатор муаммову масъалаҳоеро низ муайян кард, ки омӯзиши минбаъдаро талаб карда, дурнамои таҳқиқоти минбаъдаро дар ин самт нишон медиҳанд.

Тавсияҳо барои татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот:

Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки татбиқи бомуваффақияти амсила асосан аз омодагии маъмурияти муассиса барои татбиқи тағйироти системавӣ дар ташкили корҳои методӣ вобаста аст. Ба андешаи мо, дастгирии маъмурӣ асоси бунёди ҳамаи корҳои минбаъда мегардад. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо эҷоди муҳити созгору ҳавасмандкунанда оғоз кунанд, то ки дар он омӯзгорон худро на ҳамчун

объекти назорат, балки иштирокчиёни фаъол дар раванди рушди касбӣ ҳис намоянд.

Бар андешаи мо тадриҷан ҷорӣ намудани усулҳои нави кори методӣ махсусан муҳим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки тағйироти куллӣ аксар вақт бо муқовимати ҳайати омӯзгорон, махсусан дар байни омӯзгороне, ки собиқаи баланди корӣ доранд, рӯбарӯ мешаванд. Аз ин рӯ, оғоз кардани лоиҳаҳои озмоишӣ дар иттиҳодияҳои методии алоҳида, ки дар он бештар омӯзгорони ҳавасманд барои кори таҷрибавӣ омодаанд, оқилонатар аст. Ин равиш имкон медиҳад, ки тадриҷан муносибати мусбат нисбат ба навовариҳо ташаккул ёбад ва самаранокии амалии онҳо нишон дода шавад.

Роҷеъ ба кори омӯзгорони ҷавон қайд карданием, ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ин гурӯҳи омӯзгорон ба усулҳои инноватсионии таълим бештар майл доранд. Аз ин рӯ, барои онҳо барномаҳои махсуси рушди касбӣ эҷод кардан қобили қабул аст, то ки ниёзҳо ва қобилиятҳои беназири онҳо ба назар гирифта шаванд. Аз ҷумла, омӯзгорони ҷавон махсусан ба фикру мулоҳизаҳои мунтазами ҳамкорони ботаҷриба, имконияти мушоҳидаи дарсҳои маҳорати устодон ва иштирок дар лоиҳаҳои муштарак аҳамият медиҳанд. Дар айни замон, муҳим аст, ки аз ҳимояи аз ҳад зиёд, ки метавонад ташаббус ва эҷодкории омӯзгорони навкорро боздорад, худдорӣ кард.

Ба ақидаи мо, ҷалби омӯзгорони ботаҷриба ба идоракунии соҳаҳои гуногуни кори методӣ, роҳнамоӣ ва корҳои экспертӣ самаранок аст. Ин имкон медҳад, ки на танҳо аз таҷрибаи васеи касбии онҳо истифода бурда шавад, балки ҳавасмандии онҳо барои рушди касбӣ низ дастгирӣ ёбад. Муҳим аст, ки барои чунин омӯзгорон имкониятҳо фароҳам оварда шаванд, то онҳо потенсиали касбии худро ба сатҳи нав инкишоф диҳанд ва ба онҳо вазифаҳои ҷолиб ва пурмазмун пешниҳод гардад.

Ба андешаи мо, ҳавасмандгардонии моддӣ барои иштироки омӯзгорон дар кори методӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Гарчанде ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки ҳавасмандгардонии моддӣ омили

муайянкунандаи ҳавасмандгардонии омӯзгорон барои рушди касбӣ нестанд, нақши онҳоро набояд сарфи назар кард. Мо тавсия медиҳем, ки системаи пардохтҳои ҳавасмандгардоние таҳия карда шавад, ки саҳми ҳар як омӯзгорро дар кори методии муассиса ба назар гирад. Ғайр аз ин, меъёрҳои арзёбӣ бояд барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим шаффоф ва фаҳмо бошанд.

Ҷанбаи муҳими татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот ташкили мониторинги самаранокии кори методӣ мебошад. Бар ақидаи мо таъсиси системаи арзёбии мунтазами рушди касбии омӯзгорон, ки ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ дорад, зарур мебошад. Мониторинг набояд ба ҳадафи худӣ ё воситаи фишори маъмурӣ табдил ёбад, ҳадафи асосии он гирифтани маълумот барои танзим ва беҳтар кардани кори методӣ мебошад.

Дар мавриди истифодаи натиҷаҳои тадқиқот дар рушди касбӣ, мо бар он ақидаем, ки аз амсилаи анъанавии курсҳои кӯтоҳмуддат даст кашида, ба шаклҳои чандиртар ва фардитари рушди касбӣ гузаштан мувофиқи мақсад аст. Як равиши муассир метавонад эҷоди роҳҳои инфиродии таълимӣ барои ҳар як омӯзгор бо назардошти ниёзҳои касбӣ, манфиатҳо ва нақшаҳои касбии ӯ бошад. Ҳамчунин муҳим аст, ки шаклҳои гуногуни омӯзиш, якҷоя кардани дарсҳои рӯ ба рӯ ва фосилавӣ ва кори гурӯҳӣ бо машваратҳои инфиродӣ таъмин карда шаванд.

Ҳамчунин муҳим аст, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ дар дохили ҳайати омӯзгорон диққат диҳем. Таҷриба нишон медиҳад, ки фазои эътимод ва дастгирии мутақобила барои рушди касбии омӯзгорон муҳим аст. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки ҷаласаҳои махсуси омӯзишии дастаҷамъӣ, ташкили вохӯриҳои ғайрирасмии омӯзгорон ва фароҳам овардани имкониятҳо барои фароғат ва фаъолиятҳои муштараки фарҳангӣ баргузор карда шаванд. Ҳамаи ин ба ташаккули ҷамъияти касбӣ мусоидат мекунад, ки дар он омӯзгорон худро роҳат ҳис мекунанд ва омодаанд андешаҳо ва нигарониҳои худро мубодила кунанд.

Натиҷаҳои тадқиқотро ҷамъбаст намуда, метавон бо итминон гуфт, ки амсилаи хидматрасонии методии таҳияшуда воситаи муассир барои рушди касбии кормандони омӯзгорӣ буда, тақозои таҳсилоти муосир аст. Тағйирот дар фарҳанги касбии омӯзгорон тадриҷан ба амал меояд ва муҳим аст, ки ин равандро маҷбур накунем, балки барои рушди табиии касбии ҳар як омӯзгор шароит фароҳам оварем. Дар хотир доштан муҳим аст, ки роҳи ҳали умумӣ вуҷуд надорад - ҳар як муассисаи таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд равишҳои пешниҳодшударо ба шароит ва хусусиятҳои хоси худ мутобиқ созад. Умедворам, ки тавсияҳои пешниҳодшуда барои мутахассисон муфид буда, барои беҳтар шудани кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ мусоидат хоҳанд кард.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдуллоева Ш.Т. Наставничество как форма профессионального развития педагогов в системе образования Таджикистана // Вестник Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. 2023. № 1. – С. 78-84.

2. Абитов, Р. Н. Пути повышения валидности и повторяемости экспериментальных педагогических исследований / Р. Н. Абитов // Казанский педагогический журнал. – 2022. – № 4(153). – С. 79-90.

3. Адольф В.А. Профессиональная компетентность современного учителя: монография. Красноярск: РИО КГПУ, 1998. – 310 с.

4. Адольф В.А. Теоретические основы формирования профессиональной компетентности будущего учителя: автореф. дис. ... д-ра пед. наук. М., 1998. – 49 с.

5. Азизов, А. А. История развития системы дистанционного образования / А. А. Азизов, П. А. Латипова // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – № 2. – С. 172-179.

6. Алехина С.В. Готовность педагогов как основной фактор успешности инклюзивного процесса в образовании // Психологическая наука и образование. 2011. № 1. – С. 83-92.

7. Амзина, Ю. А. Организация методической работы в общеобразовательном учреждении с применением информационно-коммуникационных технологий / Ю. А. Амзина // Молодой ученый. – 2023. – № 4(451). – С. 146-149.

8. Ананьев, Б. Г. К психофизиологии студенческого возраста [Текст] / Б. Г. Ананьев // Современные психолого-педагогические проблемы высшей школы / под ред. Б. Г. Ананьева, Н. В. Кузьминой. – Вып. 2. – Л. : Изд-во Ленингр. ун-та, 1974. – С. 3– 15

9. Андреева И.Н. Эмоциональный интеллект как феномен современной психологии. Новополоцк: ПГУ, 2011. – 388 с.

10. Арипова, М. Р. Организация взаимодействия участников образовательного процесса в условиях информатизации образования Республики Таджикистан / М. Р. Арипова // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2024. – № 4(54). – С. 241-246.

11. Ахмедова, Н.Р. Система наставничества в школах Таджикистана / Н.Р. Ахмедова // Наставничество в образовании. - 2022. - № 6. - С. 12-19.

12. Бабанский, Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований : дидактический аспект / Ю.К. Бабанский. – Москва : Педагогика, 1982. – 192 с.

13. Байденко В. Компетенции в профессиональном образовании (К освоению компетентностного подхода) // Высшее образование в России. 2004. № 11. С. 3-13 // Психология обучения. – 2005. – № 10. – С. 2.

14. Байдуллоев, А. И. Состояние и влияние образовательной среды в системе высшего профессионального образования республики Таджикистан / А. И. Байдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – № 8. – С. 180-185.

15. Белановский С.А. Глубокое интервью: Учебное пособие.. - М.: Никколо-Медиа, 2001 - 320 С.

16. Белокуренко, Н. С. Метод анкетирования в статистике / Н. С. Белокуренко, А. И. Кремкова // Электронный научный журнал. – 2020. – № 5(34). – С. 140-141.

17. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М.: Педагогика, 1989. – 192 с.

18. Блауберг, И.В. Философский принцип системности и системный подход Текст. / И.В. Блауберг, В.Н. Садовский, Э.Г.Юдин // Вопросы философии.- 1978.- №9. – С. 103-115.

19. Бодалев А.А. Вершина в развитии взрослого человека: характеристики и условия достижения. М.: Флинта, 1998. – 168 с.

20. Бондаревская Е.В. Смыслы и стратегии личностно-ориентированного воспитания // Педагогика. 2001. № 1. – С. 17-24.

21. Бондаревская Е.В. Теория и практика личностно-ориентированного образования. Ростов-на-Дону: Издательство Ростовского педагогического университета, 2000. – 352 с.

22. Бордовская Н.В. Педагогика. СПб.: Питер, 2000. – 304 с.

23. Боровикова, П. А. Структура и организация методической работы в общеобразовательных школах / П. А. Боровикова, С. А. Травина // Интернаука. – 2021. – № 21-2(197). – С. 8-9.

24. Брушлинский, А. В. С. Л. Рубинштейн - родоначальник деятельностного подхода в психологической науке / А. В. Брушлинский // Психологический журнал. – 1989. – Т. 10, № 3. – С. 43-59.

25. Быкова, И. В. Социальная ответственность и этика в педагогической деятельности вузов РФ / И. В. Быкова, Е. В. Удовенко // Управление образованием: теория и практика. – 2024. – № 1-2. – С. 204-211.

26. Василькова, Т.А. Основы андрагогики: учеб. пособие / Т.А. Василькова. – М.: КНОРУС, 2009. – 256 с.

27. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход. М.: Высшая школа, 1991. – 207 с.

28. Вершловский С.Г. Взрослый как субъект образования // Педагогика. 2003. № 8. – С. 3-8.

29. Вершловский С.Г. Непрерывное образование: Историко-теоретический анализ феномена. СПб.: СПбАППО, 2008. – 155 с.

30. Герасимова, Е. Н. Организация методического сопровождения учителей в общеобразовательной школе / Е. Н. Герасимова // Школа будущего. – 2024. – № 5. – С. 18-27.

31. Государственные стандарты общего образования Республики Таджикистан. - Душанбе: МОН РТ, 2018.

32. Грабова, И. Н. Теоретические аспекты методического объединения общеобразовательной школы / И. Н. Грабова // Вестник науки. – 2021. – Т. 1, № 6-1(39). – С. 31-37.

33. Деркач А.А. Акмеологические основы развития профессионала. М.: Издательство Московского психолого-социального института; Воронеж: НПО "МОДЭК", 2004. – 752 с.

34. Деркач А.А., Кузьмина Н.В. Акмеология: пути достижения вершин профессионализма. М.: РАУ, 1993. – 23 с.

35. Дружилов С.А. Профессиональная компетентность и профессионализм педагога: психологический подход // Сибирь. Философия. Образование. 2021. № 8. – С. 26-44.

36. Друкер Питер Ф. Задачи менеджмента в XXI веке. – М.: Издательский дом «Вильямс», 2004. – 74 с

37. Елизаров А.А. Цифровая трансформация образования // Дистанционное и виртуальное обучение. 2020. № 2. – С. 5-15.

38. Жарков А. Д. Учение фельдштейна Д. И. - основа для развития теории социально-культурной деятельности // Гуманитарное пространство. 2018. №1. – С. 103-117.

39. Загвязинский В.И. Исследовательская деятельность педагога. М.: Академия, 2006. – 176 с.

40. Загвязинский В.И. Педагогика: учебник для студентов учреждений высшего профессионального образования. М.: Издательский центр «Академия», 2018. - С. 156

41. Загвязинский, В.И. Методология и методы психолого-педагогического исследования / В.И. Загвязинский, Р. Атаханов. – М.: Академия, 2012. – 208 с.

42. Загвязинский, В.И. Теория обучения: современная интерпретация / В.И. Загвязинский. – М.: Академия, 2001. – 192 с.

43. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 17 мая 2004 года № 34 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2004. - № 5.

44. Закон Республики Таджикистан от 22 июля 2004 года № 59 «Об образовании».

45. Замятин, Д. Н. Университет и город: геокультурная миссия. Экспертное интервью / Д. Н. Замятин, С. С. Аванесов // Urbis et Orbis. Микроистория и семиотика города. – 2024. – Т. 4, № 2. – С. 201-216.

46. Замятина, Е. И. Интервьюирование как один из рефлексивных методов педагогического исследования / Е. И. Замятина, К. В. Салдаева, А. Я. Кузнецова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2019. – № 12. – С. 149-152.

47. Зеер Э.Ф. Психология профессий. М.: Академический Проект; Екатеринбург: Деловая книга, 2003. – 336 с.

48. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования // Высшее образование сегодня. 2003. № 5. – С. 34-42

49. Зимняя И.А. Компетентностный подход. Каково его место в системе современных подходов к проблемам образования? (теоретико-методологический аспект) // Высшее образование сегодня. 2006. № 8. – С. 20-26

50. Змеев С.И. Андрагогика: основы теории, истории и технологии обучения взрослых. М.: ПЕР СЭ, 2007. – 272 с.

51. Змеев, С.И. Технология обучения взрослых: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / С.И. Змеев. – М.: Издательский центр «Академия», 2002. – 128 с.

52. Змеев, С.И. Технология обучения взрослых: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / С.И. Змеев. – М.: Издательский центр «Академия», 2002. – 128 с.

53. Исаев И.Ф. Профессионально-педагогическая культура преподавателя. М.: Академия, 2020. – 208 с.

54. Кабилов, Ш. С. Методология выбора индикаторов образования для информационной системы управления образования Республики Таджикистан / Ш. С. Кабилов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2024. – № 3(67). – С. 53-58.

55. Каракозов С.Д., Рыжова Н.И. Информационная образовательная среда школы как условие реализации основной образовательной программы // Педагогическая информатика. 2016. № 2. – С. 3-15.

56. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество, культура. - М.: ГУ-ВШЭ, 2000. - С.175.

57. Каххоров, Д. Г. Перспективные направления сотрудничества Российской Федерации и Республики Таджикистан в сфере науки и образования / Д. Г. Каххоров, П. П. Фантров, О. А. Яковлева // Вестник Таджикского национального университета. – 2025. – № 4. – С. 189-197.

58. Квале С. Исследовательское интервью / С. Квале. - Москва : Смысл, 2009.

59. Кларин М.В. Педагогическая технология в учебном процессе. М.: Знание, 1989. – 80 с.

60. Коджаспирова Г.М. Словарь по педагогике. М.: ИКЦ "МарТ"; Ростов-на-Дону: Издательский центр "МарТ", 2005. – 448 с.

61. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 1994. - № 3.

62. Корогод, Н. П. Жалпы білім беру мектеп оцушіларытың биологияты оқыту үдерісітде жаратытыстану сауаттылыгыт арттыру барысытда әдістемелік құрал қолдану / Н. П. Корогод, С. Е. Жұматаева, А. Д. Оспанова // Қазақстанның биологиялық ғылымдары. – 2024. – No. 2. – P. 45-54.

63. Коулман Дж. Капитал социальный и человеческий // Общественные науки и современность. 2001. № 3. С. 122-139.

64. Кузьмина Н.В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. М.: Высшая школа, 1990. – 119 с.

65. Кузьмина Н.В. Способности, одаренность, талант учителя. Л.: Знание, 1985. 32 с.

66. Кузьмина Н.В., Реан А.А. Профессионализм педагогической деятельности. СПб.: Рыбинск, 1993. – 54 с.

67. Курбонов, Н. Х. Проблема психологического здоровья педагога средних общеобразовательных учреждений в образовательном пространстве Таджикистана (социально-психологический анализ) / Н. Х. Курбонов // Вестник Института развития образования. – 2023. – № 3(43). – С. 87-96.

68. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании // Школьные технологии. 2004. № 5. – С. 3-12.

69. Леонтьев А.Н., ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ. СОЗНАНИЕ. ЛИЧНОСТЬ М.: Политиздат, 1975. - 130 с.

70. Люсин Д.В. Современные представления об эмоциональном интеллекте // Социальный интеллект: теория, измерение, исследования. М.: Институт психологии РАН, 2004. – С. 29-36.

71. Маркова А.К. Психология профессионализма. - М.: Международный гуманитарный фонд «Знание», 1996. 312 с.

72. Маркова А.К. Психология профессионализма. М.: Международный гуманитарный фонд "Знание", 1996. – 308 с.

73. Маркова А.К. Психология труда учителя: книга для учителя. М.: Просвещение, 1993. – 192 с.

74. Махмудов А.К. Зарубежные амсилаи повышения квалификации педагогов: возможности применения в Таджикистане // Педагогическое образование и наука. 2023. № 1. – С. 78-85.

75. Методология и методы психолого-педагогического исследования : учебное пособие / В.И. Загвязинский, Р. Атаханов. – Москва : Академия, 2001. – 208 с.

76. Митина Л.М. Психология профессионального развития учителя. М.: Флинта, 1998. – 200 с.

77. Митина Л.М. Психология труда и профессионального развития учителя. М.: Академия, 2004. – 320 с.

78. Митина Л.М. Учитель как личность и профессионал (психологические проблемы). М.: Дело, 1994. - 216 с.

79. Молчанов С.Г. Профессиональная компетентность в системе повышения квалификации педагогических кадров: дис. ... канд. пед. наук. Челябинск, 1996. – 193 с.

80. Муродова М.С., Формирование системы образования Республики Таджикистан в годы независимости // ELS. 2023. №1. – С. 126-131.

81. Муродова, М. С. Формирование системы образования Республики Таджикистан в годы независимости / М. С. Муродова // Endless Light in Science. – 2023. – № 1-1. – С. 126-131.

82. Назарова С.А. Ҷанбаҳои минтақавии навсозии системаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар Тоҷикистон // Бюллетени Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. № 2. саҳ. 67-74

83. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года.

84. Новиков А.М. Методология образования. Издание второе. — М.: «Эгвес»,. 2006. — 488 с.

85. Нугмонов, М. Таҳлили психологию педагогӣ ва методии истифодаи воситаҳои электронӣ дар та ълими геометрияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / М. Нугмонов, А. П. Назаров, С. С. Сафаров // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2022. – No. 3(72). – P. 125-130.

86. Отчет Министерства образования и науки Республики Таджикистан за 2023 год. Душанбе, 2024.

87. Отчет о состоянии методической работы в школах Республики Таджикистан / Институт развития образования при Академии образования Таджикистана. - Душанбе, 2023. - 156 с.

88. Отчет по проекту «Развитие образования в Таджикистане». Душанбе: Всемирный банк, 2023. – С. 45.

89. Паниотто В.И., Максименко В.С. Количественные методы в социологических исследованиях. 1982. – 272 с.

90. Петровский А.В., Ярошевский М.Г. Основы теоретической психологии. М.: Просвещение, 1998. - 528 с

91. Пираков Ф.М., Заключение Республикой Таджикистан межгосударственных соглашений и меморандумов в сфере международного образования со странами Азии // Вестник Педагогического университета. 2022. №4 (99). – С. 335-338.

92. Погорельская А.М., Погодаев Н.П., Модернизация высшего образования в таджикистане и особенности образовательного сотрудничества с Россией в 2022–2023 гг. // Вестн. Том. гос. ун-та. Философия. Социология. Политология. 2024. №78. – С. 239-248.

93. Поддуба, С. Г. Особенности реализации сопровождения профессионально-личностного развития педагогов в работе научно-методической службы общеобразовательной организации / С. Г. Поддуба // Педагогика и психология образования. – 2023. – № 4. – С. 108-122.

94. Положение об аттестации педагогических кадров системы образования Республики Таджикистан. - Душанбе: МОН РТ, 2019.

95. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан до 2030 года» от 30 июня 2012 года № 334.

96. Постановление Правительства РТ «О Положении о Министерстве образования и науки Республики Таджикистан» от 15 марта 2014 года № 147.

97. Постановление Правительства РТ «О создании Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования» от 28 августа 2010 года № 421.

98. Рахимов, А.Х. Система методической работы в образовательных учреждениях Таджикистана / А.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. - 2022. - № 3. - С. 145-152.

99. Ризоев, Э. С. Оид ба асосҳои методии тайёрии хатмкунандагони мактабҳои миёна ба таҳсилоти касбӣ / Э. С. Ризоев // "Номаи донишгоҳ" -и

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2023. – No. 3(76). – P. 129-133.

100. Садуллоева, Г. М. Демократизация образования в учреждениях среднего профессионального образования Республики Таджикистан: педагогические основы и влияние на социализацию студентов / Г. М. Садуллоева // Вестник науки. – 2025. – Т. 3, № 4(85). – С. 485-496.

101. Саидова Р.Т. Международный опыт модернизации системы повышения квалификации педагогов: уроки для Таджикистана // Сравнительная педагогика. 2023. № 2. – С. 45-53.

102. Саидова, М. Х. Анализ современного состояния и развития системы управления общеобразовательных учреждений в Республике Таджикистан / М. Х. Саидова, Ш. А. Джураева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 10-2. – С. 221-233.

103. Салимова, М.Н. Региональные особенности организации методической работы в Таджикистане / М.Н. Салимова // Образование и наука в Таджикистане. - 2023. - № 2. - С. 78-85.

104. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии. М.: Народное образование, 1998. – 256 с.

105. Семенов И.Н. Тенденции психологии развития мышления, рефлексии и познавательной активности. М.: Московский психолого-социальный институт, 2000. – 64 с.

106. Семенов И.Н., Степанов С.Ю. Рефлексия в организации творческого мышления и саморазвития личности // Вопросы психологии. 1983. № 2. – С. 35-42.

107. Сериков В.В. Образование и личность. Теория и практика проектирования педагогических систем / В.В. Сериков.- М.: «Логос», 1999. - 272 с.

108. Сластенин В.А. Профессиональная готовность учителя к воспитательной работе: содержание, структура, функционирование //

Профессиональная подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. М.: МГПИ, 1982. – С. 14-28.

109. Сластенин В.А. Формирование профессиональной культуры учителя. М.: Прометей, 1993. – 178 с.

110. Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Шиянов Е.Н. Педагогика: учебное пособие. М.: Академия, 2002. – 576 с.

111. Собиров, Р. Р. Комплексность учебно-воспитательного процесса воспитания свободы совести школьников средних общеобразовательных школ Республики Таджикистан / Р. Р. Собиров // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – № 3. – С. 208-214.

112. Татур Ю.Г. Компетентность в структуре амсилаи качества подготовки специалиста // Высшее образование сегодня. 2004. № 3. – С. 20-26.

113. Типовое положение об учебно-методических объединениях в системе высшего образования // Безопасность в техносфере. – 2015. – Т. 4, № 4. – С. 77-78.

114. Тоффлер Э. Шок будущего. М.: ООО Издательство АСТ, 2002. - 557 с.

115. Тряпицына А.П. Теория проектирования образовательных программ // Петербургская школа. Теория и практика формирования многовариантной образовательной системы. СПб.: Центр педагогической информации, 1994. С. 79-90.

116. Филипченко, А. С. Организационно-методическое обеспечение применения гаджетов на уроках в общеобразовательной школе / А. С. Филипченко, Г. Ф. Глебова // Молодёжь и наука: актуальные проблемы педагогики и психологии. – 2020. – № 5. – С. 159-170.

117. Хасанова М.И, Цифровизация образования и культуры: вызовы и перспективы // ELS. 2024. №31. – С. 49-53.

118. Хуторской А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования // Народное образование. 2003. № 2. – С. 58-64.

119. Хуторской А.В. Ключевые компетенции. Технология конструирования / А.В. Хуторской // Народное образование. – 2003. – № 5. – С. 55-61.

120. Хуторской А.В. Компетентностный подход в обучении: научно-методическое пособие. М.: Эйдос, 2020. – 73 с.

121. Чернодед, А. А. Управление организацией методической деятельностью в общеобразовательной школе / А. А. Чернодед // Академическая публицистика. – 2024. – № 10-2. – С. 488-494.

122. Чернявская С.А., Повышение квалификации научно-педагогических кадров: проблемы и перспективы // Современное педагогическое образование. 2023. №1. – С. 67-71.

123. Шадриков В. Д. От индивида к индивидуальности: Введение в психологию. – М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2009. – 656 с.

124. Шадриков В.Д. Профессиональные способности. М.: Университетская книга, 2020. – 320 с.

125. Шашкин, Д. С. Методические основы формирования у обучающихся навыков поиска информации средствами ИКТ (уровень средней общеобразовательной школы) / Д. С. Шашкин // Auditorium. – 2024. – № 3(43). – С. 1-5.

126. Швецов, Н. М. Виталий Александрович Сластенин - современная педагогическая легенда / Н. М. Швецов, М. Н. Швецова // Вестник Межрегионального открытого социального института. – 2016. – № 2(4). – С. 17-23.

127. Шиян О.М. Аутопедагогическая компетентность учителя // Педагогика. 1999. № 1. – С. 58-62.

128. Штофф В.А. Амсилаирование и философия. – М., Л.: Наука, 1966. – 302 с.

129. Ядов, В. А. Ядов В.А.: "Все зависит от нас самих" / В. А. Ядов, Б. З. Докторов // Социологический журнал. – 2014. – № 1. – С. 141-158.

130. Якиманская И.С. Личностно-ориентированное обучение в современной школе. М.: Сентябрь, 1996. – 96 с.

131. Якиманская, И. С. Личностно ориентированное обучение в современной школе / И. С. Якиманская. - М. : Сентябрь, 2002. – 96 с.

132. Berliner D.C. In pursuit of the expert pedagogue // Educational Researcher. 1986. Vol. 15. № 7. – P. 5-13.

133. Campbell D.T., Fiske D.W. Convergent and discriminant validation bythemultitraitmultimethod-matrix//Psychological Bulletin. 1959. № 56 (2). P.81–105.

134. Council of Chief State School Officers. Interstate Teacher Assessment and Support Consortium (InTASC) Model Core Teaching Standards and Learning Progressions for Teachers 1.0. Washington, DC: CCSSO, 2013.

135. Denzin N. The research act: A theoretical introduction to sociological methods. New Brunswick, NJ, 2009.

136. European Commission. Key Competences for Lifelong Learning: European Reference Framework. Luxembourg: Office for Official Publications of the European Communities, 2007.

137. Fuller F.F. Concerns of teachers: A developmental conceptualization // American Educational Research Journal. 1969. Vol. 6. № 2. – P. 207-226

138. Lee S.K., Goh C.B. Teaching and Learning: International Best Practices. Singapore: World Scientific Publishing, 2019.

139. Niemi H. Teacher professional development in Finland: Towards a more holistic approach // Psychology, Society and Education. 2015. Vol. 7. № 3. – P. 279-294.

140. Sahlberg P. Finnish Lessons 2.0: What Can the World Learn from Educational Change in Finland? New York: Teachers College Press, 2015.

141. Schön D.A. The Reflective Practitioner: How Professionals Think in Action. New York: Basic Books, 1983.

142. Van Manen M. Researching Lived Experience: Human Science for an Action Sensitive Pedagogy. London, Ontario: Althouse Press, 1990.

ИНТИШОРОТ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:

[1-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. /Сравнительный анализ традиционных и современных моделей методической службы в развитии профессиональных компетенций учителя./ Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф, №3(51), 2025. – С.177-183.

[2-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. / Кори методӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгор: таҷрибаи анъанавӣ ва равишҳои муосир./ Маҷаллаи илмии «Номаи донишгоҳ»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», №4 (85), 2025. – С.76-82.

[3-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. Муҳиддинзода Б./ Тамоюл ва равишҳои муосири ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор./ Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №3(57), 2025. – С.41-48.

[4-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. / Нақш ва вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар такмили салоҳияти касбии омӯзгор./ Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3 (61), 2026. – С. 323-328.

Б) Маводи дар дигар нашрияҳо батабърасида:

[5-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. / Методическая служба школы как условие развития профессиональной компетентности учителя / Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –амалӣ дар мавзӯи “Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2023с.

[6-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. / Обновление содержания образования как фактор развития национальной системы образования в период государственной независимости/ Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «навсозии мундариҷаи таҳсилот – омили

баландбардории сифати таълим ва тарбия дар замони истиқлолияти давлатӣ», 2025 с.

[7-М]. Маҳмадсаидзода Ш.М. / Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор/ Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Стратегияи муосири соҳаи маориф дар шароити рақамикунонӣ, таҳсилоти фарогир ва муколамаи тамаддунҳо», 2026 с.